НАШРИЁТИ «АДИБ»



САДРӢ УМАР

# РОЗИ ЗАМИН

## ПОВЕСТ

Душанбе
«Адиб»
2012

ББ- 84 Тоҷик 7-4
У – 47

Муҳаррир: *Одина Мирак*

У – 47 **Садрӣ Умар. Рози замин** (*повест*). Душанбе «Адиб», – 2012. 220 саҳ.

«Рози Замин» розест аз розҳои зиндагӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ-иҷтимоии замони муосир.

Воқеаҳои асар бо рафтору гуфтор ва кирдори марди аҷиб-Геолог-Аскар гиреҳбандӣ шудааст, ки талоши ҳақ, инсофу адолатхоҳӣ дар ботини ӯ реша давондааст; ҳамеша аз ҳуқуқи закону модарон дифоъ мекунад; ба бадтинатон оштинопазир аст.

Вале ӯ дар ҷодаи ҳақталошиҳо алайҳи печидагиҳои ҷомеаи навин дучори нокомиҳо гашта, дармони дили хеш аз парастиши шароб меҷӯяд; билохира, майпарасту майзада мешавад ва наметавонад худро аз ин дарди ногувор раҳоӣ бахшад.

Китоби мазкур ҳамчунин аз «Ҳикоёти манзум» ва чакидаҳои хомаи адиб аз мушоҳидаҳои рӯзгор таҳти унвони «Яке гуфт, яке шунуфт» мураттаб гаштааст.

ISBN 978 – 99947 – 2 – 237-2

© Садрӣ Умар, 2012

# 1

Хуршеди субҳгоҳӣ аз паси ағбаҳо баланд шуда, пайваста сангу сангрезаҳои кӯҳдоманро метафсонд. Насими форами кӯҳистон оҳистаю бошитоб вазида, хору хасу буттазори қади ёларо бозӣ доронда, раҳашро идома медод. Абрҳои боронӣ худро аз пасу пеш ҷамъу гир мекарданд ва дар кӯҳдоман соя андохта буданд.

Зумуррад ғарқи андешаҳо як пой бар болои тахтасанги сиёҳтоби чун кафи даст ҳамвор ниҳод. Сангрезаҳо дар зери тахтасанг соиш хӯрда, ғиҷҷирросзанон нолиш баровarданд. Аз қабати сангу шағал як каф регу гил лағжида, дар тани бора пойин фуромаду чошу пош хӯрд. Зумуррад болға ба сари тахтасанг зада шикасту пора кард. Шикастапораҳоро дар каф гирифт, таҳу рӯ намуда, ҳар кадомеро аз назар гузаронид. Ба тахмин муоина мекард, месанҷид, ки дар таркиби онҳо кадом маводи кимиёвӣ мавҷуд аст. Тилло? Нуқра? Мис? Ба вай шинохтан душвор буд, агарчанде дар курси чоруми факултаи геологияи мактаби олӣ таҳсил мекарду аз рӯи касби муҳандис-заминшинос дониш меандӯхт. Бале, бе ташхиси лабораторӣ на фақат барои як нафар донишҷуй, балки ба ҳар геологи ботаҷриба муайян кардани навъҳои маъдани таркиби сангҳои қимматбаҳо душвор аст.

Андешаҳо ҳар лаҳза ӯро ба дунёи кӯдакию наврасӣ мебурд, ки дар оғӯши ҳамин кӯҳдомани мавзеи Харангон гузаронидааст. Духтараки одии назарногире ҳар субҳидам то вақти шом гову бузу гӯсфандонро дар хамгашти пуштаҳо, дар қад-қади сойҳо мечаронид. Чун бузғолаи хирае аз чашми ӯ дур мерафт, аз дунболаш давидаю сангчаеро ҳавола дода, пасмегардондаш. Ва боз хам шуда, сангчаи дигаре аз замин мебардошт, дар кафаш бозӣ медоронд, ҳар тараф паҳлӯ гардонда, бодиққат ба он назар меафканд; хаёлан муоина мекард, ки он чӣ сангест? Чаро қариб ҳамаи сангҳои ин кӯҳдоман сиёҳанд? Баъзеашон сабзи рӯшан, ки дар офтоб ҷило медиҳанд, баъзеа-

шон тираи зангзада? Сипас пеши худ суолҳои дигар мегузошт: «Чаро онро мардум оҳансанг меноманд? Оҳанро аз ин сангҳо чӣ гуна ҳосил мекунанд? Оё дар қади ин сойҳо тиллою нуқра ҳаст? Рафту аз миёни порасангон як каф тилло ёбад?..». Ана ҳамин андешаҳо ӯро баъди хатми мактаб ба даргоҳи донишгоҳ овард. Инак, ӯ хатмкунандаи факултаи геология аст. Дар бахши ҷустуҷӯию аксбардорӣ аз ҳама бештар ба омӯхтани сангҳои нодир майлу рағбат дорад. Эътимодаш ба дониши худ комил аст; агар якчанд намуди сангҳои нодирро дар назди ӯ қатор чинанд, албатта онҳоро ба як дидан фарқ мекунад: мармар, ёқут, беҷода, ақиқ… аз ҳама пештар он сангеро ба хубӣ мешиносад, ки номи ӯро дорад: Зумуррад!..

Инак, ӯ донишгоҳро хатм мекунад. Давраи таҷрибаомӯзиро дур не, дар мавзее, дар деҳае мегузаронад, ки дар он ҷо ба дунё омадааст, камол ёфтааст. Яъне, ҳама корҳо хубанд. Боз чӣ мехоҳад? Маълумоти аз китобҳо, дар машғулиятҳо андӯхтааш, шукри Худо, зиёд ҳам набошад, кам нест. Дар бораи захираҳои табиии кишвар, хосиятҳои кимиёвии канданиҳои фоиданок, мавқеи ҷойгиршавии онҳо, таснифи маъдану сангҳои қимматбаҳо ва ғайра бисёр чизҳоро медонад. Аз мактаби хондааш, аз сабақи гирифтааш, аз устодон ризояст. Ана, яке аз устодонаш- Султонзода дар ин шабу рӯзи таҷрибаомӯзӣ низ дар барашон- дар кӯҳу пушта ва дар хаймаи геологҳост. Ба онҳо-ба шогирдонаш кор ёд медиҳад, баъзан ҳамроҳашон ба фарози ёлаҳо мебарояд, болға бар сангҳо мезанад, санг мешиканад, барои ташхиси лабораторӣ ҷинсҳои кӯҳӣ интихоб мекунад. Вай ҳоло, ҳо, дар он баландӣ, ҳамроҳи гурӯҳи дуюми ҷустуҷӯй-геологист. Бо Санавбар ғарқи сӯҳбат аст. Дар бораи муносибати онҳо ҳар хел гапҳо мегӯянд. Хайр, гуфтан гиранд. Ба ҳар ҳол, дар ин адири лағжонаки хавфнок, пур аз ҷуку ҷондор, ки ҳар хел ҳодиса шуданаш мумкин, дар бари шогирдон будани устод шарту ҳатмист. Рӯзона дар кор, шабонгоҳҳо дар хаймаи торики геологҳо қуввати дилашон аст.

Боз як устоди дигар аст, ки будани ӯ низ ба таҷрибаомӯзон хеле зарур. Геолог-Аскар. Ҳамин тавр ном мебаранд ӯро. Зеро вай худ, аз рӯзи нахустини ба ин ҷо омаданаш, хоҳиш кардааст, ки фақат ному касбашро ба забон гирифта муроҷиат намоянд. Марди ғалатиест Аскар. Ба сину сол аз Зумурраду дигар ҳамсабақҳояш панҷ-шаш сол калонтар аст, хатмкардаи ҳамин донишгоҳи миллӣ, факултаи геологист. Аммо гапзанияш калонгирона-бо кас чунон муносибат мекунад, ки гӯё ду-се баробари шогирдон умр дошта бошад. Бар замми ин, ба қавли баъзеҳо каме «даҳонбефаровез» аст, ҳар доим аз замона, аз ким-киҳо шикоят кардаву ким-киҳоро «судхӯр», «беинсоф», «ҳақи мардумхӯр» гуфта, ҳақорат медиҳад. Дар бораи кору бору хондан, гуфтору кирдори одамӣ, дар бораи зиндагӣ аҷаб муҳокимаҳое меронад, аҷаб гапҳое мезанад, панду насиҳатҳое мегӯяд, ки кас сари калобаашро гум мекунад!

Аз рӯи чунин хислатҳояш на ба ҳар кас писанд аст Аскар. Санавбар ӯро «инҷиқ, дилгир, дағал, дуруштмуомила»-гуфта дар ғайбаш мазаммат мекунад. «Ин устод-геологи мо бисёр ҳам одами қайсар, гарданшахс аст, - мегӯяд дар ҳақи вай Сайид.- Ба худо девона аст, девонаи таппа-тайёр! Аммо ба кори худ ҳушёр». Усмону Қодир, агарчанде баъзан дар ғайбаш ӯро мазоҳу хандхариш кунанд ҳам, дар асл ба вай эътимод бастаанд, ба сӯҳбату насиҳатҳояш бо завқ гӯш мениҳанд. Султонзода дар рафтору гуфтор ба ин геологи сахтдаҳан эҳтиёткор аст, ба назар чунин мерасад, ки аз вай метарсад, ибо мекунад. Аксар вақт сохтакорона ӯро таъриф карда, мегӯяд: «Ҷое, ки Геолог-Аскар бошад, дилпурам, ки дар ин кӯҳу пушта ба шогирдон ягон ҳодисаи нохуш рух намедиҳад, бовар дорам, ки бо Аскар шогирдони ман дар касби пешакардаи худ таҷрибаи хуб меомӯзанд». Барои ҳамин баъзан шогирдонро ба «ихтиёри» ҳамин геологи «ботаҷриба» месупораду худ ба Душанбе рафта рӯзҳои дароз ғайб мезанад.

Дар бораи хислатҳои Аскар то ҳанӯз андешаҳои

худро «ҷамъу гир» накардааст Зумуррад. Фақат ҳамин як ақида доимо дар сараш чарх мезанад, ки: «Ба ҳар ҳол, устод-Аскар марди ҳақталош аст, доиман кимчиро, ким-киро дар зиндагӣ аз муҳити ҳақгӯиву ҳақшиносӣ ҷустуҷӯ мекунад. Бештар дар бораи занону модарон муҳокима меронад, бештар ғами онҳоро мехӯрад; ҳадди касе, ки беҳуда ғайбат кунад занону модаронро, ҳадди касе, ки дар бораи бахту тақдири занону модарони тоҷик ноҷо даҳан кушояд! Даҳани чунин бетамизонро санг зада маҳкам мекунад Аскар! Афсӯс, ки ғаму андӯҳи ҳақталошиҳо ӯро ҳамеша дилгиру хастаҳол, аз сину солаш калонтар нишон медиҳанд…

-Чӣ ба фикру хаёл фурӯ рафтӣ?-риштаи андешаҳояшро барканд Сайид, ки дар бари ӯ рост меистод.-Дар бораи Аскар будагист?

-Аз куҷо фаҳмидӣ?

-Аз ҷунбидани лабҳоят пай бурдам.

-Сайид. Росташа гӯй, барои чӣ тарафи занҳоро гирифтани устод Аскар ба ту маъқул нест?

-Чунки вай ҳиллагар аст…

-Э, ҳа! Вай чӣ хел, ҳиллагар будааст?

-Гумон мекунам, самимӣ нестанд гапҳои «Устодат» дар ҳақи занону ғами онҳоро хӯрданаш. Ба хаёлам, ҳамаи ин ҳиллаҳоро бо мақсаде ба кор мебарад, ки занону духтаронро ҳарчи бештар ба худ ҷалб кунад.

-Ту чӣ? Чӣ ақида дорӣ дар бораи занону модарони имрӯза?

-Ман ба дигар занону духтарон кор надорам. Зеро доимо дар ёду хаёли туям, тӯйӣ, Зумрат!

Зумуррад дам назад. Нигоҳҳояшро аз Сайид гурезонду сар хам кард. Зоғнул ба замин зада, чуқурчае кофт; хоку регро ғалбер кард; сангчае дар нӯги зоғнӯл берун омад. Сипас, аз борхалтаи дар пушташ овезон болға ба даст гирифту бо як зарба сангро зада чанд бӯлак кард. Хоку сангрезаҳоро дар каф ниҳода, пасу пешашонро аз назар гузаронид ва якеро интихоб намуда, ба Сайид дароз кард. Сайид дар коғазаке рақами

навбатии намунаро навишту сангчаро бо он коғаз ба халтачае андохт.

-- Биё, ҷоямонро иваз кунем, Зумрат!—чун масофаеро қадамзанон тай намуданд, илтиҷоомез гардан каҷ кард Сайид.-- Охир, болға задан, санг шикастану намуна гирифтан-сирф корҳои мардонаанд! Ба сангҳои намуна рақам мондану дар халтачаҳо андохтан осонтар аст. Ин корҳоро ту бикун, агарчанде ки бардошта гаштани халтачаи пурбори сангчаҳо ҳам ба бонувон намезебад.

Зумуррад гилагузорӣ кард:

-- Э, ҳа! Корҳои мардона гуфта, моро намемонед, ки сангҳоро шикаставу қиммати онҳоро муайян намоем! Намегузоред, ки мо духтарон рози Заминро дар амал бисанҷему биёомӯзем! Ин тавр бошад, пас, мо кай касби худ-- заминшиносиро ёд мегирем?!—Сипас, бо оҳанги шӯхӣ илова кард:-- Чӣ, мехоҳед, тиллою нуқра ё ягон ҷавоҳироти дигарро фақат шумо ёбед?

Ин гилагузории Зумуррад баҳонае шуд барои Сайид, то гапи дилашро бигӯяд:

-- Барои ман тиллою нуқра чӣ лозим, Зумрат? Ман аллакай гавҳари бебаҳои худро ёфтаам.

-- Аз куҷо?—агарчи ба зудӣ пай бурда буд, ки Сайид чӣ гуфтан мехоҳад, қасдан пурсид Зумуррад.

-- Аз ҳамин ҷо, аз кӯҳистони Харангон.

-- Лекин ба маълумоти Шумо расонам, ки дар ин мавзеъ, ки зодгоҳи ман аст, ягон намуди сангҳои нодир, на гавҳар, на лаъл, на ақиқ, на мармару беҷода ёфт намешавад! Табиати ин ҷо фақат хоси маъданҳост, ба мисли тилло, мис ва ғайраҳо. Инро бояд ба хубӣ донед, мӯҳтарам, хатмкунандаи факултаи геологияи Донишгоҳ!

-- Ёфт мешавад!—бо эътимод гуфт Сайид.—Ҳаст гавҳаре, ки дар оғӯши ин кӯҳдоман «сабз» шудааст! Ва онро аввалин шуда, ман кашф кардаам!

-- О-ҳо! Онро аз ташхиси лабораторӣ ҳам гузаронидаед? Хеле нодир аст?

-- Албатта. Кам не, чор соли дароз бо чашмони дил ташхис кардам, омӯхтам. Ва бовар дорам, ки бароям аз ӯ гавҳари қимматтаре дар олам нахоҳад буд!

-- Э, ҳа, табрик! Чӣ ном дорад он санги нодир?

-- Зумуррад!..

Зумуррад абрувонашро ноумедона дарҳам кашид. Нигоҳҳои хастаю андешаборашро ба фарози кӯҳдоман андӯхт. Дар он баландӣ Аскар таноби андозагирро кашолакунон дар тани ёла мехазид. Қадамҳояшро боэҳтиёт аз санге бар санге ниҳода, тарҳи лоиҳавии ҷустуҷӯию аксбардориро ба дарозӣ андоза мекард. Гаҳе аз рафтан бозистода, дуру дароз ба фарқи ёла менигарист, андешамандона ба атроф чашм медавонд. Хати муқобил ва гирду пешро муоина мекард, барои по ниҳодан дар он кӯтали лағжонак ҷойи муносиби бехавф мекофт. Чун пояшро дар болои санге устувор менамуд, дилпур мешуд, қомат рост мекард, корашро идома дода, гоҳ-гоҳ ба сӯи Зумурраду Сайид дида меандӯхт, гӯё ҳар як ҳаракати онҳоро ба мушоҳида мегирифт.

Ба назари Зумуррад чунин намуд, ки Аскар аз дур ҳам бошад, ба сӯҳбати онҳо гӯш мениҳад, балки гапи гуфтаи Сайидро шунид. Бо ҳамин андешаҳо беихтиёр аз хиҷолат дар рухсораҳои офтобхӯрдаи ӯ сурхӣ давид.

* * *

Дар қисмати дигари кӯҳдоман, тақрибан даҳ-бист метр дуртар, дар канори сой гурӯҳи дуюми ҷустуҷӯию аксбардории геологӣ кор мекард. Санавбару Усмон, мисли Зумурраду Сайид, барои ташхиси лабораторӣ ҷинсҳои кӯҳӣ интихоб менамуданд. Каме болотар аз онҳо Қодир вазифаи Аскарро ба ҷо меовард: таноби андозагир дар даст, тарҳи лоиҳавии ҷустуҷӯиву аксбардориро бо дарозӣ чен мекард. Султонзода бошад, ҳанӯз саргарми сӯҳбат бо Санавбар аз он баландӣ «кору бори» ҳар ду гурӯҳро наззора мекард.

-Ҳой, Аскар! Монда набошед!-хушомадгӯёна нидо баровард ӯ.

Аскар нохушона назаре сӯйи вай афканда, бо ифодаи «раҳмат» даст пеши бар ниҳод. Сипас, таноби андозагирро як сӯ ҳаво дода, ҷойи муносибе кофт, то як дам нишаста нафас рост кунад. Бо ҳамин ният дарахти серсояи арчаеро таги чашм кард, ки дар рӯ ба рӯ, аз он тарафи дара қад афрохта буд. Дар қади дара сангу сангрезаҳои шикаста порашудаи хурду калон, бар асари селомадҳо лағжида фуромада, ғарам шуда мехобиданд. По ниҳодан бар болои ҳар яки онҳо хавфи калоне дошт ба ҳар раҳгузар, ки мабодо ковок бошаду канда шуда, ба сангҳои ковоки дигар бархӯрад, кор тамом! Дар як мижжа задан касро аз по меафтонад ва сабук бардоштаву ғелонда, рост ба сӯи ҷарӣ мебарад! Дар ин мавридҳо ҳар қадар ҳушёр, ҳар қадар чусту чолок бошӣ ҳам, худро наметавонӣ аз фалокат раҳо кардан! Сарат кафидаву устухонҳоят майда-майда мешаванд!

Бо ҳамин андешаҳо Аскар боэҳтиёт по ба тахтасанги варақине ниҳод, ки ба сангҳои дигари ба ҳамин монанди қади дара роҳ мекушод. Хайрият, санг налағжид, дар замин мехкӯб кардагӣ барин сахту устувор буд. Аскар ба санги дуввум, сеюм, чаҳорум… қадам ниҳоду ҷаҳидаву хез зада, дар як дам худро ба он сӯи дара гирифт. Он тараф, бепарво, бори танашро сар дода, лағжон-лағжон ба қади нишебӣ пойин мехамид, ки якду қадам дуртар дарахти арча меистод. Аз дил гузаронд, ки «акнун расидам, дар сояи салқин баҳузур дароз кашида, дам мегирам!».

Вале ҳанӯз ба таги дарахт нарасида, баногоҳ пояш лағжиду ба санги калоне бархӯрд. Санг, ки дар хоки бора ковок буд, якбора раҳо хӯрд, ғелида сарозер омад ва чанд пора санги дигарро аз ҷо беҷо карда, рост ба пойин, ҷонибе ҳаракат кард, ки Зумурраду Сайид меистоданд.

Султонзода, ки то ҳол аз он баландӣ ба ҳар як ҳаракати ӯ синчакорона зеҳн мемонд, ин манзараро дида, дар таҳлука афтод.

-- Ҳой, Зумуррад! Сайид! –якбора дод зад ӯ-Бероҳа истед! Санг меояд!!!

Сайид, ки чанд қадам дуртар аз Зумуррад истода, халтачаҳои сангҳои намунавиро ҷо ба ҷо мегузошт, якбора ду садои ваҳмангез-ба ҳам бархӯрдани сангҳо ва нидои Султонзодаро шунида, аз ҷой як қад парид. Бошитоб рӯ тофта ба Зумуррад нигарист. Зумуррад дар он асно сари зону нишаста, побанди хаёлоти худ, аз замин сангчаҳо ҷудо мекард. Ӯ сахт дар ғафлат монда буд, хабаре аз оламу одам надошт.

-- Зумрат!!!—Сайид ҳамин як калимаро ба забон оварду оҳувор ҷаҳида, аз бозувонаш чанг зада гирифту дар бағал кашид. Ҳамон лаҳза санги калони вазнине ғелида, ба бари домани Зумуррад расам-нарасам, тирвор гузашта рафт; ғел хӯрдаву чанд сангу сангрезаҳоро аз ҷой беҷо кард ва дар як нафас гурумбосзанон ба таги дара фурӯ афтиду аз назар ғойиб шуд.

Зумуррад карахту ҳайрон, дар ҳолате ки аз тарс хун дар рӯяш намонда буд, сонияе худро дар оғӯши Сайид дарёфт. Ва ҳамон сония бехудона сар боло кард. Чашмонаш ба Аскар афтод, ки аз он баландӣ, девонаавзоёна даҳанашро гиҷ карда, ба сӯяшон менигарад.

-- Э ҳе-ей, Лайлию Маҷнун! –гӯё воқае рух надода бошад, барқасди бо таҳлука фарёд кашидани Султонзода бепарво овоз баланд кард ӯ.-Ҳай вақти ишқварзиятонро ёфтед! Корро кӣ мекунад?!

Зумуррад гӯё ки дар хоб буд, бедор шуд. Саросемаю бо қаҳр худро аз оғӯши Сайид раҳо карду хам шуда, аз ғояти шарму ҳаё бошитоб болға ба санге задан гирифт. Сайидро рафтору кирдори Аскар сахт дар ғазаб оварда буд. «Ҳеъ, ба худо девонаи таппа-тайёр будааст, ин Устоди коромӯзи мо! -худ ба худ ғурунгос зад ӯ. –Доимо даъвои ҳақ, инсофу адолат мекунаду касеро писанд накарда, аз худ оқилу доно метарошаду вале намефаҳмад, як бор андеша намеронад, ки бепарвоӣ, беэҳтиётӣ, таҳдиди хатар ба саломатию ҷони атрофиён низ ноҳақӣ, ноинсофию ноадолатӣ, балки аҳмақию бефаросатист!». Ӯ дар сари ҷаҳл сангчаеро аз замин гирифта дур ҳаво дод.

Аз дидани ин ҳодисаи ногувор, ки оқибати фалокатборе аз пай дошт, Султонзода сахт барошуфта буд.

-Ҳе, Аскар-е!-ба ҳама шунавонида ба тазри худ ба сарзаниш даромад ӯ.- Ба ту гап фаҳмондан мушкил будааст! Охир, ту мисли Зумурраду Сайид, Санавбару Усмон донишҷӯ, шогирди ман мебудӣ, медонистам, чӣ кор кунам! Аммо ту геолог ҳастӣ, мисли ман ба таҷрибаомӯзон кор ёд медиҳӣ, сабақ меомӯзӣ! Намешавад, ки дар назди шогирдон бо ту сар ба сар шавам, гапҳои пасту баланд бизанам!».

Бо ҳамин гилагузориҳо худро назди Аскар расонду дигар овоз баланд накард, балки аз рӯи одат бо таҳаммул, бо тамкин хоҳиш намуд, ки ӯ бо Сайид ҷой иваз кунанд. «Шогирдамон-Сайид ба баландӣ баромада, тарҳи лоиҳавиро андоза мегирад,—гуфт Султонзода.—Ту дар бари ана ин духтари нағз, шогирди аълохонамон-Зумратҷон истода, ба вай кор ёд медиҳӣ. Ҳаминаш беҳтар».

* * *

Баъди чунин ранг гирифтани муносибат дар ҳузури устод-геолог Аскар будан гаронӣ мекард ба Зумуррад. Дили вай ҳамсабақаш Сайидро мехост, ки доимо дар бараш буд. Сӯҳбати гарму ширине дорад Сайид. Аскар баракс, агар хушаш наояд, соатҳо бо кас гап намезанад. Рафту сухане, сӯҳбате дар миён оварӣ, дарров ба шикоят сар мекунад.

«Ҳой, Зумрат! Ту чаро дар ягон мактаби дигар нахондӣ?! Мана, масалан, ба мактаби духтурӣ ё муаллимӣ, журналистӣ, ҳатто ба мактаби милисагӣ медаромадӣ, беҳтар набуд? Охир, духтари қишлоқро кӣ мондааст, ки геолог –инженер ё устои кон шавад?!».

«Ба ростӣ, дилам месӯзад ба ту, Зумуррад, нангам меояд, вақте ки ба ҳоли ту назар меафканам! –истодаистода боз «сарзаниш» мекунад ин Устоди геологаш-Охир, туро дар ин сару либос, ки мисли марзбонон мӯзаҳо дар пой, либоси сабзранг дар бар, кӯлоҳи васеи

сояафкан дар сар кардаиву мисли моҳигирон борхалтаи саҳрой дар пушт ва мисли мардикорон болғаю зоғнӯл дар мушт дорӣ, аз ҷавонписар фарқ кардан душвор аст!..».

Ана ҳамин аст суханони ӯ, сӯҳбатҳои ӯ, ки борҳо Зумуррад аз вай шунидааст!

Инак, Аскар аз рӯи одат ва «ҳақи устодӣ» ба вай ким-чиҳо гуфта мефаҳмонду Зумуррад дам назада, барои чуқурча кофтану намунаҳо интихоб кардан хаму рост мешавад. Вай ҳамагӣ ду донаи хурдакак аз сангчаҳои дар кафаш буда интихоб карду дар халтача андохт. Нӯги зоғнӯл ба девори сангини бора зад, чуқурчае кофт. Як каф регу гил ва сангрезаҳо берун омад; бо ғалбере, ки болотари бора, дар рӯйи сангпораҳо ниҳода буд, регу гилро бехта, барои намуна ҷудо намуд; халтачаро аз нисф зиёд бо сангчаҳои интихобӣ пур кард.

-- Рақами 5.

Аскар, ки болои сараш рост истода, муғамбирона ба ҳаракатҳои ӯ зеҳн мемонд, як пора коғази қатшудаи тӯмормонандро ба сӯяш дароз кард.

-- Ма, гир! Рақами 5!

Зумуррад онро даруни халтача гузошта, даҳони халтаро бо ресмон печонда маҳкам баст.

Аскар халтачаро бо ситеза аз дасти ӯ кашида гирифта, ба халтачаи калонтар, ки кашола карда мегашт, андохта норозиёна ғур-ғур кард:

-- Тез ҷунб! Дигарҳо аллакай рақамҳои понздаҳу бистро тай карданду мо бошем, акнун ба рақами панҷ расидем!

Зумуррад боз дам назад. Ба боло нигарист. Дар сари ёла Султонзода ҳамоно бо Санавбар рост истода, дар чӣ хусусе гарм сӯҳбат мекарданд ва Санавбар гоҳ-гоҳ завқ карда қиқирросзанон механдид. Дар бари онҳо Усмон бо болға санг шикаста, намунаҳо барои ташхиси лабораторӣ интихоб мекард. Болотар аз онҳо Қодири геолог хати ҳаракати ҷустуҷӯии аксбардориро бо таноб андоза мекард.

«Дарвоқеъ, Аскар рост мегӯяд,-- аз дил гузаронид Зумуррад.—Гурӯҳи дуюм аллакай девори ёларо хазида, хеле пеш рафтааст! Гурӯҳи онҳо бошад, ҳанӯз дар поён, ҳамагӣ 50-60 қадам роҳро паймудааст. Эҳ, агар Сайид дар бараш мебуд, шояд то ин дараҷа қафо намемонданд. Бо ин Аскар касро хуши кор кардан намеояд!»

Бо вуҷуди ин, Зумуррад дар дил кинае надошт нисбати Аскар. Аз чӣ бошад, сахт намерасид ба вай суханони таҳдори ин ҷавонмарди соддалавҳу зудбовар, ки ҳамчун каси наздик аз рӯйи одат ҳамеша зуқ-зуқ карда рӯирост мегуфт гапи дилашро. Ба назари ӯ аз кинаву адоват дида, бештар оҳанги насиҳату маслиҳат доштанд ин суханон.

-- Аз ман хафа нашав, Зумрат! Агар ту хоҳари манфарзанди падарам мебудӣ, оё мемондам, ки дар ин офтоби сӯзони кӯҳистон, дар миёни хору хасу мору каждум, дар бораҳои лағжонаки хавфнок хазида, рӯз то бегоҳ сангча ҳисоб кунӣ? Медонам, аз густохиям қаҳрат меояд, малол мешавӣ, аз он, ки беибо , рӯирост мегӯям гапи мегуфтагиямро, ки ҳамеша дар нӯги забонам аст. Рафту хуб андеша карда аз ман бипурсӣ, ки: «Пас, чӣ кор кунам, ако, ки чор соли умрам дар Донишгоҳ гузашт!» Ман ба ту ҷавоб медиҳам: «Ҳоло ҳам дер нашудааст, бирав қишлоқ, ба ягон ҷавони муносиб ба шавҳар баро, ба тарбияи бачу кач машғул шав, дару хонаи як бачамардро обод бикун!»

-- Ҳмм… Ба гуфтан осон!—аз дил мегузаронид Зумуррад.—Гӯё ки ин гапҳоро мо, духтарони тоҷик намедониста бошем! Фарз кардем, гапи туро гирифтаму бо умеди шавҳар кардан омадам ба қишлоқ. Пас, ку он йигит, он ҷавонмарди «чор кас медидагӣ», ки барои хостгорӣ дари ҳавлиямонро бикӯбад? Охир, Аскар аз куҷо медонад, ки мо дар оила ҳашт нафар духтаронем, ҳоло шавҳар кардан навбати ман нест! Се апаам то ҳол ҷуфти муносиби худро наёфтаанд! Ман духтари қадраси чорум. Ин рӯзи сиёҳ –беваю бечорагии занон фақат дар хонаводаи мо нест. Дар қишлоқи мо, дар

деҳаҳои ҳамсоя пуранд духтарони қадрасе, ки мисли апаҳои ман сину солашон аз сию чил гузаштаасту то ҳол шавҳар накардаанд-бо умед роҳи хостгоронро мепоянд. Онҳо ҳатто розиянд, ки зани дуюму сеюми марде шаванд, чӣ фарқ дорад, пиранд ё ҷавон, рӯзгори хонаводаро саришта карда тавонанд, бас. Аммо чӣ илоҷ, ки дар бахти тираи занони деҳот аз ҳамон зормонда мардҳои талабгор ҳам дарак нест! Аксар занони хонадору баччаю качадорро бошад, шавҳаронашон партофта, ба Россия мардикорӣ рафтаанд. Ана ҳамин аст аҳволи занону модарони имрӯзаи деҳот!»

Аз бехи буттае кабке питирросзанон ҷаҳиду Зумуррадро аз ҷой як қад парронд. Кабк дур парвоз накард, қадаме онсӯтар аз Аскар рафта, дар паси кундаи дулонае панаҳ бурд. Аз дидани кабк шодию ҳаяҷони Аскарро интиҳо набуд! Ӯ яқин медонист, ки кабк аз тефаш захмин аст ва баланд парвоз карда наметавонад. Аз ин рӯ, фурсати муносибро аз даст надода, халтачаи сангҳоро як сӯ гузошту, хапу хомӯш қадамҳояшро канда-канда пеш рафт. Хам шуда, саросема худро болои кабк ҳаво дод ва хоку хаси кундаро чанг зада гирифт. Кабк раҳо хӯрду боз питирросзанон ҷаҳида дар буттаи дигар нишаст. Аскар ин дафъа кӯлоҳашро аз сар гирифт. Онро мисли қаиқи чаппагардон дар кафаш дошта, ҳамоно беэҳтиёт қадамзанон дунболи кабк рафт. Вале ба чанг даровардани ин паррандаи ҳушёру чолок осон набуд. Аскар ҷуссаи вазнинашро кашолакунон кӯз-кӯз қадам мемонду кабк яктефа гоҳ болою гоҳ поён меҷаҳид, гӯё Аскарро қасдан фиреб дода, бозӣ медоронд. Аз хастагӣ ҳашшасзанон беист нафас мекашид Аскар, аз сару рӯяш арақ мешориду рӯяш аз ғазаб тира гашта буд, аммо аз раъйяш намегашт. Аз даст додани чунин сайди муфтро ӯ барои худ шармандагӣ меҳисобид.

Сайид ва дар сари ёла ҳама тамошобин буданд: Султонзода, Санавбар, Қодиру Усмон.

Султонзода лаҳзае аз он манзара чашм наканда, овоз баровард:

-- Ҳой, Аскар! Ҷони сияҳ накан! Аздусар қапида наметавонӣ!

Ва аз беқарорияш маълум буд, ки ӯ низ майле дорад, худро қад-қади ёла сар дода, ҳамроҳи Аскар кабкро аз гирду пеш иҳота карда, ба чанг дароранд. Бо ҳамин андеша қадаме чанд лағжида пойин фуромад.

Дар он лаҳза барои Аскар фурсати қулайе даст дода буд, ки агар чолокиро аз даст надиҳад, метавонад сайдро ба дом афтонад. Ҳамин ки кабк гурехта, дафъатан ба бехи буттае даромаданӣ буд, ӯ кулоҳашро баланд бардошта сӯйи кабк ҳаво дод ва ҳамзамон худро ба болои кулоҳ афканд.

-- Қапидӣ?! Нақапидӣ?!—сахт дар ҳаяҷон афтида, нидо баровард Султонзода.-Эҳ! Нақапидӣ!? Ана, парид рафт!!!

Кабк, ки ба гумони Аскар дар таҳи кӯлоҳ монда буд, ҳамон лаҳза хез зада худро дар бехи бутта гирифт ва аз он тараф тирвор ҷаҳида баланд парвоз карду сӯйи дара пар кушод ва дар як дам аз назар ғойиб шуд.

Аскар аз ғояти хиҷолат ва хастагии зиёд обу араќи рӯю гарданашро бо кӯлоҳ пок карда, бо сари кашол ба ҷойи худ баргашт. Қавоқ андохта, гӯё қасдашро аз Зумуррад гирифтанӣ буд, норозиёна ба ӯ нигарист ва бо ҳамон дилтангии ба худ хос таъна зад:

-- Аз таҳи бинният парида гузашту нақапидӣ! Ба ҷойи ту ягон мардина мебуд, аз ҳаво дошта мегирифташ! Э даҳанвоз! Ҳар чи ҳам набошад, ҷинси зан, паршикаста –да!

-- Кабкро дошта чӣ кор мекунед, ако?—озурдахотирии худро пинҳон дошта пурсид Зумуррад.

-- Эҳ! Ҳоло ҳам намедонӣ, ки кабкро дошта чӣ кор мекунанд? Ту чӣ хел духтари кӯҳистон? Дар хонаатон кабк надоред?

-- Охир, дар хонаи мо ҳама зан. Кабкро чӣ кор мекунем?

Аскар нобоварона ба ӯ нигарист.

-- Шумо чанд нафар?

-- Ману се апаам ва чор хоҳарчаам.

-- Апаҳоят шӯ доранд?

-- Не.

-- Чӣ?! Рост мегӯӣ?!

-- Чаро дурӯғ гӯям?

Аскар муғамбирона пушти сар хорид.

-- Ҳмм…. Ин тавр бошад, ба ту гап надорам, хоҳар. Бубахш, агар бо таънаю сарзанишҳоям ба дилат зада бошам. Ҳар чӣ гапи носазое аз даҳанам баромада бошад, ҳамаашро гашта гирифтам. Майлаш, хонданро давом деҳ. Тарки мактаб накун. Хон, олим шав, роҳбари калон шав. Ба олимону роҳбарон муҳим нест, ки доим дар саҳро, дар ҷустуҷӯ бошанд. Онҳо аксаран дар шаҳр, идорашин мешаванд.

Аҷабо! Зумуррадро ҳеҷ бовараш намеомад! Аскар дар як дам тағйир ёфта буд! Гӯё аз даҳанаш шаҳду шакар мерехт! Ҳамон Аскаре, ки Сайид дилтангу миҷинг гуфта таънааш мекунад. Ҳамон Аскаре, ки Санавбар доимо дар ғайбаш мегӯяд: «Эҳ, ин Устоди шумрӯ! Бо насиҳатҳои калонгиронааш аз ҷонам безор кард!»

Балки Зумуррад низ гоҳе дар ҳамин ақида буд нисбати Аскар ва зуд тасаввураш нисбати ӯ тағйир меёфту дар дил мегуфт: « Аслан одами бад нест! Аз панду насиҳат ҳарчи гӯяд ҳам, дӯсту бародарвор, ба чени фаҳмиши худ аз печидагиҳои зиндагӣ мегӯяд». Аскар дар назари ӯ санги нодиреро мемонд, ки ҳанӯз барои вай кашф нашуда буд.

Занги телефони мобилӣ садо дод. Зумуррад даст ба ҷайби пиҷҷакаш бурд. Телефонро баровардa, сараввал ба рақами он зеҳн монд.

-- Ба ғайбат қариб будаанд апаҳоям,—хандида гуфт.—Дар бораашон гап задему ана яктааш зангам мезанад… Алло? Ҳа, апаҷон?

Гуфтугӯи кӯтоҳе анҷом дод Зумуррад бо апааш. Ҳолу аҳвол пурсиду ба чанд суолаш посух гуфт: «Не, апаҷон. Нон доранд… Ҳа. Пагоҳ хамир мекунем». Дар давоми сӯҳбат чеҳраи ӯ якбора шукуфту лабонаш ғарқи

табассум шуданд. «Аз ростӣ? Э, офарин, апаҷон! Қандата зан! Лекин апаҷон, худата эҳтиёт кун, пул меёбам гуфта, ҷони ширината дар азоб намон…Хайр, апаҷон!..»

-- Аз афташ соҳиби пули калон шудааст, апаат?—кунҷкобона пурсид Аскар.

-- Ҳа. Худи ҳамин саҳар соҳиби сад доллар шуд.

-- Чӣ?—нобоварона воҳима ангехт Аскар.—Дар як рӯз сад доллар? Чӣ кор мекунад апаат?

-- Бизнес!—хандид Зумуррад.

-- Э, вай бизнесмен аст? Нағз-ку! Хоҳари чандумат?

-- Апаи калониям.

-- Шӯ дорад?

Аз ин пурсиш рӯйи Зумуррад тира шуд. «Боз ҳамон савол! Ӯро Аскар не, Аҳмади порина ном ниҳодан даркор! Истода-истода як гапҳое мепурсад, ки намедонӣ, чӣ ҷавоб гӯйӣ»,—норозиёна аз дил гузаронд ва сахт карда бо киноя гуфт:

-- Неъ! Шӯяш мурдаст!

-- Ҳа, бубахш, хоҳарҷон. Нафаҳмидам.

***

Акнун Зумуррад аз чанд лаҳза пештар дида, худро сабуку хушҳол эҳсос мекард. Суханони нарму тасаллобахши Аскар ва хабари хуши апааш-Гавҳар, ки дар як рӯз сад доллар даромад кардааст, ба вай болу пар бахшида буданд. Хастагӣ каме аз вуҷудаш рафъ гардида буд. Болғаи дасташ он қадар гарон наменамуд. Ҳар санге, ки мезад, бо як зарба дуним мешуд. Дар вай беихтиёр нерӯе пайдо шуда буд, ки пайваста ба пеш, ба сӯйи баландиҳои ёла телааш медод. Аз замин озод мебардошт қадамҳояшро, ки то ин дам аз беҳолию бемадорӣ базӯр кашола мекард.

Вай аз ҳавои салқину форами кӯҳистон чуқур нафас кашида, қоматашро рост кард. Гӯё болу пар бароварда, мехост дар хати муқобили тарҳи лоиҳавӣ бидавад, ба мисле, ки дар бачагияш меҷаҳид сарсари ҳамин ёлаҳои барояш шиносу азиз- аз пайи бузу бузғола ва

гӯсфандон, хез мезад аз санге бар санге, меваҳо мечид аз шохаҳои дӯлонаҳову даҳан ширин мекард.

Ӯ барои рақами намунаи даҳум регу сангу шағал интихоб намуду ба халтача андохт. Ба Аскар дароз кард. Боз қадаме ба пеш ниҳод, хам шуд, то чуқурчае бикобад барои намунаи рақами 11. Баногоҳ дид, ки дар рӯ ба рӯяш чуқурчае ва он сӯтар боз чуқурчаи дигар канда шудаанд—пур аз регу сангчаҳои шикаста пора кардашуда. Ба болотар назар афканд. Сайид, ки боҳавсала хати ҳаракатро ба сӯйи баландиҳои ёла тай мекард, дар ҳар 8-10 қадам ҳамин гуна чуқурчаҳо кофта пеш мерафт. Ба дили гарму нарми Зумуррад гармии дигаре давиду оташаке фурӯзон шуд. Ва он оташак барқосо ба рагу пояш давида ниҳодашро батамом гарму равшан кард. «Э Худоҷон-е! Дар номат бимирам, Парвардигори раҳим, ки нисбати бандаи муштипарат яку якбора чанд меҳрубонӣ ато кардӣ! Аз апаам хушхабар расондӣ! Бечора шабу рӯз ҷон коҳонда ахиран ҳаққашро ҳалол кард! Насибаш кунад, апаҷонама. Баъдан, аз лутфи ин ду ҷавон хушҳолам кардӣ, Худоҷон! Ду ҷавоне, ки ба якеаш ба ҳамчун бародар эътимод бастаам ва дигареро, ба номат қасам, Парвардигор, дӯст медорам! Аммо намехоҳам ҳоло, дар ин шабу рӯз, Сайид инро пай барад! Охир, чӣ кунам, Худоҷон, ки ҳоло бароям вақти муҳаббату ишқварзиҳо нест! Зеро ба худ аҳд кардаам, то апаҳоям ба шавҳар набароянд, то бахти худро наёбанд, шӯ карданро ба гӯшаи хаёлам намеорам!»

Чашмони Зумуррад ғарқи об шуданд. Ӯ зуд, то Аскару Сайид пай набаранд, дидагонашро бо лаби остин пок кард.

-- Ба ту чӣ шуд, Зумрат? Мегирйӣ-чӣ?!—Ин овози меҳрубононаи Аскар буд, ки ҳеҷ гаҳ дар гӯши Зумуррад ба чунин оҳанги дилнавоз садо надода буд.

-- Не, чизе ба чашмонам халид.

-- Биё пуф кунам.

-- Раҳмат, ако. Гузашту рафт, тоза шуд чашмонам.

-- Ана бубин, Сайид ғами туро хӯрда ёрӣ медиҳад, ба ҷойи ту барои интихоби сангҳои намунавӣ чуқурчаҳо мекобад…-- ба хати ҳаракати тарҳи лоиҳавӣ ишора карда гуфт Аскар.-- Сайид бачаи хуб аст.

Зумуррад гӯё суханони ӯро намешунид, сар боло накарда бештар машғули кор шуд. Сангчаҳоро аз ғалбер гузаронида, ба халтача меандохт, рақам мегузошт ва ба Аскар медоду ҳадаҳа аз ҷой бармехест, пеш мерафт ва бар болои нуқтаҳои дигари сангҳои намуна сар хам мекард.

Аскар халтаи сангчаҳо дар даст, бори вазнини таннашро кашолакунон лағжидаю афтида аз пайи ӯ дар девори бора базӯр мехазид.

-- Офарин, хеле пеш рафтем!-- ҳашшасзанон оби даҳонашро фурӯ бурда лаб ба таъриф кушод.-- Маро шалпар карда бошӣ ҳам, як илоҷ карда дарёбат мекунам. Муҳим он ки аз дигарон қафо намонем, шуд…

Вай халтаи дасташро бовиқор боло бардоштаю аз дур ба Сайид нишон дода, бо овози хиррӣ, ки ҳалқаш қоқ шуда буд, нидо кард:

-- Ҳой Сайид! Бубин! Ба рақами 20-ум расидем!

Зумуррад сар боло карда кунҷкобона ба Сайид назар афканд, то бифаҳмад, ки ӯ то кадом андоза аз кори гурӯҳашон қаноатманд аст. Чашмони онҳо сонияе ба ҳам печиданду чеҳраи Сайид боз ҳам шукуфон,чашмонаш рӯшантар шуд, табассум дар лабонаш гул мекард. Зумуррад ҳамоно нигоҳҳояшро аз ӯ гурезонда, боз ба кор сар хам кард.

Ин ҳолати онҳо аз нигоҳҳои кунҷкобонаи Аскар пинҳон намонд. Вай ҳиллагарона пушти сар хорид.

-- Ба ростӣ, Сайид на танҳо бачаи хуб, балки хушрӯ ҳам ҳаст. Аз ҳар ҷиҳат ба таъриф меарзад. Ҳамин тавр не, Зумрат?

-- Ман аз куҷо донам! Ҳе, акаи Аскар, як гапҳое мепурсед-ки…

-- Чӣ ноз мекунӣ, духтар! Медонам, ки шумо ҳамдигарро нағз мебинед! Агар муҳаббати шумо ишқи

ҳалолу покиза бошад, пинҳон кардан чӣ лозим? Тақдиру насибаи одамизод ҳамин аст. Духтар, ки қадрас шуд, хоҳу нохоҳ шӯ мекунад ва писари ба балоғатрасида зан мегирад!

Зумуррад ба гӯши худ бовар намекард. Имрӯз бо Аскар чӣ шуда бошад? Чунин суханонро бори аввал аз вай мешунид.

-- Шуморо фаҳмидан мушкил, акои Аскар. Шухӣ карданӣ бошед ҳам, гапатон аз даҳонатон ҷиддӣ мебарояд. Чӣ хеле ки ҳар доим бо сиёсат гап мезанед!

-- Ман шухӣ намекунам! Рост мегӯям! Биё, бигир, ҳамин Сайиди ошнои маро! Пушаймон намешавӣ!

Аз ин таклифи ногаҳонии Аскар саропойи Зумуррад виҷиррос зад. Ба назараш чунин намуд, ки дидаю дониста мазоҳаш мекунад, ин ҷавонмарди ғалатӣ, ки баъзан худ намедонад, чиҳо мегӯяд. Абрӯвони Зумуррад сахт гиреҳ шуданд. Дилашро шӯбҳа зер кард.

-- Э ако! Шумо чиҳо гуфта истодаед?!—бо овози гиряолуд гуфт ӯ.—Ҳамин як соат пештар, насиҳат карда мегуфтед, ки хонданро давом деҳ, тарки мактаб накун. Ҳоло бошад, маро шӯ доданӣ ҳастед!

-- Акои Аскарат ҳеҷ гоҳ гапро дуто намекунад! Бихон, олим, роҳбар шав. Вале ҳеҷ гоҳ фаромӯш накун, ки бо амри худои таоло барои духтар, барои зан ба шавҳар баромадан, дару хона обод кардан дар мадди аввал меистад! Агар ин корро накунӣ, гунаҳкор- осӣ мешавӣ! Ман худам бо Сайид гапзанон мекунам. Вай ҳеҷ гоҳ пеши раҳи хондану кор карданатро намегирад.

-- Э анна, раҳмат! Шӯ ҳам додед, -- бо киноя гуфт Зумуррад.—Шумо барин акои меҳрубон, устоди ғамхора аз куҷо меёбам!

-- Чӣ, розӣ нестӣ, ки бо Сайид хонадор шавӣ?! Рафту ҷӯраи ман зан гирад, он гаҳ пушаймон нашавӣ?

-- Ҳа, майлаш. Зан диҳед ҷӯратона! Ҳаргиз пушаймон намешавам! Акнун бас, ако! Сӯҳбати аввалу охиринамон дар ин мавзӯъ тамом! Биёед, кор кунем, ки ба қавли шумо, аз «дигарон» қафо мондем!

* * *

-- Хайр, бас, бачаҳо! Рафтем!—Ин овози Султонзода буд, ки аз фарози кӯҳдоман ба гӯш мерасид..— Кор тамом! Вақт шуд. Чошт мехӯрем!

Сайид зоғнӯлу болға ва таноби андозагирро дар замин партофту даст ҷунбонда, ишора кард: «Рафтем!» Ва пушт гардонда ба сӯйи баландӣ раҳсипор шуд. Аскар низ майли рафтан кард. Аммо Зумуррад аз ҷой наҷунбид.

-- Шумо равед, акои Аскар,-- гуфт ӯ.—Ҳамагӣ даҳ қадами дигар мондааст. Барои ду рақами дигар намуна мегираму зуд меоям.

Вай «ду рақами дигар» гуфта ду чуқурчаи дигарро дар назар дошт, ки Сайид кофта тайёр карда буд ва ҳар яке дар масофаи ҳашт-даҳ қадам дуртар аз ҳамдигар ҷойгир буданд. Дуввумӣ аз бехи дарахти пири бодом, дар қабати шохаҳои анбӯҳ базӯр менамуд.

-- Хайр, ихтиёрат,-- зери лаб ғурунгос зад Аскар ва даст афшонда ба рӯйи сангрезаҳои тани бора қадам ниҳод.

Зумуррад майл надошт ба рафтан. «Аз рафтан чӣ фоида? Садқаи нон шавам, ношукрӣ нашавад, ба серӣ аст. Ҳақи маро мемондагистанд. Оби чашма таҳт надорад. Тар куну бихӯр, ҳар қадаре ки шикамат мебарад. Ҳамин аст хӯроки чошт-таоми нисфирӯзии геологҳо».

Ғаму хаёлоте дилашро мефушурд. Худро танҳою бекас ҳис мекард. Бо ғазаб болға ба сари санге зада, шикаста майда карду дилаш каме таскин ёфт.

-- Нона дар оби чашма тар карда мехӯранду дарров ба гап сар мекунанд.—боз аз дил гузаронд Зумуррад.- Аниқтараш, ғайбат сар мешавад. Султонзода сӯҳбатро аз мазаммати занони тоҷик мекушояд: «Занону духтарони деҳоти мо, ба ростӣ, ҳаққу ҳуқуқи худро намедонанд,- мегӯяд ӯ.—Имрӯз баъзе духтарони деҳот то синфи ҳаштум мехонанду тамом! Ҳоло қадрас нашуда, ба балоғат нарасида, зори онанд, ки хостгоре пайдо шава-

ду домодшаванда пир аст, ё ҷавон, фарқ надорад, дарҳол розӣ мешаванд. Метарсанд, ки мабодо розигӣ надиҳанд, бо ҳамин дари бахт ба рӯяшон баста мешаваду дигар ягон кас ба хостгорияшон намеояд. Пирдухтар мешаванду умрашонро зоеъ мекунанд».

Он гаҳ навбат ба Аскар мерасад. Вай зуқзуқкунон мегӯяд: «Ҳайфи бонувони бечораи тоҷик! Аз ин умри кӯтоҳ, ки худованд ато кардааст, чӣ ҳам мебинанд? Савод мегирам гуфта, дар мактабҳо хонанд, як бало. «Ҳай, духтари фалонӣ бероҳа шуд!», гуфта таънаю маломаташ мекунанд. Ва дигар касе аз зангирҳо дилёб намешавад, ки барои хостгорӣ дарашро бикӯбад. Нахонанд, балои дигар. Бесавод мемонанд ва ниҳоят зани дуюму сеюми ягон марди бадавлати худобехабар мешаванд»...

Қодиру Усмон низ ба ҳамин маъниҳо хушомадгӯёна суханони устодашон-Султонзода ва Аскарро об дода, гилагузориҳо мекунанд: «Бонувони тоҷик чӣ гуна рӯзи хуш бубинанд, ки шавҳарони аксари онҳо дур аз ватан, дар мулки бегона бо мардикорӣ рӯз мегузаронанд! Бори рӯзгор бошад, ҳама бар души занони бева афтодааст. Имрӯз аксар савдогароне, ки дар бозор нишаста майдачуйда мефурӯшанд, занонанд ва ғайраву ҳоказо...»

Ҳар дафъа аз шунидани ин суханон дилгир мешавад Зумуррад. Аз чӣ бошад, ки намехоҳад дар бораи тақдиру қисмати онҳо бисёр ҳарф зананд, агарчанде ҳақ мегӯянд, аз таҷрибаи рӯзгори талху ногувори занони имрӯза ҳикоят мекунанд.Вақте ки саросема нону об хӯрда, сӯҳбат оғоз меёбад, Зумуррад танҳоӣ меҷӯяд, мехоҳад ба гӯшае хилват рафта, дар сояи дарахти дӯлона ё бодом дароз кашад, дам гирад. Каме ҳам бошад, хоб равад. Ана, дирӯз бо ҳамин ният аз ҷой бархоста, чанд қадам дуртар рафту сояи дарахтеро интихоб кард, ки алафҳои гирду пешашро тоза даравида буданд. Ҳамин ки сар ба сари санге ниҳода, пойҳояшро дароз карданӣ буд, Аскар намонд.

-- Дар адир хоб рафтан мумкин нест!—сарзаниш кард ӯ—Яке бехабар мору каждум ё ғунда газад, кӣ

ҷавобашро мегӯяд?! Майлаш, гап назанӣ ҳам, бедор нишину гӯш андоз, ҳар чӣ гӯем, ба нафъи шумо, духтарон мегӯем!

Султонзода низ гапи Аскарро тасдиқ карда, иҷозат надод, ки Зумуррад дар таги дарахт бихобад. Хайрият, он лаҳза Зумуррад пуштибони худро ёфт. Санавбар ӯро тарафгирӣ кард, ки доимо, ҳангоми гирди ҳам нишастанҳо дар паҳлӯи Султонзода ҷой мегирифт.

-- Э безор шудем, аз шунидани он, ки ҳама дар бораи занҳо мегӯед!— бидирросзанон лаб ба маломат кушод ӯ.—Дар миёни ҳамин қадар бузбалаҳо ду муштипарро дида наметавонед-чӣ?! Оё шумо, мардҳо дигар гап надоред?!—Ва ба Зумуррад муроҷиат намуд:-- Хоб рав, дугона. Мон, инҳо ҳар чӣ дилашон хоҳад, дар бораи мо, занон гуфтан гиранд. Ба онҳо гӯш наандозу бепарво дароз бикаш. Ман ду чашмамро аз ту наканда қаровулӣ мекунам; ҳадде ки дар болои сарат пашшае пар бизанад!

Ҳамин тарафгирии Санавбар баҳона шуду Зумуррад рӯ ба нишастагон гардонда, сар болои санг монд. Аз байн лаҳзае нагузашта пинак рафт ва беихтиёр хоб бар ӯ ғалаба кард. Як вақте сар боло карда бубинад, Сайид болои сараш нишастааст ва чашм аз абрувону рухсораҳои гандумгунаш намеканад.

-- Аз хоб сер шудӣ, Зумрат?—бо табассуми гарму ширин пурсид ӯ.—Тарсидам, ки мабодо ягон ҷонзод ба ту зиён расонад. Барои ҳамин омада дар барат нишастам.

-- Раҳмат,- гуфт Зумуррад чашмонашро молида ва дар лабонаш табассуми миннатдорона ҳалқа зад.

Дигарон бошанд, дар он лаҳза як-як аз ҷой бархоста, тараддуди рафтан доштанд.

…Зумуррад ғарқи ҳамин андешаҳо, саргарми кор, бо қираи чашм оҳиста ба боло, аз пайи Аскару Сайид нигарист, ки то куҷо аз вай дур рафтаанд? Сайид дар баландӣ нишаста, роҳашро мепойид. Аскар қадаме онсӯтар, дар ҳамон ҷое, ки тоб хӯрда рафтанӣ буд, дар

сояи дарахти бодом пушт ба вай гардонда, баҳузур мева мечид.

-- Корро бас кун, Зумрат! Биё, парто, рафтем!- бе он ки нигоҳе ба сӯяш афканад, бо дандонҳояш шиқиррросзанон бодом шикаста, овоз дод ӯ.—Ҷонатро ин қадар дар азоб мемонӣ, кӣ ба ту раҳмат мегӯяд?! Чӣ, гумон мекунӣ, дигарон корро ҳалол карда, давида аз мо пеш мегузаранд? Онҳо мисли туву Сайид на чуқурча мекобанду на зӯр зада, санг мешикананд. Ҳар чи аз сари роҳашон баромад, аз регу шағал сарчин мекунанду ба халтачаҳо меандозанд ва «намуна» гуфта, барои ташхис ба лаборатория мефиристанд. Ана баъд мебинӣ, ки сангҳои ёфтаи онҳо маъдани нодир баромаду аз ману ту оддии муқаррарӣ!»

Зумуррад ҳам мешунид ва ҳам намешунид гуфтаҳои Аскарро, ки боз аз рӯйи одат, калонгирона ба насиҳат сар карда буд. Ҳушу ёди ӯ ба чуқурчаи охирин, ба ҷойи дар назараш аз ҳама хавфнок—таҳи буттаи зичу анбӯҳ банд буд, то ки ҳарчи зудтар аз он регу шағал ба каф гираду намунаи ҷинсҳои кӯҳӣ интихоб намояд.

Бо ҳамин ният, беҷуръатона, дар ҳолате ки бо шубҳаву гумоне дилашро воҳима зер карда буд, ба бехи бутта даст дароз кард. Даст андохту якбора ӯро даҳшат фаро гирифт! Чизе тару лағжонак дар банди дасташ хазида гузашту якбора баданаш виҷиррос зад. Ва ҳамон лаҳза, дар як миҷҷа задан дасташро ақиб кашиду бо тамоми овоз фарёди ҷонкоҳе баровард:

-- Вой очаҷон-ее!!!

Ҷонҳавлона аз ҷой бархосту пояш лағжид, болои сангпораҳои шикастаи теғадор парӯ афтид. Сангҳо ғел хӯрданд. Ӯ низ дар қабати сангҳо ғел мехӯрд. Ғел мехӯрду сару пою дастонаш аз санг бар санге бархӯрда, торафт дар тани бора пойин меғелид. Аз пайи ӯ ҷо-ҷо дар рӯи сангҳо нақши хун боқӣ монда буд.

Бо шунидани нидои Зумуррад нахуст Аскар ба пушт нигарист. Ӯ бо чашмони худ дид, ки чӣ тавр мори бадҳайбате аз бехи бута хазида берун ҷаҳид ва ғеҷидаву

тоб хӯрда, бо шаст пойин фуромад. Ва онро низ ба мушоҳида гирифт, ки пойи Зумуррад лағжид; ҳамроҳи сангпораҳо ғел хӯрдаву ҷар шуд, аммо хомӯш буд, оҳу воҳ намекард, дигар овозаш намебаромад. Зеро ҳамон лаҳзаи аввали фарёд кашидану афтиданаш аз ҳуш рафта буд.

-- Эҳ! Мор! Мор! Зумратро мор газид!!!—нидои воҳимаангези Аскар дар кӯҳдоман ғулғула андохт.

Ӯ боэҳтиёт лағжида пойин фуромад, қадаме ниҳода буд, ки аз пешаш ҳамон мори алои хокистарранг баромад, ки дар тасаввураш камаш ду метр дарозӣ дошт. Аскар тарсида дар ҷойи худ беҳаракат истод. Сипас, гӯё аввал ҳамин кор заруур бошад, сангеро бардошта ба мор таҳдид кард. Мор саросема болою пойин хазида, роҳи гурез мекофт. Аскар чашмонашро пӯшида, сангро ба сӯяш ҳаво дод. Тираш хато хӯрд. Мор ба шаст ҷаҳида, дар нишебӣ лағжида рафт ва дар як дам аз назар ғойиб шуд.

Сайид аллакай, ба як хез задан худро назди Зумуррад гирифта буд. Расидан баробар обгиракашро кушоду ба рӯйи карахту бемадори ӯ об пошид. Баъд саросема аз ҷайб рӯймолчаашро бароварда, бо эҳтиёт сару рӯю дастони хуншорашро тоза кард. Аскар худро болои сари онҳо расонд.

-- Газидаст?—ҳашшасзанон нафас кашида пурсид ва худ дарҳол посух дод:—Э, ба худо газидаст! Ана ҷойи нешаш!-- Ӯ ба захми банди дасти Зумуррад ишора кард, ки аз зарби сангрезаҳо сахт харош ёфта буд.—Чӣ истодӣ?! Бубанд!–Бошитоб рӯймоли миёнашро кушода ба Сайид дароз кард. -- Аз ду тараф таранг карда бубанд ҷойи моргазидаро, ки хун дар баданаш паҳн нашавад! Ана ҳамин хел! Офарин! -- Сипас, аз пешкисаи пиҷҷакаш алмосеро баровард. Хам шуда, ҷойи захмро чок кард. Аз банди дасти Зумуррад, ки ҳанӯз беҳуш мехобид, хун фаввора зад. Аскар бо воҳима ким-чиҳо мегуфту Сайид бо изтироб кори охирини «дармонбахшӣ»-ро анҷом медод; ҷойи захмро аз ҳар тараф меҷафиду

лабонашро ниҳода, хуни берун ҷаҳидаро мемакид ва зуд-зуд ба як тараф туф мекард.

Чун Зумуррад каме ба худ омад, нолишкунон, ба лаҳҷаи ширини кӯҳистонӣ овози ҳазини дилхароше баровард:

-- Ай, чиба хунма мемакӣ, Сайид? Оҳ, ин қадар азобум нате, охир! Мон, бимирум, сер шудум ай ҷони ширинум!

Сайид дар ҳолате ки лабонаш аз макидан варам карда буд, ӯро тасалло медод:

-- Тоқат бикун, Зумратҷон! Ҳамааш хуб мешавад. Дард зуд мегузарад. Иншоолоҳ, дар як дам сиҳат мешавӣ…

Султонзода низ афтону хезон, лағжидаву рӯйи по шуда, расида омад.

-- Дасташро бастед? Хуб кардед! Акнун зуд бошед! Ӯро бардореду аз паси ман биёед!!!

Ҳамин ду ҳарфро ба забон оварду наистода, роҳашро идома дод; саросема бори танашро ба қади бора, ба сӯи нишебӣ сар дод. Сангрезаҳо дар зери пояш шиқирросзанон садо мебароварданд. Ӯ рост ба сӯйи мошинаш-«Некси» медавид, ки дар поёни кӯҳдоман, дар қади роҳи сангфарш меистод ва болояш бо матои сафед пӯшонида шуда буд.

Аз пайи ӯ Сайид Зумуррадро сари ду даст бардошта, пойҳояшро дар роҳи лағжони бора тиргаккунон бо шитоб мефаромад. Аскар аз дасти ба як тараф овезони Зумуррад медошт. Гӯё дар бардоштани бори тани харобаи ӯ ба Сайид ёрӣ медод. Дар асл бошад, ин ҳолат барои худи вай қулайтар буд; даст бар дасти Зумуррад додаву баробари Сайид бошитоб қадамзанон мувозинаташро нигоҳ медошт, то худ лағжида аз пой наафтад.

Султонзода саросема матои рӯпӯши мошинро печонида, ба боғоҷи он ҳавола дод. Дар паси фармон нишаста мошинро ба ҳаракат даровард ва дарҳояшро аз ду тараф кушода монд. Сайид расидан баробар Зумуррадро бо эҳтиёт дар курсии мулоими қафои мошин такя

кунонида, худ дар бараш нишаст. Аскар дар курсии пеш, дар бари Султонзода ҷой гирифт.

-- Ҳай кун!—амр дод ӯ, ба Султонзода, ки пой дар гази мошин, гардан тоб дода, ба қафо рӯ гардонда буд.—Тез бош, боз киро нигаҳ дорӣ?!

Санавбар, Қодир ва Усмон ҳанӯз дар баландӣ буданд. Ду ҷавон аз ду тараф, боэҳтиёт аз дасти Санавбар дошта, акнун то нисфи девори ёла мефаромаданд. Султонзода ду чашм аз Санавбар наканда, бо даст ишора кард: «Биё, тезтар!»

Аскар норозиёна ғурунгос зад:

-- Э, ӯро дар кучо мешинонӣ?! Буз дар ғами ҷону қассоб дар ғами чарбу! Бин, ба духтари бечора, хун дар рӯяш намондааст! Фаромӯш накун, ки бо вай ягон ҳодиса шавад, аввал ту, ҳамчун устод-муаллим, ҷавоб медиҳӣ!

Султонзода бештар ҳаросон шуд. Аз биму шарм, бо рангу рӯи канда ба Зумуррад нигарист, ки ҳанӯз беҳолу бемадор, якзайл, сахт-сахт нафас мекашид.

-- Аҳволат чӣ хел, шогирд?—пурсид ӯ ва мунтазири ҷавоб нашуда, ба Сайид гуфт:-- Кашед, пиҷҷакашро! Дар ин гармои тафсон бе ин ҳам нафасаш танг шудааст! Дигар ин ки, бубин, остинҳояш пури хун.

Сайид бо ёрии Аскар пиҷҷакро аз тани Зумуррад кашида, дасти захминашро дар он печониданд. Зумуррад дар пироҳани чити гулдор, ки ба танаш аҷаб зебанда буд, як маъсумаи парипайкари деҳоти кӯҳистонро ҷилва медод.

Мошин ба роҳ баромад. Аскар бори дигар таъкид кард:

-- Ҳай кун, тезтар! Рост ба Қаряи боло! Ҳеъ, афсӯс! Ман борҳо аз мардуми ин ҷо пурсида гирифтаам! Онҳо рост мегуфтаанд. Ин мавзеъро беҳуда Дараи морон намонидаанд! Э—эҳ! Як бор не, сад бор таъкид кардам, ки духтар, эҳтиёт шав, дастатро ба таги ҳар буттаю хору хас халидан нагир! Ба кӣ мегӯӣ ин гапҳоро! Гӯш намекунанд! Ана оқибаташ!

-- Аскар, бас кун, ҷӯра!—мошинро дар роҳи ноҳамвор бо эҳтиёт ронда, бо қавоқҳои овезон гуфт Султонзода.—Ту худат медонӣ, ки дар ин лаҳзаҳо ба гӯши кас гап намефорад!

Вай бори дигар дуздида ба қафо нигарист. Санавбар, Қодир ва Усмон, акнун аз кӯҳдоман хамида, сари роҳ баромада буданд. Нигоҳҳои Султонзода дар қадду басти Санавбар қарор гирифт, ки гардан кач карда, чашм аз ҳаракати мошин наканда меистод.

-- Охир зиёд не, ҳамагӣ ду духтаранд! Бояд ӯ ҳамроҳи дугонааш мерафт! Ту намондӣ!-зери лаб ғурунгос зад Султонзода ва бо қаҳр якбора суръати мошинро баландтар кард.

Аскар гӯё аз ғазаби ӯ ибо карда бошад, хомӯш монд. Дар курсии мулоим кач нишаста, нохушона ба қафо дида андӯхт. Санавбарро дид, ки аз дур, бо дили нохоҳам даст афшонда, ба қавли худ хайрухуш мекард. Қодиру Усмон пешопеши ӯ якта-якта қадам зада меомаданд.

-- Дард мекунад?—чашм аз онҳо барканда, ба Зумуррад нигарист Аскар.

Зумуррад ба зудӣ посух надод. Ӯ ҳамоно карахту беёд буд. Гавҳараки чашмонаш беҳаракат ба нуқтаи номаълуме дӯхта шуда буданд.

-- Месӯзад?

-- Дастам карахт аст, –ниҳоят овози хастае баровард Зумуррад.—Панҷаҳоям шох шудаанд дар назарам.

-- Ҷойи бастаро кушоед!-маслиҳат дод Султонзода.-

-- Э не! Накушо, Сайид! Заҳр дар як дам дар бадан паҳн шуда, ба дил кор мекунаду тамом!—бо воҳима гуфт Аскар.

Султонзода писханд зад:

-- Ҳе, Аскар-е! Воҳима накун! Иншоолоҳ, бахти Зумратҷон баландӣ кардааст! Мор нагазидааст ӯро. Агар мегазид, агар заҳр мемонд, медонӣ, то ҳозир дасташ чӣ қадар варам мекард?!

-- Заҳ-р аз ку-- ҷо! Ди-гар заҳр на-монд! Ҳамаашро

Сайид бо хун макида гирифт.—Ин боз ҳамон овози хастаҳолонаи Зумуррад буд, ки канда-канда сухан меронд.

Султонзода ба Сайид нигарист.

-- Лабонат варам кардааст, ҷӯра.

Ӯ даст ба камар бурда, обгираки саҳроиро кушод ва ба Сайид дароз кард.

-- Ма, ин ҷо арақ аст. Ба лабонат бимол, варама мегардонад. Ранги рӯят ҳам кандагӣ. Сахт тарсидаӣ, аз афташ. Каме бинӯш, ваҳмро аз дилат берун мекунад. Баъд, кушо банди дасти Зумратро. Азоб надеҳ духтари бечораро. Бепарво бошед, ҳар коре, ҳар ҳодисае рух диҳад, ман ҷавобашро медиҳам!

Сайид даҳони обгиракро кушода, лабонашро тар кард. Нанӯшид. Гашта ба Султонзода доданӣ буд, ки Аскар аз дасти ӯ чанг зада гирифт.

-- Ба ман те,- гуфт ӯ.—Э, с-сабил монад! Каме дарунамро дизенфексия накунам, намешуданӣ барин! Ба худо, ки дарунам ҳама заҳр аст, заҳри дарду алам аз ғами хоҳарам Зумрат, аз ғами занону модарони бечораю бадбахт, аз ғами заноне, ки беваи бекас мондаанд!

Дар гуфтори ӯ оҳанге садо медод, ки гӯё ҳоло ҳунгос зада мегиряд. Обгиракро баланд бардоштаву чашмонашро нимпӯш карда, шаробро дар ҳалқаш рехт. Нӯшид. Ба тахмин як пиёла зиёдтар фурӯ бурд.

-- Э, офарин, Аскар!—обгиракро аз дасташ кашида гирифта, бо табассуми хира гуфт Султонзода.—Қоил кардӣ!

-Шумо ҳам нӯшед, устод—маслиҳат дод Аскар.—Аз ранги рӯятон маълум ки Шумо ҳам сахт тарсидаед!

Султонзода табассуми хира дар лабон, бо қираи чашм ба Аскар нигариста, нобоварона сар ҷунбонд.

-- Аҷаб гапҳое мезанӣ! Тақдири се нафар, яке касалӣ, дар дастаму ту бошӣ, мегӯӣ, бинӯш! Ақлата хӯрдӣ, чӣ?

-- Ҳа, ақлама хӯрдаам! Девона шудаам! Ба ростӣ, фақат девонаҳо дар ин ҳавои тафсон, дар ин адири бекас, дар байни ҷуку ҷондор мегарданд!

Шароби гарм дар он ҳавои сӯзони тирамоҳ якбора ба Аскар таъсир карда буд. Ӯ ба Зумуррад нигариста, чанд ҳарфе ба тасаллои дилаш ба забон овард:

-- Қандата зан, хоҳар! Ана ҳамин хел, мард барин ба дард тоқат кардан даркор!—Ва ҳар лаҳза ба Султонзода муроҷиат мекард:-- Газ-з те, устод! Лекин мошината ҳам эҳтиёт бикун! С-сабил, ин роҳҳо ин қадар бекора будаанд!

Чун дид, ки забонаш аз таъсири шароб каме кӯл мехӯрад ва на Султонзода, на Сайиду Зумуррад ба суханонаш эътибор намедиҳанд ва ба қавли Султонзода «ба гӯши касе гап намефорад», лаб фурӯ баст.

Роҳро чанд фарсах хомӯшона тай карда, аз пули болои дарёча гузаштанд. Вориди деҳа шуданд. Он деҳае буд, ки Зумуррад мезист ва каме дуртар аз хаймаҳои геологҳо воқеъ буд. Бо маслиҳати устодону таҷрибаомӯзон аз рӯзи аввали ба ин ҷо-ба мавзеи Харангон омаданашон, рӯздармиён нонро дар хонадони Зумуррад мепухтанд. Ду рӯз дар талу теппаҳо барои намуна сангҳо ҷамъ оварда, рӯзи сеюм ба кашидани тарҳи лоиҳавӣ машғул мешуданд. Ана ҳамин рӯзи сеюми ба қавли Аскар «рӯзи истироҳат», Зумуррад бо хоҳаронаш дар хона хамир мехелиданд, нон мепухтанд. Вазифаи Санавбар дар хайма барои шариконаш таом тайёр кардан буд.

Аз деҳа гузашта, Зумуррад худро ба Сайид ҷафс кард, сарашро дарун кашид, бо мақсаде ки касе аз ҳамдеҳагонаш ӯро набинаду нашиносад. Чун аз деҳа гузаштанд, ӯ кӯлоҳашро пеш кашида, батамом рӯяшро аз назари раҳгузарон панаҳ кард. Ва дар ҳамон ҳолат бо овози хастаҳолонааш аз Султонзода хоҳиш намуд:

-- Устод. Илтимос, дар назди ҳо, ана он зане, ки хишт мерезад, манъ кунад, найистед, тез гузашта равед!

Дарвоқеъ, ба тахмин 150—200 қадам дуртар, дар болои пуштаи на он қадар васеи лаби дарёча, зане дар либоси обшустаю рангпарида миёни даҳҳо адад хиштҳои рехтаву хушкида ҷунбуҷӯл дошт. Дар мошин нишаста-

гон, ба ғайр аз Зумуррад, чашм аз ӯ намеканданд. Заҳмати гароне дошт он зан, ки дили кас месӯхт ба ҳоли зори вай. Ҳар навбат аз хиштҳои вазнини дар замин рехташуда, ки ҳар кадоме ба тахмин 10-15 килогӣ вазн дошт, камаш 6-8 донагӣ дар бағал гирифта, базӯр мебардошт ва дам нагирифтаю кӯз-кӯз қадам монда ба гӯшае мекашонд, ки он ҷо хиштҳо ғарам чида шуда буданд. Чеҳраи дилгиру хаста, мӯйҳои сап-сафед гардолуди титу пареш ва рӯймоли ба як тараф каҷшудаю хамидаи ӯро аз дуртар бараъло мушоҳида кардан мумкин буд. Ба кору бори ӯ бодиққат зеҳн монда, дар ҷойи нишасташ беқарор шуд Аскар. Оҳи бадарде аз дил бароварда, даст ба китфи Сулонзода ниҳод, ба сӯйи худ кашид, сахтакак афшонд.

-- Ҳей, устод! Бубинед! Нигаред, ба ҳоли зори занони деҳоти мо, ки чӣ рӯзи сиёҳе доранд! Бори рӯзгори имрӯза маҷақ кардааст онҳоро! Зани тоҷик хишт мерезад, хишт мекашонад, хишт тал мечинад! Эҳ, с-сабил монад ин зиндагӣ!!!

Султонзода ду чашм аз роҳ наканда, бепарво мошин меронд.

-- Ин зан ба ту кӣ мешавад?.—ба қафо рӯ тофта, пурсид Аскар аз Зумуррад.

-- Баъд мегӯям,-- бо овози гиряолуд гуфт Зумуррад ва гардан каҷ карда боз ба Султонзода муроҷиат намуд: —Илтимос, муаллим, маътал накарда, зуд гузашта равед!»

Дар ин дам мошинро аз дур дида, зани хиштрез гарди доманашро саросема афшонду рӯйи роҳ баромад. Пайи ҳам маротибае чанд бо даст ишоракунон мошинро маътал карданӣ шуд. Аммо Султонзода суръати ҳаракатро суст накард. Хоку чанги роҳро ба ҳаво хезонда, гузашта рафт.

Аскар аз ин рафтори онҳо сахт дар ҳайрат, балки дар ғазаб афтода буд. Норозиёна ба Султонзода, сипас ба Зумуррад нигарист, ки акнун сарашро боло бардошта, нигоҳҳои тираи ғамзадаашро боз ба пеш андӯхта

буд. Агарчанде мошин масофаеро чанд дуртар аз зан тай карда буд, Аскар тоқат карда натавониста, сар аз кабина бароварду баланд овоз дод:

-- Меоем, апа! Ҳозир бармегардем!

Султонзода акнун суръати мошинро каме сусттар карда, нафаси сабук кашид:

-- Хайр, ана, шогирд! Хоҳишатро ба ҷо овардем!- ними рӯяшро гардонда гуфт ба Зумуррад.

-- Ман ба ҳеҷ чиз сарфаҳм намеравам!-- бо ситеза гуфт Аскар.—Шумо, чаро ин корро кардед?! Чаро наистодед, як зани бечораро ноумед карда? Акнун ба ман фаҳмон, Зумрат, ба суолам ҷавоб деҳ, ки ин зани бечораи бадбахт ба ту кӣ мешавад?

-Апааш. Апайи калонияш,-- ба ҷойи Зумуррад кӯтоҳ посух дод Сайид.

-- Хайр чӣ?—ғурунгос зад Аскар.—Меистодем! Дар мошин ҷой ҳаст, савораш мекардем! Ё, апаат мор газиданатро нафаҳмад, гуфта, наистодем? А, Зумрат? Э, кори хуб накардӣ! Акнун, ҳоли ҳозир аз касе пурсаду асли воқеаро фаҳмад, баъд чӣ мешавад?! Медонӣ, хуни ҷигар мехӯрад, бечора фарзанди падарат!

-- Бас кунед, акои Аскар! Нагӯед, гапам намефорад!—Оби даҳони хушкидаашро базӯр фурӯ бурда, илова кард Зумуррад:-- Охир, апаам бояд ҳарчи зудтар хиштҳоро тал чинад…Мефаҳмед?! Ҳамин бегоҳ барои бурдани хиштҳо мошин меояд…

-- Ҳа…Фаҳмо… Бубахш… Лекин ту ғам нахӯр, Зумратҷон. Ҳамин ки туро ба касалхона бурда хобондем, мо зуд бармегардему ба апаат ёрӣ мерасонем. Ҳамакаса, Ману Сайид, боз ана он Усмону Қодирро оварда, ҳашар мекунему худо хоҳад, дар як дам хиштҳоро тал мечинем ва дар мошин бор мекунем. Чӣ гуфтӣ, Сайид?

Сайид, ки Зумурради беҳолу бемадорро дар бағал кашида, аз рӯи одат ғарқи андешаю хаёлот, ба сӯҳбат ҳамроҳ намешуд, миннатдорона бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд.

-- Бале. Раҳмат, акои Аскар. Ҳатман ин корро мекунем, ба апайи Гавҳар ёрӣ мерасонем!

-- Гавҳар аст номи апаат? -- дафъатан рӯ ба Зумуррад гардонд Аскар. Ӯ бо ифодаи қаноатмандӣ аз таклифи ба миёнгузоштааш лаб лесида, лаҳзае таваққуф намуд. Ва интизори посух нашуда, аз ғояти мастӣ, ба қавле, акнун даҳанаш гарм шуда буд, боз пурсид: -- Шӯ надорад апаат?

-- Неъ!—дардашро базӯр нишонда посух дод Зумуррад.—Э, бас! Напурсед, акои Аскар! Ҷонам баромада истодааст, охир!!!

Султонзода барошуфт:

-- Чӣ ин қадар пурсида, сари духтари бечораро гаранг мекунӣ?! О, мон, бадбахтро ба ҳоли худаш! Ба ҷароҳати дилаш намак напош!

Аскар пушти сар хорид:

-- Ҳа… фаҳмо!.. Акнун донистам, ки чанд соат пештар «апаам бизнесмен, доллар кор мекунад» гуфта киро дар назар доштаӣ! Ана «бизнес»! Зани тоҷик хишт мерезад! Ҳеъ! Шабу рӯз дар дашти беодам, дар офтоби сӯзон ҷон коҳондаю кор мекунад, то қути лоямуте барои худу… Фарзанд дорад, бечора апаат?

-- Ҳа, чор фарзанд…-- Зумуррад инро гуфту чашмонаш ғарқи ашк, рӯяшро ба дигар тараф гардонд.

-- Ана дидӣ! Каму ғам не, чор фарзанд доштааст!—ва ҳамон гапро такрор кард Аскар— Бечора дар талоши як даҳан ризқи худ ва бачаҳояш шабу рӯз, ҷон коҳонда хишт мерезад, заҳмат мекашад, ончунон коре мекунад, ки мардони ҳузарб тобу тоқати онро надоранд! Ҳмм… «бизнесмен! Ана «бизнес!» Зани тоҷик доллар кор мекунад! Эҳ, марг ба ин хел доллар! Марг ба ин аҳволе, ки занону модарони бадбахти мо аз сар мегузаронанд! Акнун донистам, ки чаро дар ҷавоби саволи ман киноя зада гуфта будӣ: «Шӯяш мурдааст»! Аммо мани каллаварам, ба кинояи ту сарфаҳм нарафтам! Яъне, шавҳари апайи Гавҳар намурдааст, зинда асту ӯро-- занашро, бачу качаш, дару хонаашро пар-

тофта, ба Россия ба мардикорӣ ё ба ягон гӯру лаҳад рафта, бедарак шудааст. Ёфтам?! Ҳамин хел-а?! !

Маротибае чандум буд, ки ӯ чашмони аз ғазаб ва таъсири шароб суп-сурхгаштаашро ба Зумуррад дӯхт. Аз дидагони Зумуррад қатраҳои ашк мешориданд.

Аскар истода-истода, бо бинӣ фашшос зада, бештар дар ғазаб мешуд. Дилаш қарор намегирифт, пайи ҳам мазаммат мекард, дашному ҳақорат медод:-Ҳеъ, номарде! Ҳеъ, бар падарат наълат! Мур аз ин ҳолат, ки чунин зани ҳалолу покизаро партофта рафтӣ! Э садқаи чунин зан шавӣ, нокас! Ҳеъ, зор монад, ин дунёи бевафо! Қиёмат, дӯзах мегӯянд! Ба худо, ин ҷост қиёмат, ин ҷост дӯзах, ҳамин дунёе, ки мову шумо умр ба сар мебарем! Э вой, дигар чӣ гӯям, ба ин дӯзахиён, ки нагуфтанам беҳтар аст!..

Ӯ беихтиёр ҳунгос зада, домани гиряро сар дод. Султонзода нобоварона ба вай нигарист. Ӯ дар ин чор ҳафтаи якҷоя ба шогирдон таҷриба омӯзонидан, дар ин чор ҳафтаи шиносоӣ чанд бор маст шудану дар чунин ҳолат афтидани Аскарро дидаю мушоҳида карда буд. Ҳар маротиба ӯро барои беиродагӣ, барои ана ҳамин тавр, дар ғами каму кости зиндагӣ мисли занҳо гиря карданаш таънаю маломат кардааст. Аммо ин дафъа ба ҳоли ӯ нигариста хорияш омад. Аз афташ, бо алам сухан рондану гиря карданаш ба Султонзода сахт таъсир карда буд, ки дилсӯзона ба забон овард:

-- Шояд, Аскарҷон, рост мегӯӣ! Дарвоқеъ, шавҳаре, ки тайи солиёни зиёд дар бари зану фарзандон нест, мурда ҳисоб мешавад! Ва ё шояд шавҳари Гавҳар мисли садҳо ҷавонмардони ҳамдиёрамон ноилоҷ, аз кахтии рӯзгор Россия, ба мардикорӣ рафтаю пул равон мекардагист? А, Зумратҷон?

Ӯ чашм аз роҳи калони мумфарш наканда, қасдан ба пушт нигоҳ накард, балки натавонист ба чашмони Зумуррад дида андӯхтан, ки ӯ якзайл, чуқур-чуқур нафас гирифтаю дардашро базӯр фурӯ мебурд.

Мошинро сукути ногуворе пахш кард. Гӯшу ҳуш ба

Зумуррад дода, он се нафар мард, ба қавле ҷуръати нафас кашидан надоштанд. Ниҳоят, ғайри чашмдошти ҳама аз даҳони Зумуррад ҳамин ду –се калима, канда-канда баромад:

-- Не, маълим. Язнаам дар Россия зан гирифтааст. Вай дигар намеояд…

* * *

Гавҳар ба димоғи сӯхта дуру дароз аз ҳаракати мошин чашм наканда, оҳи сарде кашид. «Эҳ, чаро наистод? Аҷабо… Охир, зиёд маъталаш намекардам! Як даҳан гап доштам. Мепурсидам, ки фардо нонро соати чанд бипазам?»

Побанди хаёлот ва шубҳаю гумонҳо дуртар рафта, дар рӯйи хиштпорае нишаст. «Оё вай ҳамон муаллими геологҳо буд? Ё саҳв кардам? Не, мошини ҳамон буд! Худашро ҳам чаро нашиносам? Чанд маротиба савори мошин, барои бурдани нон ба хонамон омадааст! Як марди такаббуре ки!… Ин мард, аз чӣ бошад, ки аз рӯзи аввали диданам ба ман нафорид! Афташ хунук менамояд дар назарам. Ҳеъ! Як дам маътал мешудӣ, мемурдӣ?! Писанд накард як беваи бечораи муштипарро! Садқаи одамгарӣ шавӣ!»

Вай рӯймолашро аз сар гирифта афшонд. Аз ҷой бархоста гирди сар маҳкамтар баст. Ҳалқаш хушк шуда буд. Аз сояи ғарами хиштҳо машки пуробро гирифта, чанд қулт нӯшид.

«Хайр, меоям гуфтанд-ку! Боз чӣ мехоҳӣ?.—Ин дафъа худро маломат кард Гавҳар.—Наистода тез гузашта рафтанашон бесабаб набудагист? Он марди дар бараш нишаста, ки «меоем», гуфта овоз баровард, кӣ буд? Ба назарам шинос менамояд? Шояд ягон кори заруращон баромадааст, ки ин қадар тез гузашта рафтанд! Шояд ягон касалиро мебурданд? Ягон занро дарди кӯдакаш гирифтааст, аз афташ. Бале, дар қафои мошин зане бо сари хам, дуқат шуда менишаст! Кӣ бошад? Аз кадом деҳа аст ӯ? Дар сар кӯлоҳи геологӣ дошт ба назарам?..

Дар ин дам шубҳае дар хаёлоти Гавҳар пайдо шуду чун тир дилашро пора карда гузашт. «Эҳ, Худо нишон надиҳад! Тавба кардам!» –Ӯ гиребонашро дошта, зери лаб чанд бор «Астағфрилло!» гуфт.

Баногаҳ телефони мобилӣ ба ёдаш расид, ки дар ковокии ғарами хиштҳо ниҳода буд. Онро гирифта саросема занг зад. Пайи ҳам ҷирингоси телефон шунида мешуду касе посух намедод. Дили Гавҳар батар тагурӯ шуд. «Ҳамин саҳар бо вай гуфтугӯ карда будам. Телефонаш соз буд! Эҳ, сабил монад, рақами телефони Санавбару дигар ҳамкурсонаш, ё ҳамин муаллими геологҳо, номаш чӣ буд?... С-сабил монад, Султонзодаро ҳам фаромӯш кардаам!»

Аз миёни он ҳама андешаҳои бесару нӯг гумони мудҳише ӯро сахт метарсонд, ки мехост ҳарчи зудтар онро аз сараш дур афканад: «Куртаи чити гулдор дошт он зан? Чунин куртаро ҳаргиз дар тани Санавбар надидааст! Эҳ, Худо кӯрам кунад, агар куртаи хоҳаракамро нашиносам! Хезаму доман барзада сари ёла равам-чӣ?»

Сараш ғуввос мезад. Дасту пойҳояш мадори ҳаракат надоштанд. Такяи даст ба зонувонаш ниҳода, аз ҷой бархостанӣ шуд. Натавонист. Гӯё дар замин мехкӯбаш карда буданд.

Не, тан намедод ба ин ҳама ноумедиҳо Гавҳар, ки мислашро дар зиндагӣ на як бору ду бор дидаву пушти сар кардааст. Ин дафъа тамоми қувваташро ғундошта, зӯр зада аз ҷой бархост. Бархосту якбора калавида пуштнокӣ рафт.. Чашмонаш сиёҳӣ зад.. «Наметавонам, аз афташ! Ҳангу фараам батамом кандааст! Эҳ, Худоҷон-е! Чӣ кор кунам?!».

Сари зону дар замин нишаст. Дар пешаш хиштҳои калон-калони хушкида қатор чида шуда буданд. Даст ба онҳо бурд. «Як, ду, се, чор, панҷ, шаш. Бас! Аз он зиёд зӯрам намерасад!» Дар бағал гирифт он хиштҳоро. Бардоштанӣ шуд. Зӯраш нарасид. Кам кард. То ҳадде ки ҳамагӣ ду дона монд. Дар бағал гирифту бо эҳтиёт қадамзанон ҷониби ғарами хиштҳо раҳсипор шуд. Хишт

болои хишт гузошт, нафас рост кард. Баъд аз ин яқин донист, ки дигар мадоре надорад барои хишт кашондан. Бекор намонам гуфта, қабат ба қабат хиштҳои талчидаро ҳисоб кард: «Даҳ, бист, чил, ҳаштод, сад…». Дар рӯйи замин, дар он дашти кушод боз се баробар хиштҳои қатору паҳну парешон мехобиданд. Гавҳар аз дил гузаронд, ки бо ин аҳвол то омадани мошин наметавонад ҳамаи онҳоро кашондаву ғарам чидан. «Э, бало ба паси ҳамон мошин! Ҳар чи бодо бод, меравам ба сари ёла! То асли воқеаро нафаҳмам, дилам қарор намегирад!».

Бо ҳамин ният рӯ гардонд ҷониби дара, ки қад-қади доманакӯҳҳо, то сари ағбаҳо тӯл мекашид.

Рӯ гардонду писарбачаи ҳамсояро дид, ки шитобон сӯяш меомад. Ҳолати парешон дошт писарбача.

-- Хола! Холаҷон!—раҳорах чуқур-чуқур нафас кашида, ба забон овард писарбача.—Апайи Зумрата мор газид!

Гавҳар дигар намешунид он чиро, ки бо имову ишора писарбача ким-чиҳо мегуфту мефаҳмонд. Ӯ аз ҳуш рафт, дар замин ғелид. Дар домани хоколудааш чанд пора хишти шикаста паҳну парешон мехобид.

-- Холаҷон! Хезед! Хола!— якзайл аз дастонаш мекашид писарбача, то рӯи по хезонадаш. Наметавонист, зӯраш намерасид. Ниҳоят, давида аз машк, ки дар сояи ғарами хиштҳо гузошта шуда буд, дар кафаш об рехта, бар рӯйи Гавҳар об пошид. Гавҳар андаке ба худ омад.

-- Рав, бачам, ба хонаи мо,-- беҳолона гуфт Гавҳар.—Холаҳоят-Беҷода, Садафмоҳ ва Марҷонаро бигӯ, биёянд.

-- Хуб шудааст, холаҷон!

Писарбача рафту пирамарде роҳгузар пайдо шуд. Вай асояшро дар ҳалқаи дастон гузаронидаю бори тан бар пушт афканда, рост меистод; болои сари Гавҳар хам шуду лабонаш моили тамасхур, пурсид:

-- Ҳа, духтари Мармари сурх! Чӣ кор кардӣ?

Гавҳар дам назад. «Эҳ, Худо!-аз дил гузаронд ӯ.— Дар ин лаҳзаҳои ғаму кулфат киро овардӣ ба сарам?

Ҳамин пирамарди хираи қоқи девонаавзоро, ки на танҳо ман, балки ҳамаи занҳои гирду атроф аз рӯи шуми ӯ безоранд! Даҳанаш бӯйи ҳафт хар мекунад! Ба ҳар зане, ки рӯ ба рӯ ояд, бо гапҳои бадбӯяш даррав ба ӯ дармеафтад: «Маро намегирӣ? Шукри худо, Макатуллоро зиёрат карда омадаам. Ҳоҷиям. Пулу молу давлату савлати зиёде дорам. Ҳар зане, ки завҷаи ман шавад, иншооолоҳ, хору хазон шудан намемонамаш. Рӯ-рӯи даст мебардорамаш!..».

Ба Гавҳар хеш мешуд ин пирамард. Ба қавле, язнааш мешавад, шавҳари духтари амакаш- худораҳматӣ Моҳитобон. Аз як гӯшаи дури Тоҷикистон, аз як деҳаи назди сарҳади Афғонистон омада, (гӯё дар ин ҷо шӯйиро каҳт зада бошад!) духтари парӣ барин хушрӯи варзобиро хостгор шуд. Моҳитобон аз ин мард 30 сол хурд буд. Ӯ намехост бо марде, ки ҳамсоли падараш аст, сар дар як болин монад. Пулдору молдор гуфта, як-ду нафар авлодони ӯ, ки дар Харангон зиндагӣ мекунанд ва қадрдони амаки Гавҳаранд, ба миёна даромада, зӯран бо вай хонадораш карданд. Моҳитобон аз талхии зиндагӣ, аз тақдири бадаш хору хазон шуд, силкасал шуд. Баъди як соли хонадорӣ аз олам гузашт, бадбахт. Ин пирамарди беимон аз марги ӯ парво надорад. Ба ҳар касе, ки аз завҷааш пурсад, бепарво посух медиҳад: «Мурд, исқотӣ. Худо барвақт ҷонаша гирифт!». Ана ҳамин тавр, нисбати одамон, дар ҳар гапу кор ҳамин як суханро ба оҳанги дурушту дағал ба забон меорад, ки аз шуниданаш нафрати кас меояд: «Исқотӣ!» Аз ин рӯ, ба вай лақаби муносибе додаанд: «Камоли Исқотӣ». Ҳоло лақабаш «Ҳоҷӣ». Ҳоҷӣ Камол ном гирифтааст ба худ. Садқаи номи ҳоҷӣ шавад! Дар асл як кофири беимон аст! Писаронаш, ки ба қавле «пулро бо сари панҷшоха меғундоранд», ӯро ба ҳаҷ фиристоданд. Аммо дар асл ин пирамард аз таълимоти дини мубини ислом ҳарферо намедонад!..

-- Ҳе, занаки ҷонсахте! Ҳе, исқотие!—нигоҳҳои бефарқи худро ба Гавҳар дӯхта, бо тамасхур лабонаш-

ро кач̣ кард Камол.—О, ин коре, ки ту мекунӣ, миёни дах̣ бузбаларо мешиканад! Биё, маро бигир. Ба худо, ба тую сағираҳоят саробонӣ мекунам.

Гавҳар бо илтиҷо ба вай рӯ гардонд:

-- Амаки Камол! Дар пеши потон бимирум! Худо баракат диҳад, ягон мошинро қарор кунед, ҳарчи зудтар ба Душанбе рафтан даркор!

Пирамард дастонашро дар пешонӣ соябон карда, нохушона болою пойини роҳи мошингард чашм давонд. Дар домани дашти беодам гармсел мавҷ мезад. Як гурӯҳ писарбачаҳо, ки бо харҳо ҳезум мекашонданд, аз қад-қади роҳ мегузаштанд.

-- Э мошин ай куҷо!— лоқайдона посух дод ӯ.—Дар ин гарми рӯз, дар ин дашти тафсон, исқотӣ, ҳатто пашша пар намезанаду! Ту сабр кун, зуд ба қишлоқ рафта, мошини худама меорам. Ба шарте ки…

-- Нагӯед, амак, дар ин лаҳзаҳо, ки дилам сиёҳ аст! Аз ғаму ғусса хуни ҷигар мехӯрам! Ба ҷойи падарам бошен! Худо инсоф диҳад Шуморо! Ба ҳоли мани муштипар раҳм бикунед, нигаҳ доред ягон мошина!

-- Э, ҳа!—мад кашида гуфт Камол.—Медонам, ки касал шудӣ, аз кори вазнина! Лат хӯрдааст миёнат, исқотӣ, аз бори гарон бардоштана! Мехоҳӣ балниса биравӣ! Ҳеъ! Мемурӣ кадом рӯзе, аз ин азобе, ки ту дорӣ ва касе ба додат намерасад! Ба никоҳи ман даро, шоҳдухтар барин зиндагӣ мекунӣ!

Гавҳар тобу тоқаташро аз даст дод.

-- Бирав,-- дод зад ӯ.-Гум шав аз назарам, пирхари гӯрсӯхтаи беимон! Мон, дар ҳамин дашти бесоҳиб бимираму рӯйи хунуки туро набинам!

-- Хайр, ихтиёрат! Ба падарат рафтаӣ, исқотӣ! Падарат Мармари сурх буд, сип-сиёҳ шуд вақти мурданаш! Дами ҷон ба ҷаббор супурданаш дар болои ҷасадаш будам!

Вай асояшро аз ҳалқаи дастон кушода, бо нӯги он заминро хат кашид ва ба пасаш нигоҳе наафканда, зери лаб ғурғуркунон гузашту рафт.

Дили Гавҳар дар он лаҳзаҳо аз оламу одам монда буд; аъзои баданаш тазъиқ мееёфт аз ғаму андӯҳ, месӯхту дард мекард; ба мисле ки бо корд лахт-лахт карда бошанд. Ӯ бо ин ҳоли табоҳ пойҳояшро дароз карда, дар болои хоку чанг нишаст; хиштеро дар бағал кашиду бо овози ҳазин, дарун-дарун гирист. Нолакашон рози дил мегуфт ба хишт, ба хоки замин: «Эй Хок! Эй Замин! Эй офаридаи Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам! Чаро, охир, бо ин ҳама бузургият як сари тоқаи мани беваю бечораро дар худ ғунҷонда наметавонӣ?! Охир ман чӣ гуноҳ кардам, ба ғайри он ки дар офтоби сӯзон аз ту лой хелида, хишт рехта, хушк кардаву тал чида, дар мошин бор мекунам, то ки як даҳан ризқу рӯзии худ ва чор тан сағираи бепадарамро биёбам! Хуни ҷигар хӯрда, базӯр рӯзгори сангинамро саришта мекунам! Майлаш, ман шӯрбахт шудам бо амри Парвардигор, тақдирам ҳамин будааст. Лекин, хоҳари бечораам чӣ айб дорад? Бигӯ! Оё аз синаи ту ганҷ кофтан гуноҳ аст? Охир, раҳматӣ падару модари берӯзиям ба сарватҳои беҳисоби ту, ки доди Худои таоло аст, эътимод баста, ба мо, духтарони муштипарашон Гавҳар, Беҷода, Садаф, Марҷона, Зумуррад, Марворид, Ақиқ, Нуқра ном ниҳодаанд! Ба умеде, ки аз неъматҳои ту, ай Замини муқаддас, бебаҳра намонем!..»

Гавҳар хост баландтар овоз бароварда, дар он дашти беодам дод занад, фиғон барорад. Аммо ибо кард, аз он ки аҳли деҳа ва мисли Камол айбҷӯю ғайбатгарон шунаванд, албатта мегуфтагистанд: «Хоҳаратро мор газидааст, ба мо чӣ? Кӣ ӯро маҷбур кард, ки дар адир, сар-сари ёлаҳо гардад? Кӣ гуфт, ки шабҳоро дар хаймаҳо, дар торикшабии дара, бо мардони бегона гузаронад? Охир, вай насронӣ нест-ку! Оё ба зани тоҷик, ба мусулмондухтар мезебад, ки геолог шавад? Ҳамин ҳам касб шуд?!»

Овози шиносе ӯро аз ҷой як қад парронд.

-- Апаҷон, зиқ нашавед, Зумрат соқу саломат аст.

Гавҳар сар боло карда, Санавбар ва ду ҷавони барояш

ношиносро дид. Нобоварона ба қадду басти ҳар яке ба навбат зеҳн монд. Дар чеҳраҳои онҳо аз ташвишу изтироб дида, бештар ифодаи эътимоду боварӣ таҷассум меёфт. Дили Гавҳар каме ҳам бошад, таскин ёфт.

-- Хезед, апаҷон, доманатон хоколуд шудааст.

Аз дасти ӯ гирифта аз ҷой бархезонд Усмон.

—Балниса бурданд ӯро?—саросема пурсид Гавҳар ва худ посух дод:-- Дидам. Дар мошин аз пешам гузашта рафтанд. Наистоданд, ки хоҳаракамро бубинам…

Ӯро боз гиря гулӯгир кард. Гапи бисёре, суолҳои зиёде дошт, аммо натавонист гуфтан ба ин ҷавонон, ки ҳамсабақҳои Зумурраданд.

-- Апа, ба мо занг зада гуфтанд, ки хишт кашонем, ба Шумо ёрӣ расонем.—гуфт Қодир.

-- Кӣ гуфт?

-- Устодамон Султонзода, -фаҳмонд Усмон.- Ҳамкурсамон Сайиду акои Аскар. Маслиҳат доданд, ки «шумо кор карда истед, мо даррав расида меоем».

-- Хоҳарам худаш бо шумо гап зад? Ҳар қадар занг мезанам, ҷавоб намедиҳад...

-- Дугонаи ман, Худо хоҳад, ҳамин лаҳзаҳо расида меояд.—гуфт Санавбар.-- Шумо ҳеҷ хавотир нашавед. Гуфтам—ку, дугонаам сиҳату саломат аст. Ӯро дар касалхона нахобонда, ҷавоб доданд.

-- Дар забонут садқа, хоҳарҷон!—оби чашмонашро дошта натавониста гуфт Гавҳар ва хам шуда, як мушт хоки хишти шикастаеро дар каф гирифт. Ҷавононро сахт дар ҳайрат гузошта, дар дидагонаш молид. Хоки бо ашк омехта рухсораҳояшро лойолуд кард; чеҳраи бе ин ҳам тираю дилгири ӯ тиратар шуд. «Ай Замини пок! Ай хоки муқаддас!—гириста истода ба забон овард ӯ.— Ҳазорон шукр аз ту, ки бо амри Парвардигор ба доди мани муштипар расидӣ! Агар аз ин ҳама неъматҳои каму беше, ки насиби ризқу рӯзиям кардаӣ, ношукрӣ кунам, бимон, ки кӯҳрӣ шавам! Эҳ, чӣ розе дар ту ниҳон аст, эй Замини бузург, ки онро Худои мутаол медонаду бас!.. Бо амри Парваридгори раҳим ҳар чи ки аз ризқу

рӯзӣ, шодию ғам дар тақдири мо, бандагон кашида шуда бошад, ҳамонро мебинем…

## II

Заминшиносон дар як гӯшаи зебоманзари домани дара хаймаҳо зада буданд. Дам ба дам насими форами кӯҳистон вазида, ба дилу ҷон ҳаловат мебахшид. Накҳати гулу гияҳҳои адир димоғро муаттар месохт. Аз чор тарафи хаймаҳо пуштаҳои сабзу хуррам, бо дарахтони сарву санавбар, туғу арча, олучаю бодом ва буттаҳои настаран назаррабой мекарданд. Дарёчаи обаш софу зулол шилдирросзанон аз канори қароргоҳи муваққатии геологҳо мегузашт, ки қад-қади дара ҷорӣ шуда, деҳаву боғоти мавзеи Харангонро шодоб менамуд.

Султонзода дар сояи салқини чаҳорбоғи лаби дарё, болои ду қабат бистари мулоим, такя бар ду болини фаххак ниҳода, пойҳояшро баҳузур дароз карда менишаст. Рӯзномае дар даст, бепарво варақ мезад. Дар наздаш, дар рӯи дастурхон чанд пора нону косае ҷурғот ва як шиша шароб бо газакаш меистоданд.

Онсӯтар, дар канори дарёча бо гулхани баланд барафрӯхта алови оташдон месӯхт. Санавбар кафгир ба дег зада, саргарми пухтупаз буд. Мӯйҳои ҳалқаи гирди сар печонидаву бо як пора матои чити гулдор баста ва рухсораҳои аз гармӣ тафсидаву арақшораш ба вай аҷаб ҳусне ато карда буданд! Ӯ кундаи даргирони таги дегро ақиб кашид, бошитоб ҳезумҳои шикастаашро аз даври оташдон ғундошта, дар як тараф ниҳод. Бо ҳамон чолокӣ сатилро гирифта, ба сӯйи дарёча равон шуд.

Султонзода лаҳзае чанд рӯзномаро мутоила карду як сӯ гузошт. Даст ба шишаи шароб бурд. Як ҷуръа дар пиёла рехту нӯшид. Порае помидор аз газак гирифт, бӯ кашид, газиду фурӯ бурд. Ҳамон дам Санавбар дар як лаълӣ қайла оварда наздаш гузошт.

-- Марҳамат, устоз, нӯши ҷонатон шавад!

-- Гузар, шин дар бари ман,-- лабонаш ғарқи табассум амр дод Султонзода.

Ӯ майле кард, то аз дасти Санавбар кашида, дар бари худ шинонад. Аммо Санавбар бо як чолокӣ дасташро раҳо карду худро қафо кашид. Нозомез лаб газиду бебокона дар муқобилаш нишаст.

-- Рӯ ба рӯ беҳ аз паҳлӯ,- гуфтаанд, устоз!

-- О, дар кӯҳдоман, дар адир доимо дар паҳлӯям мешиштӣ-ку?

-- Он ҷо дигар аст, устоз! Аз чашми ғайбатчиён панаҳтар. Ба ғайр аз одамони худӣ-ҳамкурсонаму акои Аскару Қодир каси дигар нест. Ин ҷо, дар диёргии қишлоқ сад чашм аз чор тараф ба сӯямон нигоҳ мекунад.

-- Ҳай тарсидӣ! Кӣ мебинад, дар паси ин панҷараи дарахтону девори кӯҳу пуштаҳо?

-- Чашмони номаҳрам аз паси сад қабат девор ҳам мебинад, устоз!

-- Ҳе, ту шайтон-е! Хайр, наздиктар шин. Якта резам?

Ӯ дар ду қадаҳ шароб рехт. Якеро ба Санавбар дароз кард: «Ана, инашро касе намебинад. Бубинад ҳам, чашми номаҳрам аз куҷо донад, ки дар пиёла чой аст ё шароб. Бигир, бинӯш!»-- гуфт.

Санавбар қадаҳро дар даст гирифт, сар хам кард. Султонзода ду чашм аз хати абрувони борику рухсораҳои гулгун ва лабони майгуни ӯ наканда, бесаброна интизорӣ мекашид.

-- -Ҳа, бардор! Чӣ нигоҳ карда мондӣ?

Санавбар бо майли нӯшидан пиёларо баланд бардошт, ба лаб наздик овард ва ҳамзамон тарсидаву рамида ба атроф чашм медавонд. Дар ин ҳангом баногаҳ ба назараш намуд, ки аз паси хаймаҳо, дар партави офтоби фурӯрафтаистода, сояи қади дарозе намоён шуд. Саросема қадаҳро дар як лаби дастархон ниҳоду ба пушт нигарист. Акнун барои нанӯшидани шароб, ки устод-муаллимаш талқин мекард, баҳонае ёфта буд.

-- Ана, «Исқотӣ» омад!— пиққӣ хандида аз ҷой ҷаста бархост ӯ ва гурезон дар як дам худро дар назди оташдон гирифт.

Аз сояи анбӯҳи дарахтон сулфаи касе, сипас, овози ӯ шунида шуд:

-- Маълим! Ҳо, маълим! Ҳамин ҷойӣ?.

Аз шунидани ин овоз табъи Султонзода хира шуд. На фақат ӯ, балки дигарон ҳам, ки дар ин хаймаҳо зиндагӣ мекарданд, ҳар дафъа дилгир мешуданд аз дидори ин мард. Чанд рӯз аст, ки пойи Ҳоҷӣ Камол канда набуд аз хаймаи геологҳо. Бахусус ҳар рӯз, ҳангоми хӯроки шом, вақте медид, ки ба қавли ӯ «геологҳо» аз кӯҳдоман фаромада, даври дастурхон ҷамъ шудаанд, банохост аз куҷое пайдо шуда сар мехалонад ба қароргоҳи онҳо. Ҳар чи гузоранд рӯи дастурхон, покпокиза мехӯраду гапҳои пасту баланде дар ғайби кимкиҳо гуфта, хайрухуш накарда мерафт ва шоми дигар дидӣ, ки боз бе гапу хабар даромада омад.

-- Биёед, амак, марҳамат...-- аз ҷой бархоста, хушомадгӯёна даст пеши бар гирифт Султонзода.

Пирамард, мисле ки ба дари хонаи худ қадам ниҳода бошад, бе салому алайк гузашту сари дастурхон нишаст. «Бисимиллоҳ» гӯён порае нон шикаста, ба даҳон андохт. Ба ҳавсала хойида истода, ба пасу пеш чашм давонд. Лаҳзае бо нигоҳҳои харидорона ба қаду басти Санавбар зеҳн монд, ки дар сояи дарахтон ба оташдон алав мемонд, дар дег, ҷизу биз садо бароварда, таом мепухт. Пирамард гашта ба табақи холӣ, ки Султонзода онро аллакай хӯрда, ба қавле, лесида топ-тоза карда буд, нигарист; пиёлаи «об»-и дар наздаш будаpo бардошта бӯ кашид. Рӯй турш кард ва як сӯ гузошт.

-- Маълим!—манаҳи серришашро қабза карда молид ва бо овози баланд ба Санавбар шунавонида гуфт ӯ.— Арақа мехӯреду газакаш нест-ку!

Табассуми сохтакоронае дар лабони Султонзода нақш баст. Дар муносибат бо ин марди қайсару девонаавзо, ки тайи чанд рӯзи шиносоӣ ӯро ба хубӣ омӯхта

буд, бисёр эҳтиёт мекард, ки мабодо аз ғафлат бо гапу кори ноҷое, дар ин мавзеи барояшон бегона, малоли хотираш нашавад! Балки метарсид аз Ҳоҷӣ Камол, ибо мекард, аз ин пирамарди бадҷаҳл, ки рафту аз касе хафа шавад, тамом, Худо зад! Даррав шӯру мағал бардошта, ба ҷанг мехезад. Ду рӯз қабл чунин ҳолат дар пеши назари Султонзода рух дода буд. Ким-чӣ гапе аз байни ин мӯсафеду ҷавонон гузашту Ҳоҷӣ Камол банохост овоз баланд карда, асояшро бо таҳдид ба сари Аскару Усмон бардошт. Агар он лаҳза Султонзода ба миёна намедаромад, албатта, хархашае ба по мехест ва ин овоза зуд ба гӯши мардуми мавзеъ мерасиду кори хуб намешуд.

Бо ишораи устодаш Санавбар дар табақи холӣ қайла оварда, назди мӯйсафед гузошт.

-- Э раҳмат, духтарам! Худо як шӯйи базеби корчаллона насибат кунад!—даҳанашро ба ханда гиҷ карду нигоҳҳои ташнааш сар то пойи Санавбарро лесида гузашт. Сипас саросема даст ба таом бурд, луқмае дар даҳон андохту хойида истода, ғурунгос зад:

-Дугонаатро чӣ кор кардӣ, Санавбар?!

Санавбар бо қароҳат рӯй турш кард. Бо ситеза қаду басти нозукашро тоб доду посух надод, дам назада пас гашту рафт. Пирамард ниҳоят луқмаашро фурӯ бурду сар аз табақ бардошт, бепарвоёна ба Султонзода нигарист:

-- Мегӯянд, исқотӣ-- духтари Сурха мор газидаст?

-- Шогирди мо, Зумуррадро мегӯед?—ҳайрон шуда пурсид Султонзода.—Охир, ба фикрам насаби ӯ дигар аст: Дар донишгоҳ Мармарова меноманд ӯро?

-- Ҳеъ!..—луқма дар гулӯяш дармонду базӯр фурӯ бурд Ҳоҷӣ Камол.- Ис-сқотӣ-- Мар-- марова! Мармар чанд хел мешавад, маълим?!—бо ситеза пурсид ӯ.

Султонзода дар хиҷолат монда, пушти сар хорид.

-- Мармар? Заминшиносон якчанд хели ин санги нодирро кашф кардаанд: сурх, сурхи лоҷуворд, сиёҳ, сиёҳи ҷилодор...

-Ҳо, бале, маълим! Бар ҳафт пуштат раҳмат! Ана, исқотӣ як Мармари Сурх, худораҳматӣ падари ҳамин

шогирдат буд! Лекин!—бо ғазаб чашмони хунборашро ало карда хитоб кард Ҳоҷӣ Камол.—Лекин чунин лақаб гирифтани Мармар на аз он ҷиҳат буд, ки ранги рӯяш ба он санги қиммати гуфтаи Шумо монанд бошад. Не! Ранги рӯи исқотӣ, тавба кардам, дар зиндагияш ҳам, дар дами мурданаш ҳам, сип-сиёҳ буд, зангӣ барин! Лекин вай, исқотӣ, то лаҳзаи ҷон доданаш суп-сурх, коммунист буд!.. Ҳо, бале! Пас аз пош хӯрдани СССР ҳама билетҳои сурхашонро супориданду ӯ надод, исқотӣ! Ба нафақа баромаду то мурданаша ҳам ҳақи аъзогӣ медод. Ҳар гоҳе ки даъвои ҳақ мекард, аз ғазаб алов барин дар мегирифт. Ба як маънӣ суп-сурх буд, суп-сурх ҷон дод, исқотӣ!

Ӯ лаҳзае сукут варзиду дафъатан манаҳи серришашро молиш дод; бо кафи даст туфи гирди лабон ва дар патаки риш часпидаашро тоза кард ва бо ҳамон оҳанги марғуладор идома дод .-- Лекин, ба суолам ҷавоб надодӣ, маълим! Духтари Сурха мор газид, зинда аст? Намурдаст исқотӣ?

-- Шукр, соқу саломат аст,-- посух дод Султонзода.—Мор нагазидааст ӯро. Каме тарсондааст. Оё мо устодон мегузорем, ки ба шогирдонамон дар ин адир ягон ҳодисаи нохуш рух диҳад?! Шумо аз куҷо дарак ёфтед, Ҳоҷӣ-- бобо?

-- Ҳеъ! Дар ин кӯҳистони исқотӣ пашша ғингос занад, шамоли адир ба гӯши ҳама мерасонад! Вақти намози пешин беваи Гавҳарро дидам. «Мошин нигаҳ дор, Душанбе меравам», гуфта зорӣ кард. Лекин исқотӣ нагуфт, ки чӣ ҳодиса руй додааст, занаки муғамбир!

-- Гавҳар кист?— худро ба нодонӣ зада, пурсид Султонзода.

-- Апайи калонии ҳамин шогирди бадбахти Шумо. Ӯро намешиносед?

-- Ҳа…-- бо аломати тасдиқ сар ҷунбонд Султонзода.—Шумо бо апайи Гавҳар дар куҷо вохӯрдед?

-- Дар куҷо мебуд, дар ҳамон адир. Исқотӣ мисли ҳаррӯза бо як сари қоқаш, дар офтоби сӯзон хишт мекашонд. Не, дурӯғ гуфтам! Аз хишткашонӣ шалпару

лакот шуда, худро дар замин партофта буд. Эҳ, ин занаки сахтҷон!..—боз манаҳашро молиш дода, бо таассуф сар ҷунбонд Камол.—Гӯё ҳунарҳои занонаро каҳт зада бошад, кореро ба худ касб кардааст, ки зӯри даҳ мард намерасад! Ҳанӯз чашми рӯз накафида, худро дар адир мегирад, кӯз-кӯз хишт мерезаду хишт мекашонад! Тавба кардам, кадом рӯзе миёнашро мешиканад, ин беваи исқотӣ! Худашро маъюбу маслуқ мекунад!

Санавбар, ки дар оташдон алав монда, аз дуртар ба суханони нешдору заҳромези ӯ гӯш медод, ҳар лаҳза бо нафрат ба сӯи пирамард чашм ало мекарду оташи ғазабашро базӯр фурӯ менишонд. Ниҳоят, ӯ сабру тоқаташро аз даст дода, бо ситеза овоз баланд кард:

-- Апайи Гавҳар аз Шумо, аз як одами ба ришу фаш зорӣ кард, ки мошин нигаҳ доред! Лекин хоҳишашро ба ҷо наовардед! Чаро?!

Камол чашмонашро нимроғ карда ба ӯ нигарист.

-- Ту кората бикун! Ба гапи калонсолон қатӣ нашав, духтар! Наистоданам сабаб доштагист! Гуфтам-ку, вақти пешин буд! Саросема будам! Ба намоз дер мемондам!..

-- Ҳа, намоз зарур!—гапи ӯро тақвият дод Султонзода ва ба Санавбар чашмакӣ зада, ишора кард, ки хап истад, беҳуда ба асаби пирамард нарасад. Санавбар бошад, бо ғазаб дастонашро болои сар бардоштаву панҷаҳояшро кушода, аз дур мӯсафедро бо ишора «балошап» карду ҷониби лаби дарё шитофт.

Камол қаноатмандона ба Султонзода нигарист.

-- Мор нагазидаст, гуфтед? Ҳеъ! Морҳои ин адир, исқотӣ, чунон заҳри қотил доранд, ки одам чи ки, филро газанд, ҷо ба ҷо мемурад! Хайрият, дар бахти духтари Сурх, ӯ ҷон ба саломат бурдааст! Набошад, духтар маъюбу маслуқ, мисли апаҳояш бадбахт мешуд! Ҳайфи духтарони Сурх! Гавҳар бева, Садафу Беҷода бешӯ, Зумрат… Эҳ, боз ана чортои дигар, номҳояшонро намедонам, исқотиҳо ҳама паршикастаанд. Онҳо кай шӯ мекунанд, худо медонад!..

-- Ба фарзандонаш ҳам худи ӯ ном ниҳодааст?—гапро ба дигар сӯ кашол доданӣ шуда, пурсид Султонзода.

-- Ҳа. Ба сурати номи худаш ба ҳамаи духтаронаш номҳои сангҳои қимматро мондааст. Афсӯс, писаре надошт, набошад, кӣ медонад, шояд исқотӣ ба вай Сангалӣ ё Сангак ном мемонд! Ҳа-ҳа-ҳа!—Камол аз гапи гуфтаи худ завқ карда хандид ва чун дид, ки ҳамсӯҳбаташ намехандад, дарҳол абрувонашро дарҳам кашид, манаҳашро хорида суханашро идома дод.—Мегӯянд, ки Худои таоло ба ҳар кас чени нияташ медиҳад. Мармар, эҳе, исқотӣ бо ҳамон паршикастаҳояш чунон фахр мекард, ки! Дар ҳама ҷо лаб ба таъриф кушода, «духтар давлати хонадон аст, Худо ба ҳар кас чунин давлатро насиб намебинад!» гуфта даъво карда мегашт. Лекин исқотӣ як бор аз Худо талаб накард, ки ба ӯ писаре ато кунад. Албатта, аз Худо ки талаб накардӣ, бо зорию тавалло сари саҷда ба замин наниҳодӣ, фарзанд чӣ ки, як сари хас ҳам намедиҳад! Ё гапам нодуруст, маълимҷон?

-- Дуруст…

* * *

Шом фаро мерасид. Ҳоҷӣ Камол ба абрҳои тираи ҷониби қибла нигариста чунин тахмин кард. Одатан, рӯзҳое, ки ҳаво диму торик ва ғуруби офтоб ноаён аст, бахусус дар табиати кӯҳистон муайян кардани вақти шом душвор аст. Ба ҳар ҳол аз Султонзода маслиҳат пурсид:

-- Маълим! Шом шуд ё не?

Султонзода ба соати дастияш нигарист:

-- Не, ҳоло то намози шом вақт аст, 15 дақиқаи дигар мондааст, ба фикрам. Аммо барои таҳорат аз ҷой бархезед ҳам, мешавад, мӯйсафед.

-- Ҳо, рост гуфтӣ, маълим! Хайр, шикам сер шуд. Акнун бо саҷдаю тиловат шукри Худоро ба ҷо овардан лозим.

Вай локии миёнашро кушода, аз ҷой бархост. Локи-

ро дар гардан овезон карда, челакашро аз ду тараф бар зад, қасдан кардагӣ барин, дар нигоҳи Санавбар раҳ ба раҳ банди дарози эзорашро яла карда, ба сӯйи лаби дарё равон шуд.

Дар роҳи сангфарши шафати себзор Аскар, Қодир, Усмон ва Сайид намудор шуданд. Онҳо пиёда, оҳиста қадамзанон меомаданд. Аз дур назора карда пай бурдан душвор набуд, ки Аскар маст аст, мекалавад. Ӯ боре калавидаю пешпо хӯрда, қариб буд рӯнокӣ ба замин афтад. Қодир давида аз таги бағалаш бардошт. Аскар даст афшонду худро дур кашид. Сипас, гӯё ба мастӣ тан намедода бошад, қоматашро рост гирифт ва қадамҳояшро калон-калон партофта роҳашро идома дод.

Чун онҳо наздик расиданд, Султонзода ба авзои ҳар се ҷавонон зеҳн монда, пай бурд, ки аҳволи Усмону Қодир ҳам, агарчанде маст набуданд, балки аз майнӯшӣ батамом парҳез доштанд, аз аҳволи Аскар беҳ набуд. Онҳо хеле хастаҳолу дилгир менамуданд. «Бачаҳои бечора хуб заҳмат кашида, хишт кашонида, шалпару лакот шудаанд,»-- аз дил гузаронд Султонзода. Сипас, ба Аскар нигаристу лабонаш мойили тамасхур шуданд.

Гиребони Аскар кушода, то қафаси синааш яла буд. Мӯйҳояш фатилаву титу парешон. Почаҳои шимаш тар шуда, ҷо-ҷо аз лойпораҳо доғдор гашта буданд. Вай калавида ба Султонзода наздик омаду оҳи чуқур кашид ва бо забони кӯлхӯрда дарҳол лаб ба шикоят кушод:

-- Ҳеъ! Б-бар п-- пад-дараш наъ-лат!

-- Ҳа, боз чӣ шуд, Аскар?— худро ба нодонӣ зада кунҷкобона пурсид Султонзода.

-- Ҳеъ, устод! Ку инсоф?! Ку адолат?! Ку раҳму шафқат?! Кӣ ба ин суоли ман ҷавоб мегӯяд, а?! Бигӯед! Эҳ! Хору зор шуданд бечора занон, модарону хоҳарони мо!!

Султонзода ба зудӣ пай бурд, ки аз занону модарон ба шикоят оғоз карда, сараввал киро дар назар дорад Аскар. Вай тӯли чанд соати дар хишткашонӣ ба Гавҳар

ёрӣ расондан ва чанд лаҳзаи зиёфати ҳашар хурданашон, аз афташ, фурсати муносиб ёфта, бисёр гапҳоро аз худи ин зан ё каси дигар пурсидаю фаҳмида гирифтааст. Ана ҳамин хел як хислати кунҷкобӣ ҳам дорад Аскар. Чун ба коре, ё фаҳмидани ҳодисае қасд кард, то дар бораи он маълумот пайдо накунад, ором намегирад. Шояд саргузашти тирае дорад Гавҳар, ки Аскарро ин қадар ба нангу ғазаб овардааст, нафраташ ба ҷомеаву одамон дучанд гаштааст. Дар чунин лаҳзаҳо ҳамин тавр, сахт ба эҳсосот дода мешавад ӯ. Бешубҳа, Аскар аз гилагузориҳову дашному ҳақоратҳо бисёрҳо ба забон меовард, агар Ҳоҷӣ Камолро намедид. Ҳоҷӣ Камол дар он лаҳза локӣ дар сари китф, аз лаби дарёча бармегашт. Усмону Қодир раҳи ӯро пойида ба намозхонӣ тараддуд медиданд.

Аскар ӯро дидан баробар каҷмакаҷ ба сӯяш қадам ниҳода раҳорах, дар ҳолате ки аз ғазаб дандонҳояшро ғиҷҷиррос мезанонд, овоз баланд кард:

-- Ҳей, Исқотӣ!.. Ин ҷо биё!

Аз ин муносибати Аскар ҳама аз тааҷҷуб карахт шуд. Балки Султонзода сахт тарсида, саросема ҷаста аз ҷой бархост. Тӯли як ҳафтае, ки бо ин пирамард шинос шуда буданд, ҳадди касе, ки ӯро дар ҳузураш бо ин лақаб ном бубарад! Ғайри Аскар, ҳама, аз ҷумла Султонзода, дар ҳузураш ӯро хушомадгӯёна Ҳоҷӣ ё Бобои Камол мегӯянд. Дар бораи «Исқотӣ» лақаб доштани ӯ бошад, дар рӯзи аввали бо ин мард вохӯрданашон ҳамин Аскар гуфта буд. Он рӯз баробари дидани ин мард-ин меҳмони нохонда табъаш хира шуда, зери лаб ғурунгос зада буд: «Ҳеъ! Ин Исқотӣ боз аз куҷо пайдо шуд?!» Ва ба шариконаш кӯтоҳ шарҳ дод: « Афсӯс, вай бо ман ҳамдеҳа аст…ҳамшаҳр, ба қавле…».

Ҳоло акнун ба авзои ҳар ду нигариста, Султонзода ҳаросон бо худ чунин тасаввур мекард, ки онҳо ҳамин лаҳза ё лаҳзаи дигар муштогиребон мешаванд. Аскар хурӯси ҷангараро мемонд, ки мехоҳад ба гурбае ё саге дарафтад. Чашмони Ҳоҷӣ бошад, аз косахонаи сараш

баромада буданд. Лабонаш аз ғазаб пир-пир мепариданд.

-- Ҳой, ту чиҳо гуфта истодаӣ, Аскар?!—ниқорталабона пеш омад Ҳоҷӣ Камол.—Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан!

-- Ҳеъ, ту исқотӣ будаӣ, боз чӣ мегӯӣ! Исқотӣ набошӣ, барои чӣ ҳар доим ва дар ҳар куҷо модарону хоҳарони моро ғайбату таҳқир мекунӣ-а?!

Аскар инро гуфту муштони гиреҳашро боло бардошта, ба таҳи манаҳи Ҳоҷӣ Камол даромад. Ҳоҷӣ Камол аз таҳдиди ӯ тарсид магар, ки ҳамоно худро қафо кашид.

-- Паҳ! Ин қадар бӯй мекунӣ, ҳамшаҳр! –аз ғазабу хиҷолат сурх шудаю баҳонаҷӯёна ба забон овард ӯ.—Э, бирав, ки бенамозам кардӣ!

-- Н-намоз мехонед?—бо тамасхур гуфт Аскар.—Ҳеъ! Майлаш бирав, намозатро бихон! Ҳамин ки аз хайма баромадӣ, нагурез! Биё, ба ту гап дорам!

Аз даруни хайма овози баланди ширадори Усмон баромад, ки иқомат гуфта, ба намози шом даъват мекард:

-- … Аллоҳу Акбар! Аллоҳу Акбар! Ло илоҳа иллалоҳ!!!

Ҳоҷӣ Камол бо димоғи сӯхта пешопеш, Қодиру Сайид аз паси ӯ вориди хайма шуданд. Аскар ҳанӯз чашмони масти ғазаболудашро аз онҳо наканда, зери лаб ғурунгос зад:

-- Ҳеъ! Гӯё ки Худо ба саҷдаи дурӯғи онҳо зор бошад!

Нобоварона сар ҷунбонд ва сахт даст афшонду пас гашт.

Бе ин ҳам алами зиёде дошт дар дил Аскар, тайи он як ҳафтае, ки бо Ҳоҷӣ Камол ғайричашмдошт дар ин мавзеъ дучор омада буд. Ва тайи ин ҳафта ҳар гоҳе ки бо вай рӯ ба рӯ мешуд, хотироти гузашта дар сар, аламаш дар дил рӯ мезаданд. Бале, ҳамшаҳр, ҳамдеҳаанд онҳо. Ҳар ду дар деҳае зиндагӣ мекунанд, ки аз ин ҷо, аз Варзоб қариб сесад километр дур аст. Ҳар ду хислату рафтор, гуфтору кирдори ҳамдигарро панҷ панҷа барин медонанд. Дар

деҳа бо рафтору кирдори шум ва гапҳои хунуки таҳдораш ба дили ҳама задааст ин мӯйсафед. Аскар мисли ҳамаи ҳамдеҳагонаш аз ҳаёти оилавӣ, тақдири ҳамсари бадбахту нокоми Ҳоҷӣ Камол-Моҳитобон, ки бонуе буд маҳи чаҳордаҳ ва лаззати ин дунёро ночашидаю бо зиндагӣ падруд гуфта буд, ба хубӣ огаҳӣ дошт. Вале намедонист, ки он духтари ноком аз ҳамин мавзеъ, аз дараи Варзоб аст. Ва акнун аз ҳамааш хабар ёфт ва бисёр гапҳои дигарро ҳам дар бораи ӯ фаҳмида гирифт. Аз ҷумла онро донист, ки раҳматӣ Моҳитобон духтари амаки Зумуррад будааст. Ва онро фаҳмид, ки Ҳоҷӣ Камол боз нияти бо духтаре аз ӯ ҳам хушрӯтари варзобӣ хонадор шудан дорад ва бо ҳамин ният чанд рӯз аст, ки дар ин мавзеъ тор танида гаштааст. Ин ҳамаро чанд лаҳза пеш Аскар аз забони Гавҳар шунида буд. Аз ин рӯ, ҳоло аз ҷаҳлу ғазаб сабру тоқаташро аз даст додааст ва бо нафрате, ки ба ин ҳамдеҳааш дорад, дар ин дами мастӣ мехоҳад, нағзакак бо вай «як-ду даҳан гап зада», алами дилашро холӣ кунад. Балки пайти муносиб ёфта, дар ҳақи як нафари аз худ калонсол беҳурматӣ шавад ҳам, боб карда мушти обдоре дар таҳи манаҳаш мефурорад. Коре мекунад, ки ин «Исқотӣ» пою қадамашро аз хаймаи геологҳо, балки аз ин дара, аз деҳаҳои гирду атроф, аз мавзеи хушманзараи биҳиштосои Варзоб батамом канда кунад!!!

* * *

Дар ин як ҳафтаи дар ин мавзеъ бо ҳам вохӯрдани ин ду ҳамдеҳа рӯзе нест, ки онҳо сари гапею коре бо ҳам мунокиша накунанд. Боре Аскар дар танҳоӣ бо Камол, аз кору бори геологҳо, шароити душвори зиндагӣ, аз аҳволи беваю бечорагон нақл карда, пай бурд, ки гӯш намедиҳад ӯро Ҳоҷӣ Камол. Балки мешуниду эътибор намедод. Писанд намекард, бо даҳони боз ба ким-кадом тараф менигарист. Аз ин рӯ, қаҳраш омада, беибо ӯро маломат кард:

-- Ҳой, мӯсафед! Ба гапҳоям гӯш медиҳӣ ё не?! Ҳушат дар куҷост?!

-- Ҳа? Ҳушам дар ту, ҳамшаҳр! Бигӯ, бемалол гап задан гир. Аҷаб гапҳои хубе мегӯӣ!

-- Дар чӣ хусус гуфтам?

-- Дар бораи ким-кадом беваю бечораҳо. Ончунон тарафи онҳоро гирифта, бо дилсӯзӣ нақлҳо мекунӣ, ки гӯё очаат ё апаву хоҳаронат бошанд. Ҳиҳ! Ё, аз афташ, мисли ман бевабозӣ-а, Аскарҷон?!

-- Ҳеъ! Девори қиёмат будай-ку!

-- Медонӣ чӣ, Аскарҷон, ҳамин духтаре, ки хизматгори шумо аст-ку… Номаш чӣ буд?

-- Киро мегӯӣ? Дар мо ҳамагӣ ду духтар аст. Аммо онҳо , чуноне ки ту гумон мекунӣ, хизматгор не, балки ҳар ду донишҷӯи курси чоруми факултаи геологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонанд!

-- Ҳеъ! Якеашро, духтари Мармари сурхро ба хубӣ мешиносам. Ман ӯро дар назар надорам. Ана ин нозанини дуюм, номаш чист?

-- Санавбар. Чӣ буд?

-- Э исқотӣ аҷаб хушрӯяст-а?! Чӯҷаи кабк барин!

-- Ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, мӯсафед!—дар қаҳр шуд Аскар.—Шогирди моро кӣ гумон кардӣ?! Санавбар духтари шӯху шаттоҳ ҳам бошад, аз он духтарҳои ту гумон мекардагӣ нест, фаҳмидӣ?!

-- Охир, ӯ бо ана вай, исқотӣ маълимаш-Султонзода мегардад-ку.

-Ту аз куҷо медонӣ?

-- Дидам. Пайхас кардам. Э, ин исқотӣ маълима чашмош ганда!

-- Чӣ, магар ту ҷосус астӣ?! Бо ҳамин мақсад, барои гап гирифтану гап бурдан ҳар рӯз ба назди мо меоӣ?! Ришат сафед шуда, айбу шарма намедонӣ?!

-- Астағфрилло! Худо нигаҳ дорад! Ҳазл кардам. Мебинам, ки аз ҳамон феълу хӯи бачагият намондаӣ, Аскарҷон! Гапи роста ноҳақ пиндошта, даррав қаҳрат меояд! О, дар ин дунёи гузарон як даҳан шӯхӣ накунӣ, дили кас торс мекафад, ҳамшаҳр!..

Он рӯз ба хотири он ки ин гап ба гӯши касе аз шари-

кону одамони ин мавзеъ нарасад, «ҳамшаҳрат одами ношуд будааст» гуфта таънаю маломаташ накунанд, бо ҳамин ба сӯҳбати дилгирашон хотима дода буд Аскар.

Бори дигар Аскар дар лаби дарё танҳо нишаста, китобе дар даст, ғарқи мутоила буд. Ҳоҷӣ Камол болои сараш омаду пурсид:

-- Чӣ мехонӣ, Аскарҷон?

-- «Китоби муқаддас».

-- Қуръони Маҷид аст?

-- Не, дар бораи Мусо, Исои масеҳ ва дигар пайғамбарон.

-- Ҳа. Китобҳои мансухро мехонӣ? Ин китобҳоро на фақат хондан, балки бо худ гирифта гаштан гуноҳ аст!

-- Мансух аст ё не, намедонам! Аммо ҳар китобе, ки ба дастам афтад, илм аст, мехонам! Худораҳматӣ падарам ба ман чунин васият кардааст.

-- Ҳмм….. Падарат? Аммо ман ба як чиз ҳайронам, Аскарҷон! Раҳматӣ падарат, худо ҷоша ҷаннат кунад, ҳамин қадар солҳо муаллимӣ карду лекин аз намозу рӯза, аз ёди охират дур буд! Афсӯс! Ҳай дринга! Ҳай вой-а!

-- Аҷаб гапхое мезанӣ, Ҳоҷӣ! Оё дар даврони шӯравӣ муаллимонро мемонданд, ки намоз хонанд?

-- Афсӯс. Сад афсӯс! Ҳе, исқотие! Охир, «ман муаллим» гуфта, ана исқотӣ бе пойи таҳорат рафт аз ин дунё! Акнун дар қиёмат чӣ ҷавоб мегӯяд?!

-- Ҳой, ту чиҳо гуфта истодаӣ, ба даҳонат нигоҳ карда гап зан, мӯсафеди калпанг! Кӣ туро ҳақ дод, ки худораҳматӣ отаи маро таҳқир бикунӣ-а?! Он мардеро, ки чил соли умрашро сарфи муаллимӣ, сарфи таълиму тарбияи фарзандони мардум карда буд, ба онҳо донишу савод, ақлу тамиз, роҳу равиши зиндагӣ меомӯхт! Марде, ки дилаш аз об софу аз офтоб равшан буд?! Э, бираве! Бикаш харата аз ин ҷо! -- Аскар хам шуда аз замин сангеро бардошт.—Гум шав, ки бо ҳамин санг зада сарата маҷақ мекунам!

Он рӯз Ҳоҷӣ Камол тарсида гурехту ду рӯз худро дар пасу пеши хаймаи геологҳо нишон надод.

* * *

Санавбар дастурхонро барои таоми шоми шарикон аз нав ороста буд. Дар ду лаълӣ тарбузу харбуза, дар як коса ҷурғот, дар як табақ шакароб оварда монд. Дар як гӯшаи дастурхон ним шиша шароб меистод, ки нимхӯрдаи Султонзода буд. Бо таклифи Санавбар ва Султонзода Аскар омада сари дастархон нишаст.

«Ана, имрӯз ин пирамарди хираи бенангу номус боз омадааст!—чашм аз анвои хӯрданӣ наканда, аз дил гузаронд ӯ.—Ин дафъа омаданаш бесабаб нест, албатта. Аз афташ, касе ба ӯ ин хабарро расонидааст: «Зумратро мор газид!» Шунидани чунин хабар барои мӯсафедоне, чун Ҳоҷӣ Камол ба мисли он аст, ки кӯр тоқияшро ёфта бошад!».

-- Ин қадар хӯрданиро барои чӣ овардӣ?!—болои курпача, дар бари Султонзода баҳузур ҷой гирифта, бо аламе, ки дар дил дошт, ба сари Санавбар овоз баланд кард ӯ.—Сарфаю сариштаро намедонӣ? Кӣ мехӯрад? Ҳама серанд! Апайи Гавҳар ба мо як зиёфат дод ки!..-- Ва ба Султонзода рӯ оварда,ба шишаи арақ ишора кард:-- Ана, ҳамин шишаи шароб монад, бас! Рез, устод! Мон, онҳо намоз хонанд! Мо то омаданашон мурданак менӯшем! Ҳоло он Ҳоҷии исқотӣ биёяд, ман ӯро чунон боб кунам, ки…! Хӯи баду дилу нияти ифлосашро аз сараш исқот мемонам!

-- Чӣ гап шуд, Аскарҷон?—нобоварона пурсид Султонзода.—Худатро ба даст гир, ҷӯра! Дар ин маҳали бегона бо ҳамшаҳрат дилсияҳӣ карда, балоеро ба сарамон нахезонӣ! Ё аз ҳад беш маст шудӣ-чӣ?

-- Ҳа, ман мастам! Каллаам гаранг аст, пук шудааст мисли каллаи Ҳоҷӣ! Аммо на аз таъсири шароб! Балки аз фикри ин дунёи буқаламун, аз ғами модарону хоҳарони бечораи сахтсар! Эҳ! Нахостам, пеш аз намоз ӯро хафа кунам! Мон, намозашро хонда биёяду дар бари мо нишинад, он гаҳ медонам бо ин мӯсафеди беимон чи хел рафтор кунам! Чунон гапҳое бизанам, ки дар умраш нашунида бошад!

Шом гузашту як поси шаб фаро расид. Аскар навбати суханро ба кас намедод. Забонаш кӯл мехӯрду ҳар лаҳза як гапро такрор мекард: «Ку адлу инсоф?! Ку ҳақиқат?! Ку дину диёнат?! Э, бар падараш наълат!».

Вай киро дашном медод, киро мазаммат мекард, ба касе аз он нишастагон равшан набуд; сари ҳар сухан, бо алам аз Гавҳар ёдовар мешуд; беист нақл мекард аз саргузашти ин зан. Ба қавли ӯ апайи Гавҳар аҷаб занаки хубе будааст. «Баъди кор моро хуб зиёфат дод,— батакрор таъриф мекард ӯ.-- Шароб ҳам овард, кабоб ҳам. Э, раҳмат, ҳазор раҳмат бар падари ӯ, бар падари Зумрат, ки чунин духтарони ҳалиму хоксор, заҳматкаш ва дасткушоду меҳмондӯстро тарбия кардааст. Ба ғайр аз Зумрату апайи Гавҳар боз шаш фарзанди дигар доштааст, худораҳматӣ бобои Мармар. Ҳамаашон духтар. Лекин феълу атворашон мард барин…»

Чун сухан ин ҷо расид, Аскар нафасе таваққуф намуд. Чашмони аз шиддати мастӣ суп-сурхгаштаашро дар рӯшании чароғ танг карда, як-як ба нишастагон зеҳн монд. Ба Султонзода, Усмону Қодир ва Санавбар, ба ҳар кадом бодиққат дида андӯхта, аз он байн касеро меҷуст.

-- Исқотӣ ку? Гурехт? Ҳеъ! Нагурехта ҳам бинад!

-- Ба ҳар ҳол намерафт, як дам бо мо нишаста сӯҳбат мекард, беҳтар буд, -- гӯё қасдан ба оташи ғазаби Аскар равған рехта луқма партофт Султонзода.- Бароямон аз он дунё, аз охират, аз биҳишту ҷаҳаннам , аз оқибати ин дунёи фонӣ, ки ба ғайр аз фисқу фасод, макру фанду дурӯғ чизи дигаре нест, ҳикоятҳо мекард…

Аскар якбора барошуфт:

-- Чиҳо мегӯӣ, Султонзода! Яъне, амри маъруф мекард? Мисли Ҳоҷӣ Мирзо? Чӣ, ту ӯро бо Ҳоҷӣ Мирзо баробар кардан ҳастӣ? Ҳеъ! Ин пирхар ба нохуни Ҳоҷӣ Мирзо баробар намешавад, фаҳмидӣ?! Медонӣ, Ҳоҷӣ Мирзо олим аст, мактаби олии дини мӯъбини исломро дар Арабистон хатм кардааст! Аммо Камол худаш кист?! Бо ном Ҳоҷӣ ҳасту бас! Куҷоро хондааст? Ман ӯро панҷ –панҷаам барин медонам! Як-ду сураву

ояте, ки кӯр-кӯрона азёд кардааст, ба панҷ ракъат намоз хонданаш мерасаду халос! Чунин одамони маккору дурӯя росто дурӯғ сар ба замин кӯфта, назди Худо саҷдаю тавалло мекунанду аммо Худоро ҳам фиреб медиҳанд! Аз Қуръони Маҷид, аз ҳадисҳои пайғамбар мисолҳо оварда, мардумро ба адлу инсоф, раҳму шафқат, ҳақиқату диёнат даъват мекунанду вале худашон заррае аз одаму одамгарӣ хабар надоранд! Ба номи Худои таоло, бераҳмтарин, беинсофтарин, бедиёнаттарин ва пургуноҳтарин ана ҳамин зотҳоянд!

-- Ин тавр нагӯй, Аскар! Ҳар чӣ ҳам бошад, чунин касон тарғибгарони дини мубини исломанд. Аз ҳар чӣ ки ислом ҳаром мешуморад, ба мардум мефаҳмонанд, ки парҳез кунанд.

-- Масалан, аз чӣ?—чашмони пурғазабашро аз Султонзода наканда, пурсид Аскар ва аз авзояш аён буд, ки ба ҷанг тайёр шудааст.

-- Масалан, аз арақ, ки мову Шумо нӯши ҷон карда истодаем ва аз шарри ин оби ҳароми иблис сарамон гиҷ шуда, ҳар чӣ ба даҳонамон омад, гуфтан мегирем ва баъзан худ намедонем, чиҳо гуфта истодаем!

Аскар мисли хурӯси ҷангара якбора аз ҷой ҷаста хесту ба қадаҳи дар наздаш буда як лагад фуровард. Қадаҳ парида рафту дар санге зада пора-пора шуд.

-- Ҳеъ, «устод»!—фиххосзанон ба забон овард ӯ.- Ба худо, ки Шумо моред! Мор! Мисли ҳамон мори сиёҳе, ки қариб Зумрадро мегазид!

-Нафаҳмидам?,-- гардан каҷ карда пурсид Султонзода.—Ту чиро дар назар дорӣ, Аскарҷон?

-- Мефаҳмед!!! Ҳама чиро мефаҳмед!. Аммо шумо баринҳо доимо ана ҳамин хел-дурӯяед!! Ҳам дар наъл мезанеду ҳам дар пошна!—Чашмони ӯ аз ғазаб дар равшании чароғи дар навдаи дарахт овезон медурахшиданд.

Санавбар чун пай бурд, ки баҳси он ҳар ду тезу тунд мешавад, айёрона аз ҷой бархосту назди Аскар омад. Қасдан китфони нозуку маҳинашро ба тани вай ҷафс

карда нишаст ва нигоҳҳои кунҷкобонаашро ба Султонзода дӯхт. Рӯи Султонзода аз шиддати ғазабу хиҷолат тираву каҷ шуда буд. Лабонаш пирр-пирр ларзида,чӣ гуфтану чӣ кор карданашро надониста, якзайл дар ҷойи худ меҷунбид.

-- Ҳеъ, забони тез дорӣ, Аскар! Ту худ мисли мору каждум ба ҳар кас неш мезанию аз мастӣ намедонӣ, чиҳо мегӯӣ!-ниҳоят гардан тоб додаву беҷуръатона ғурунгос зад ӯ.

-- Акои Аскар рост мегӯяд!—чашмони айёрашро бозӣ доронда луқма партофт Санавбар.-- Мусулмонро пеш аз ҳама аз таҳорати дилу забонаш мешиносанд. Аммо Ҳоҷӣ Камолро он қадар даҳанаш бадбӯй ки!...Доимо аз нӯги забонаш хилму хатуф мерезад!

Аскар сарашро, ки аз ғояти мастӣ ҳар тараф алвонҷ мехӯрд, ғолибона баланд бардошт, даст ба паси гардани Санавбар ниҳод ва мӯйҳояшро сила кард:

-- Ту имшаб дар куҷо, хоб меравӣ, духтари нағз? Дугонаат нест!

-- Дар куҷо мебуд, акои Аскар. Дар ҷогаҳи худам, дар хаймаи духтарона!-бо ҷиддият посух дод Санавбар.

-- Тоқа наметарсӣ?

-- Агар метарсидам, ҳамроҳи шумо ба ин адири торики зулмот намеомадам!

-- Не! Мо намегузорем, ки танҳо хоб равӣ! Яке аз мо бояд шаб туро ҳамроҳӣ кунад, фаҳмидӣ?!

Санавбар бебокона лаб газида, як қабза мӯйҳои дар қафаси сина овезонашро ба пушт партофт.

-- Пас, ку он ҷавонмарди баҷуръате, ки биёяду шаб дар бараки ман хоб равад?!

-- Шаттоҳӣ накун, Санавбар!—овозашро баланд кард Аскар.-Ман шӯхӣ намекунам! Ҷиддӣ мегӯям! Модоме ки «геолог мешавам» гуфта ба ин маҳали бегона омадию рӯзу шабро дар канори мардон мегузаронӣ, аз зан буданат бояд фаромӯш бикунӣ!

-- Ман ҳам рост мегӯям, акои Аскар. Кошки марде як шабак дар барам ояду маро ҳамроҳӣ кунад!

-- Пас, худат интихоб бикун. Киро ҳамроҳ мегирӣ?

-- Киро мебуд, акои Аскар? Ба ғайри Шумо кӣ ҳам муносиб мебуд, то маро дар ин мулки «бегона» «соҳибӣ» кунад?

-- Кӣ гуфт, ки ту «бесоҳибӣ», Санавбар?—ин навбат бо ҷуръат овоз баланд кард Султонзода, ки ҳанӯз аз сухани охирини Аскар димоғаш сӯхта дуд мекард.-Ту имшаб ҳамроҳи ман Душанбе меравӣ! Фаҳмидӣ?!

Санавбар сар хам кард, сукут варзид.

-- Ин амр аст, «устод?»—даҳанашро ба мазоҳ гиҷ карда, бо киноя пурсид Аскар.

-- Ҳам амру ҳам хоҳиш! Охир, ман устодаш, муаллими ӯ ҳастам, ҳақ дорам ба вай амру супориш диҳам! Ман ба неку бади ҳар яки ин ҷавонон ҷавобгарам… Баъд, Санавбар пиёда намеравад-ку! Мошин тайёр.

-- Чаро танҳо мемондааст? Нашунидӣ-чӣ, Султонзода?— паст нафаромад Аскар.- Ҳеъ! Ҳоло ман ва ана ин ду йигит намурдаем, ки Санавбар бо Шумо биравад! Хез, Санавбар, рафтем, ман худам дар бари ту, дар ҷогаҳи Зумрат хоб меравам! Биё-ку, ҷогаҳи Зумратро ба ман нишон бидеҳ!

Ӯ аз ҷой бархост. Аз ғояти мастӣ на тан, на пойҳо, на сараш ба ӯ итоат намекарданд. Ба пеш нигарист. Раҳ интихоб мекард, ки ба кадом сӯ равад? Каллаи гарангашро ин сӯю он сӯ тоб дода, нигоҳҳояшро ба муқобил-ҷониби хаймаи духтарон ва чапу рост давонд. Аз афташ, қадам гузорад ҳам, рост рафта наметавонист. Шояд каҷмакаҷ пой ниҳода, дар санге ё кундае пешпо хӯрда афтад? Он гоҳ дубора рӯи по истоданаш дар гумон!

Санавбар китфашро дар зери бағали ӯ ниҳод. Аз миёнаш оғӯш кард. Дасти Аскарро аз гарданаш гузаронид.

-- Биё, рафтем, акои Аскар, туро бурда дар ҷогаҳи Зумрат хобонам.

Аскар пойҳояшро беҳаракат ба ҳар ду тараф сар дода, бори танашро ба тамом ба китфони Санавбар партофта буд: Санавбар дар зери бори гарони ҷуссаи ӯ

базӯр роҳ мерафт, мисле ки ҷасадеро кашола карда мебурд.

* * *

Аз рӯзе, ки донишҷӯён ба ин мавзеи хушобу ҳаво барои таҷрибаомӯзӣ омадаанд, ягона шахсе, ки аз ҳама бештар диққати онҳоро бо рафтору гуфтор ва кирдори аҷибаш ҷалб мекарду дар сӯҳбатҳо ҷавононро ҳар доим ба гап мекашид, ҳамин Аскари геолог буд.

«Бояд дар ҳалқаи одамон як ё ду нафар мисли ман касони арақхӯру девонаавзо бошанд!-- ҳар доим бо пичинг, худро мазамматкунон мегуфт Аскар. –Бале, дар ҷомеаи имрӯз, ки онро «демократӣ», «ҳуқуқбунёд», «гуногунандешӣ» номидаем, бояд девона, аз ақл бегона буд, то ба ин ҳама беадолатиҳо, макру дурӯғу фиреб, бемеҳрию бешафқатиҳо, нобаробарӣ, нобародариҳо тоб овард! Фаромӯш накунед, додарҳо, ки мо дар давраи «гузариш» қарор дорем… Ба Худо, ҳангоми кор, дар лаҳзаҳои дастурхон оростан, соатҳои дамгирӣ дар хаймаю пуштаҳо хомӯш нишинӣ, дам ба дарун андохта гардӣ, кас талхакаф мешавад!».

Гоҳо бахшиш мепурсид ӯ аз ҷавонон, ки бо сергапию бадмастӣ шояд ба дилашон задааст. «Тасаввур кунед, ки ман муллояму шумо муридон. Ба гуфтаи мулло гӯш ниҳеду бо кардаи ӯ накунед, -насиҳат мекард Аскар таҷрибаомӯзонро. Таъриф мекард онҳоеро, ки тарки намоз намекарданду аз сигору носу шароб парҳез доштанд,. «Офарин!-мегуфт, ба дину имон бошед, аммо ҳаргиз ба хурофот дода нашавед! Дин илм аст, ахлоқи ҳамидаи инсонист, ки касро ҳамеша ба роҳи рост ҳидоят месозад. Аз ҳамин роҳи рости ҳамвор пас нагардед, иншоолоҳ, тавфиқ меёбед, дар оянда ҳар кадом соҳиби обрӯю иззату икром мешавед!..» Ва баъзан, дар вақтҳои набудани Султонзода илова мекард: «Аммо ҳаргиз дар рафтору гуфтор ба Султонзода барин устодонатон, ба ҳамшаҳри ман- Камол барин ҳоҷиҳо тақлид накунед, ки одамгариро аз даст медиҳед!».

Ҷавонон ба гуфтору амалҳои ӯ бо ҳайрат менигаристанд. Чун медиданд, ки ҳар суханро аз рӯи ҳақиқат, бе дурӯғу риё ба забон меорад, ба вай эътимод баста буданд. Ҳамин гуна муносибати ӯро бо мардуми деҳоти ин мавзеъ ҳам мушоҳида мекарданд. Медиданд, ки Аскар дар ҳалли бисёр масъалаҳо гапи худро ба одамони таҳҷоӣ мегузаронад. Ана ҳамин қароргоҳи геологҳоро ҳам вай ёфтаю интихоб кардааст. Дар ин дараи биҳиштосо, дар қад-қади дарёча чунин гӯшаҳои бароҳат, бо чорбоғу дарахтони серсоя сари ҳар қадам дучор меоянд. Аммо ҳамаи онҳо соҳиб доранд. Сарватмандони ин мавзеъ ва шаҳриён қитъаҳои истироҳатбобро харида гирифтаанд.

Аскар бо яке аз чунин «сарватмандон»-амаки Сафарбек дӯсти қарин аст, ки қароргоҳи геологҳо амволи шахсии ӯст. Амаки Сафарбек ҳар гоҳи онҳоро хабаргирӣ омадан ҳолу аҳволпурсӣ карда, сараввал аз Аскар мепурсад: «Хӯрокаю меваҷот мерасад?». Ва худ дасти холӣ намеомад. Ҳар дафъа дар як сатил зардолу, себ ё нону таоме бо худ меовард. «Шукри Худо, имсол дарахтон ончунон ҳосил додаанд, ки дар замин рехта хобидаанд, -- ба боғи калоне, ки каме дуртар аз хаймаҳо воқеъ буд, ишора карда мегӯяд амаки Сафарбек. –Чунин боғу роғ, дутои дигар дар паси ана ҳамин пуштаҳо дар ихтиёр дорам. Ин боғчае, ки ба шумо додаам, тасаввур кунед, ки аз ҳисоб берун аст. Ҳар қадаре, ки хоҳед, бемалол истодан гиред, ҳар қадаре ки дилатон майл дошта бошад, аз меваҳои адир-хучу бодому олучаю гиёҳҳо бичинед, бихӯред, бубаред ба хонаҳоятон барои даҳан ширин кардану барои доругӣ, ҳамааш моли шумост…»

Ӯ ҳам мисли мӯсафеди Камол Ҳоҷӣ лақаб дорад. Хонаи Худоро зиёрат кардааст. Ҳар ду ба гуфти Аскар ҳамсоланд. Дар афту андом қариб монанд. Ҳар ду бо ришу мӯйлабҳои кӯтоҳ қайчизада; либосҳои шинаму озода дар бар мегарданд. Чеҳраҳои ҳарду нуронӣ, сапсафеду дилкашу зебо. Аммо хислатҳояшон аз замин то

осмон фарқ мекунад. Баракси бадзабонию ғайбатчӯийю девонаавзогии Ҳоҷӣ Камол амаки Сафарбек мардест батамкин, дурандеш, хушмуомила, бо хурду калон бо навозишу меҳрубонӣ сухан мегӯяд. Оҳанги гуфтораш ончунон самимӣ, ончунон форам дар гӯш садо медиҳад, ки аз шунидан сер намешавӣ. Ончунон раҳ мегардад, ки дар зери қадамаш мӯре озор намеёбад. Ана ҳамин гуна як мард-сокини деҳаи Харангон ба Аскар унс гирифта-аст, улфат аст бо ӯ ҳини вохӯрданҳою нишастанҳо даври дастархон.

Ҳар доим, вақти таом, ҳангоми бо ҳам нишастанҳояшон Аскар пайи ҳам бо газаку бе газак қадаҳҳои шароб холӣ мекунаду Ҳоҷӣ Сафарбек чойи алафин менӯшад. Вай аз хӯрокҳои равғанин парҳез дорад. Ҳар дафъа ба сергапии Аскар тоқат мекунад, малоли хотираш нашавад гуфта, ба суханонаш, ки одатан ҳама арзу шикоятанд, бодиққат гӯш мениҳад, ба гуфтаҳояш бо тасдиқ сар мечунбонад. Бо вуҷуди ин, ҳар гоҳе, ки амаки Сафарбек сар ба сукут мениҳад, Аскар бесаброна ба китфи ӯ нихта мезанад: «Э, гӯш кун, Ҳоҷӣ! Ба ман нигар!» ва маҷбураш мекунад, ки сар бардошта, идомаи гапҳои бесару нӯги ӯро шунавад.

-- Гап задан гир, Аскарҷон, гӯшам ба ту аст,- табассуми ҳалимона дар лабони Ҳоҷӣ Сафарбек ҳалқа мезанад.-Баъзан ба рӯят нигоҳ накунам ҳам, хафа нашав, ҳамеша чашмонам ба дили ту банд аст, ки аҷаб дили бекинаву софу покиза дорӣ, Аскарҷон, мисли оби чашмаҳои кӯҳистон…

-- Э садқаи аҳли фаҳм шавам!- хушҳол мешавад Аскар, ба завқ меояд ва мастона ба пойи ӯ сар хам мекунад.—Биё, Ҳоҷӣ, кафи пойҳоятро бибӯсам, ки аз онҳо бӯйи хоки Макаю Мадина меояд!

Ҳоҷӣ Сафарбек намегузорад, доманашро саросема пас мекашад, аз хиҷолат суп-сурх шуда, ҷаста аз ҷой мехезад.

-- Мон, ин кората, Аскарҷон! Гунаҳкор мешавам!

-- Хайр, шин!-амр медиҳад Аскар ва ба ҳолу ҷонаш

намонда, боз дар ҷояш мешинонад ва мепурсад: «Чанд бор ҳаҷ кардаӣ?»

-- Чанд бор мешуд, Аскарҷон? Ҳамагӣ як бор Хонаи Худоро зиёрат кардаам, ки барои ҳар мусулмон фарз аст.

-- Ҳмм!-норозиёна ғурунгос мезанад Аскар.— Баъзеҳо давлату сарват дорам, гуфта қариб ҳар сол ба Маккаю Мадина сафар мекунанд. Аммо аслан мақсади чунин касон як аст: На зиёрати Хонаи Худо, балки бизнес, тиҷорат, моли бебаркаш овардану ба фойида фойида зам кардан! Ана, яктояш ҳамдеҳаи ман-Ҳоҷӣ Камол! «Хар Маккаю Мадина рафту омад, боз ҳамон хари қадимина!» Ин мақолро мардум маҳз дар ҳақи чунин Ҳоҷиёни бедину диёнат бофта баровардаанд!

Ҳар доим сӯҳбати ҳар ду бо он анҷом меёбад, ки Аскар беист сухан рондаю аз каму кости рӯзгору ҷомеа шикоят карда, дар такяи болишт хобаш мебарад, фиххосзанон баланд хӯррок мекашад. Ҳоҷӣ Сафарбек оҳистаю боэҳтиёт аз ҷой бармехезад, бо ҷавонон хайру хуш карда, роҳи деҳаро пеш мегирад.

* * *

Аскар дар такяи китфони Санавбар ба назди хаймаи духтарон расид. Чун вориди хайма шуданд, дар рӯ ба рӯяшон марди қоматбаланди кулӯтариш пайдо шуд. Вай гардан каҷ карда, бо илтиҷо гуфт:

-- Бубахшед, акои Аскарҷон, ба Шумо гап доштам.

-- Ху-шш… гӯшам ба Шумо!— ба забони кӯлхӯрда гуфт Аскар.

Марди кулӯтариш арзи дилашро кӯтоҳакак баён кард. Як мошин гандумпоя доштаанд. Мехоҳанд ҳамонро дар хирмани саҳни хаймаҳо кӯфтаю бод кунанд. Хостанд, аз соҳиби замин иҷозат пурсанд. Аммо амаки Сафарбек як ҳафта боз бедарак, ба куҷое рафтааст. Боре вай ба онҳо гуфтааст, ки хӯҷаини ин чорбоғу хирман аслан Аскар гуфтанӣ геолог аст, ҳар гоҳе ки коратон афтад, аз ӯ пурсед, розӣ шавад, ихтиёратон.

Аскар дар посух, аз ғояти мастӣ, гапро кашол надод.

-- Марр-ҳамат,-гуфт, -- биёред гандумм-ппояатт-онро. Кӯфф-та бод кунед, лекк-ин фақат дар рӯзз-ҳои дар кӯҳ-до-ман, дар коррр будд-ани геологҳо…

Ҳоло қариб як ҳафта мешавад, ки Ҳоҷӣ Сафарбек ба қароргоҳи геологҳо гузар намекунад. Ӯ бо чӣ коре ба он тарафи ағба рафтааст. Гӯё маслиҳат карда бошанд, ба ҷойи вай Ҳоҷӣ Камол –ҳамдеҳаи Аскар ба ин мавзеъ омад. Чанд рӯз аст, ки ин мӯйсафеди ғайбатчии бадзабон дар хонаи хешовандонаш меҳмон аст.

Баъди рафтани марди кулӯтариш шамол вазиду якбора осмонро абрҳои тираву торик фаро гирифт. Борон борид. Дар як дам ончунон шиддат гирифт, ки таҷрибаомӯзон базӯр фурсат ёфтанд, дастурхонро саросема ғундошта, вориди хаймаҳо шаванд.

Аскар дар бистари нарму бароҳати Зумуррад дароз кашида, аз ширшири борон, ки беист меборид, аз накҳати гуворои атру упо ва бӯи ҷисми латифи зан, ки даруни хаймаро фаро гирифта буд, ҳаловат мебурд. Санавбар хам шуда, чолокона туфлиҳо ва ҷӯробҳои ӯро аз пойҳояш кашида гирифт. Аскар, ки баробари ба хайма ворид шудан худро дар рӯи ҷогаҳ ба шикам партофта буд, ноҷунбон мехобид.

-- Акои Аскар! Ба пушт хоб кунед, шиматонро кашам!-ӯро тела дода, паҳлӯ гардониданӣ шуд Санавбар.

-- Чӣ?!—яке ба худ омад Аскар ва бо ду даст тасмаи шимашро маҳкам қапид.—Э мон! Нарас!

-- Камтар сабук шавед, охир. Баъд, баҳузур хоб равед!

Аскар ҳамоно эътироз мекард:

-- Ҳой, чӣ кор мекунӣ, Санавбар?! Бирав! Ман худам!

Ӯ аз ҷой бархостанӣ шуд, вале аз ғояти мастӣ натавонист сар боло кардан. Каме нимхез шуда, боз сари вазнинашро дар рӯи болин ҳаво дод.

Санавбар ба нею нестонаш нигоҳ накарда, ба кори худ андармон буд. Ба зудӣ тасмаашро кушод, шимашро аз пойҳояш кашида, дар пояи кат овезон кард. Тугмаҳои куртаашро низ яла кард.

-- Э накаш! Мон! Айб мешавад!

Аскар курпаро ба болояш кашида пойҳои урёнашро панаҳ кард. Ҳар лаҳза талош мекард, ки бо бистар қафаси синаи пурпашмашро пӯшонад, ки Санавбар аллакай куртаи ӯро аз танаш кашида гирифта буд.

- Э, н-накаш! Бирр-ав.. Мон!..- саросема шуда забонаш кӯл хӯрд: -Э, бирав, ту ҳам… бикк-аш!-ва ҳамоно гапи аз даҳон баромадаашро ислоҳ кард:-Э, бирр-ав, ту ҳам… хобб кун!

Санавбарро ханда гирифт. Якбора қиқирроси мастонаи ӯ хаймаро пахш кард.

-- Майлаш, ман ҳам мекашам.—ҳамоно хандидаю беибо ба забон овард ӯ.—Луп-луччак мешаваму худро дар бағалатон меандозам!

-- Э, шат-тоҳе!—ғурунгос зад Аскар.—Беҳуда нагуфта-анд, ки ззан азз тух-ми шай-тон аст!

Ба зудӣ сари худро таҳи курпа кашид. Лаҳзае нагузашта баланд хӯрроккашиаш ба гӯш мерасид.

Ӯ вақте чашм аз хоби бароҳат кушод, ки офтоб баланд шуда, аз равзанаи хурдакак ба даруни хайма шӯълапошӣ мекард. Аскар бедор шуду чашмонашро молиш дод, хамёза кашид, аз ҷой нимхез шуду сарашро дар кафи дастон гирифта нишаст. Гӯё хобе дида буду онро таъбир мекард.

Аз берун ҳар гуна садоҳо ба гӯшаш мерасид: ширшири обу тароқо-туруқ ба ҳам бархӯрдани косаю табақ. Аз афташ Санавбар машғули шустани зарфҳои таом аст, ки шаб ношуста мондаанд. Боз нафароне дар чӣ хусус баланд-баланд гуфтугӯ мекарданд. Якеаш овози Зумуррад, дигаре овози Гавҳар буд, ки Аскар аз оҳанги гапзанияшон шинохт. Дигаре овози як ҷавонмард, барояш ношинос.

-- Э, рав, хезон, амма! Ҷогаҳатро бӯ гиронд!-дӯғ мезад он ҷавон.

-- Ин бача тоза ҳам эзма будааст!-Овози Гавҳар буд.- Аз ким-куҷо ба қишлоқи мо омадаасту каттагӣ мекунад! Охир, чӣ кор дорад, ба зиндагии ҳар кас?! Кори

мекардааш, гапи мегуфтагияшро андеша накарда, бо як девона даъво карда, ба сари мо бало хезонд! Намедонад, ки бо Ҳоҷӣ Камол баринҳо баҳс кардан мисли он аст, ки ба ҳелчаи занбӯр чӯб халонӣ!

Санавбар бошитоб вориди хайма шуд. Аскарро бедор дида, саросема гуфт:

-- Э, акои Аскар! Хезед аз ҷоятон! Зуд берун бароеду ман ҷогаҳи Зумратро ғундошта ба тартиб орам!

-- Ҳа, чӣ гап шуд?-аз ҷой нимхез шуд Аскар ва бепарво дар болин каҷпаҳлӯ зад.

-- Ба сари Шумо омаданд. Аз афташ ҷанг карданиянд!

-Киҳо?

-- Зумрат, апааш Гавҳар ва ҷиянашон, ки нав аз аскарӣ ҷавобаш додаанд. Бачаи берӯ метобад. Дар ҷогаҳи аммааш хоб рафтани Шуморо фаҳмида, аз ғазаб чӣ кор карданашро намедонад!

-- Курпаю болишти аммаашро нахӯрдем-ку!—бо ҳамон бепарвоӣ гуфт Аскар.-Худи Зумрат чӣ мегӯяд?

-- Чӣ ҳам мегуфт духтари бечора. Шумо худатон феъли ӯро нағз медонед-ку! Ба сараш кӯҳ чаппа шавад ҳам, аз даҳонаш ҳарфе намебарояд. Лекин апааш Гавҳар ва ҷиянаш мурғи посӯхта барин дар рӯи ҳавлӣ гаштаанд!

-- Чӣ мехоҳад апайи Гавҳар?

-- Аз рӯи шунидам, Ҳоҷӣ Камол баъди сарзанишу маломатҳои Шумо шабошаб рост ба деҳа рафта, гӯё ба ҳама овоза кардааст, ки аз барои Гавҳар шуда, як арақхӯри бадмаст дили ӯро сиёҳ кардааст, дар ҳақи дини мубини ислом гапҳои носазо гуфтааст ва ғайраву ва ҳоказо. Барои ҳамин, гӯё Ҳоҷӣ Камол бо хешовандони варзобияш ва ду-се мӯсафеди ҳамнишини худ Гавҳар, Зумрат ва ҳамаи хоҳарони ӯро аз як сар дӯғу пӯписа карда хуб тарсондааст. Аз ин рӯ Гавҳар сахт норозӣ, аз Шумо гиламанд аст, ки тарафашро гирифта, қаҳри Ҳоҷӣ Камолро овардаед!

-Барои ҳамин ҷиянашро ба сари ман овардааст, ки

маро «таги шатта» андозад. Ҳамин тавр?- бепарво хамёзакашон бо тамасхур даҳонашро инҷ кард Аскар.

-Намедонам.

Дандонҳои Аскар беихтиёр ғиҷиррос заданд:

-Чӣ ном дорад ин сағира?

-Қобил.

-Ҳа, Қобили қотил?

Санавбар тарсидаву нобоварона рост ба чашмони Аскар нигарист. Дар чашмони Аскар, ё аз таъсири арақ, ё аз бехобӣ, ё аз ғазаб суп-сурх, хун печида буд.

-Шумо чиҳо мегӯед, акои Аскар? Вай чихела қотил? Шумо ӯро мешиносед?

-Ҳа, ниму нимкора мешиносам. Дина дар хонаи апайи Гавҳар дида будам. Афташ афти ман барин ба пиёнискаҳо монанд. Гапзанӣ, роҳгардияш ҳам ҳавобаландона. Сағираи шумрӯи худобехабар менамояд. Ба як маънӣ, бачайи Одам аст…

-Аммо Шумо вайро қотил гуфтед? Барои чӣ? Чӣ гуноҳ кардааст, ин «бачайи одам?».

-Модоме ки бачайи Одам бошад, чаро бегуноҳ мешудааст? Номаш ҳам Қобил будааст. Ҳамон Қобиле, ки Ҳобилро кушт..

Аздусар аз ин суханони пардапӯшонаи ӯ Санавбар чизеро нафаҳмида, гаранг шуд. Дар ин асно ба хайма Гавҳар бо қаҳру ғазаб зада даромад. Аз паси ӯ ҷиянаш ва Зумуррад. Мӯйҳои Гавҳар титу парешон, шонанокарда, рӯймолаш то сари китфон лағжидаву овезон, ҳамчуноне ки Аскар ӯро дар адир, ҳангоми хиштрезӣ дида буд. Чашмонаш аз ғазаб медурахшиданд.

-- Хез! Хез-е, аз ҷогаҳи хоҳарам!-якбора овоз баланд карда аз дастони Аскар кашид Гавҳар.

Аскар аз ҷой наҷунбид. Гӯё ӯро дар бистар мехкӯб карда буданд. Нописандона, ҳамоно даҳонашро гиҷ карда, писханд заданаш қаҳру ғазаби Гавҳарро дучандон кард. Ӯ ба ҷиянаш, ки дар либоси шинаму зебои аскарӣ, чусту чолок, маътали ишора ба ҳарбу зарб меистод, амр дод:

-- Чӣ рост истодӣ, Қобил?! Гап зан ба ӯ! Мардбача буданатро ба вай нишон деҳ!

Аскар такя ба болишт ниҳода, гуфт:

-Рост мегӯяд апайи Гавҳар. «Қобил» бошӣ, Қобил буданатро нишон деҳ! Ана ман Ҳобил. Ҳарду бачайи Одам. Ту Деҳқону ман Даҳмарда. Ман ба Худо равғани думба ҳадя кардам. Ту картошкаву пиёзу гашнич… Худо тӯҳфаи маро қабул карду аз туро не. Барои ҳамин туро қаҳрат омадааст, қасд дорӣ, ки маро бикушӣ. Ана ман тайёр. Корд дорӣ?

Гавҳар бадтар дар ғазаб афтоду доду вовайло бардошт:

-Ба Худо кофир аст, ин майзада! Худоро ҳам мазоҳ мекунад! Ҳарчи ки Ҳоҷӣ Камол дар ҳақи вай мегуфтааст, рост будааст!

Қобил бо сиккаву сурати варзишгарони паҳлавон қаду басташро ларзонда пеш омад.

-- Э, акка! Гапро намефаҳмӣ, чӣ?! Хез, дафъ шав аз ин ҷо!

Аскар солору батамкин тан аз такяи болин бардошт. Пойҳояшро дар лаби рахти хоб кашол карда нишаст. Сар хамида сукут кард. Қобил муштонашро гиреҳ карда болои сараш рост меистод.

-- Ҳой, мехезӣ, ё не?! Ё ба хезондан ёрӣ расонам?!

Аскар беихтиёр сар бардошта, якбора аз гиребони Қобил чанг заду ба сӯи худ кашид.

-- Ту маро аз ҷой мехезонӣ?! А, кӯдак?! Ку хезон!!!

Ӯ бо панҷаҳои гирою дастони оҳанвор бақувваташ гиребони рақибашро сар намедод. Мушташро ба таҳи манаҳаш халонда, рост ба чашмони вай нигоҳ карда дод зад:

-- Чӣ мехоҳӣ, бача?!

Қобил даст бардошта муште ба сари ӯ фаровардanӣ буд, ки Аскар чолокӣ карда, дар ҷойи нишасташ аз пушти пойи ӯ пешпо дод. Қобил гумбуросзанон пуштнокӣ дар замин ғелид.

Гавҳар фиғон бардошт:

-- Эй! Ту чӣ ҳақ дорӣ, ки додари маро бизанӣ?!

Ӯ ба Аскар дарафтод. Қобил низ аз ҷой бархоста, чанд мушту лагад ба сӯи Аскар ҳаво дод. Санавбару Зумуррад ба миёна даромаданд. Онҳоро базӯр аз ҳам ҷудо карданд.

Аскар аз ғазаб девонавор ба кӯрпаю болини Зумуррад чанг зада, ҳар сӯй партофта титу парешон карду чашмони ҳамагонро бештар тарсонд. Аммаву ҷиян хапу хомӯш, бо сари кашол аз хайма берун шуданд.

Пас аз рафтани онҳо Санавбар мағрурона сар боло кард. Ба Зумуррад нигаристу беистиҳола гуфт:

-- Ана дидӣ, дугона?! Ба хешу таборат гӯй, ки дигар ба сари ҳамшаҳрии ман зӯрӣ нишон надиҳанд, ки ҳолашон аз ин батар мешавад!

Зумуррад бо алам посух дод:

-- Ҳеъ! То дина рӯз-ку, ҳамшаҳриятро лаққию серҷоғ гуфта, таъна мезадӣ! Як шаб бо ӯ хобида, акнун тарафашро мегирӣ?!

Санавбар ба зудӣ посух надод. Сахт лаб газиду нобоварона сар ҷунбонд. Заҳрханде кард. Сипас, нигоҳи бефарқе ба Зумуррад афканда, ба оҳанги маломат гуфт:

-- Э, гум шав-е! Ту худат кӣ ҳастӣ, ки ба ман гап нишон медиҳӣ?! Мисли ман як мӯдарози кӯтоҳақл! То ҳол на ман, на ту, акои Аскарро нашинохтаем! Рӯям сиёҳ, Худо маро занад, нон кӯҳриям кунад, агар ӯ як сари нохун ба ман даст расонда бошад!

Ӯ сари зону дар замин нишасту аз алам ҳуқ-ҳуқ ба гиря даромад. Зумуррадро дилаш ба ҳоли Санавбар, ки дугонааш, ҳамсабақаш, ягона ҳамдилу ҳамрозаш дар таҳсилу дар ин дашту дамани бекас буд, сӯхту тасаллобахшона аз бағалаш гирифт:

-- Хез, девона! Рост мегӯӣ! Ба Худо, мо ҳар ду кӯтоҳақл, бадгумон, аблаҳ будаем! То ҳол акои Аскарро нашинохта будаем! Э бало занад, маро!

Аскар ба ҳар ду бо ишора даст дароз кард:

-- Бас! Ҳар ду ин қадар фиқ-фиқ накарда биёеду бишинед дар бари ман!

Духтарон бечуръатона қадам монда, аз ду паҳлӯ дар бари ӯ ҷой гирифтанд. Аскар бо ҳар ду даст сарашро маҳкам дар кафи дастонаш гирифта, онҳоро хеле маътал кард. Духтарон бо тарс ва ҳайрат суоломез ба ҳамдигар менигаристанд. Дар чашмони ҳар ду ифодаи яъсу пушаймонӣ ҳувайдо буд. Ҳар ду яқин медонистанд ва интизорӣ мекашиданд, ки ҳоло ҳозир Аскар боз кӯдаквор онҳоро сарзаниш мекунад, таънаю маломат мекунад, дар гӯшашон насиҳатҳое мехонад. Ғайричашмдошти онҳо Аскар якбора «Вой!» гуфт, дод гуфту ҳунгос зада гирист, шерона наъра кашид, ончунон ки гӯё тамоми кӯҳу пушта дар ларза афтод.

-- Яктоятон не, ҳар дуи шумо девонаед, фаҳмидед?! Балки ман ҳам мисли шумо аблаҳи гузаро, девонаам! Ҳамаи мо, ки фарзандони Одаму Ҳаввоем, ғарқи гуноҳем! Ба Худо мо ҳама фикру андешаи ҳаром ба сар дорем! Бале! Мо ҳама ҳаромзодаем, агарчанде ки мегӯянд, мусулмонем! Ҳар нафас, ҳар лаҳза номи Худо ба забон меорему худро, ҳамдигарро, Худоро фиреб медиҳем! Дину имону диёнат мегӯему фарсаххо аз инсофу адолат, одаму одамгарӣ дурем! Фаҳмидед?! Ба Худо, ки дили бекина надорем, мисли русҳо, ки онҳоро кофир, бедину диёнат меҳисобем! Э, монед-е!—Вай ҷаста аз ҷой хесту болинро ба қадаш бардошта, ба як кунҷи хайма ҳаво дод. Боз девонавор дод зад, шерона наъра кашид, ки аз бими овозаш Санавбару Зумуррад харгӯшакҳо барин дарақ-дарақ меларзиданд.

-- Э, биёр, Санавбар! Арақ дорӣ, биёр, ки аз зиқӣ дилам торс мекафад!

Зумуррад рӯяшро бо панҷаҳояш панаҳ карда, дар замин нишаст ва ҳамоно аз тарсу ҳаяҷон саропо меларзид. Санавбар шитобон рафта, аз даҳлез ҳамон ним шиша шароби шабона тамом накардаи Султонзодаро бо қадаҳе бардошта овард. Рехту дам назада қадаҳро ба сӯяш дароз кард. Аскар нӯшид. Бо сачоқ лабу даҳонашро пок кард. Ором шуд. Чашмони пурғазабашро боз ба духтарон дӯхт. Ба ҳар ду муроҷиат кард:

-- Э, агар ҳар дуи шумо хоҳарони ман, фарзандони падари ман мебудед! Оё мемондам, ки дар ин дараи бекас, дур аз хонаи падару модар сарсону саргардон шуда гардед?! Пас, медонед-чӣ, ба ман гӯш андозед, ки ба Шумо чӣ мегӯям?! Шӯ кунед! Ҳарчи тезтар ба шавҳар бароеду ҷонатонро аз ғайбати бадгумонҳо, дилсияҳҳо, беимонҳо халос кунед! Акнун бароед! Зуд гум шавед аз чашмони ман, ки рангу рӯятонро набинам!!!

Дар чунин лаҳзаҳо ягона тасаллои дили ӯ лаби мусаффои дарёчаи Харангон буд, ки андарунаш сангу сангрезаҳо ҷило медоданд, қад-қади он дарахтони маҷнунбед сар хамида, чойкаҳаку бобунаву райҳон мерӯиданд. Он тараф манзараи сабзу хуррам ва шукуфони бешаи анбӯҳ назаррабоӣ мекард, ки тамошояш дар оҳанги якнавохти оби дарёча ба дилу хотири мушавваш таскин мебахшид.

## III

Аскар болои санге нишаста, чашм аз хурӯшу ҷавлони оби мусаффо намеканд. Ҳар қадар мекӯшид, наметавонист дилу ҷону рӯҳу равонашро раҳо кардан аз андешаҳои тираву торе, ки ӯро фаро гирифта буданд. Аз миёни торикии андешаҳо беист ду чашмони ало-булои як тани қоқи дароз ба сӯяш назар меафкананд. Ду чашмони айёру маккоре, ки якзайл дар косахонаи сараш бозӣ мекарданд. Як бор не, даҳ бор не, сад бор, ҳазор бор бо ин чашмон дучор омадааст Аскар! Аз бозе ки худро мешиносад, бад мебинад, нафрат дорад ба ин ҳамдеҳааш. На фақат ӯ, балки ҳамаи ҳамдеҳагон рӯи хуш надоранд ба ин марди ҳавобаланди баддаҳани бадсиришт. Он солҳо Аскар мисли ҳамаи бачаҳои қишлоқ дар мактаб мехонду пояш аз замини пахтазор канда набуд. Каланд мезад, ягона мекард, пахта мечид, пуштора ба хона алаф мекашонд. Дар деҳа бригадири колхоз буд Камол. Ба колхозчиён ончунон зулм мекард, ҳадди касе, ки ба кори саҳро

набарояд! Кампирону мӯсафедон, занону духтарону кӯдакон ҳар гоҳе ки банохост бо каланд ниҳоли пахтаеро мебуриданд, ё ҳангоми чобуқ алафе ноканда аз пасашон мемонд, ё дар мавсими ҳосилғундорӣ ғӯзаеро тоза намечиданд, аз ӯ гапҳои болохонадор, дашному ҳақоратҳо мешуниданд. Камол доимо химчае дар даст қад-қади ҷӯяҳо аз паси колхозчиён мегашт. «Ҳаром кор накунед!», «Нонатонро ҳалол карда хӯред, исқотиҳо!» гуфта, химчаро гирди сараш давр мезанонд, таҳдид мекард, метарсонд. Бештар ба занони беваю бечора, духтарон чаққа мешуд, таҳдид мекард, бо дӯғу пӯписа метарсонд. Кӯдаконро бо химча мезад. Вале ба Аскар кор надошт.

Аскар бачаи якраве буд, ки ба ҳар кас гардан намефуровард. Қандаша хӯраду бригадир ба ӯ овоз баланд кунад, ё бо химча бизанад! Даррав қаҳр карда, каландро як сӯ ҳавола медод, ё пешдоманашро аз миён мекушоду пахтаҳояшро дар замин мерехт, мепартофту мерафт. Бригадир гоҳо ба падараш шикоят мебурд. «Маълим, бачат гапа гӯш намедиҳад, ман бед гӯям, вай тут мегӯяд, бисёр якрав аст!». Аскар аз ҳайбати падараш сахт метарсид. Вай розӣ буд, бригадир ӯро дӯғу пӯписа кунад, дашному ҳақорат диҳад, вале ба падараш шӯр наандозад. Ҳамин шӯрандозӣ, хабаркашиҳои бригадир буд, ки вай борҳо аз падараш гапҳои пасту баланд шунидааст, ҳатто як маротиба намонд, ки ба кори саҳро барояд, ба мактаб равад, «садқаи кору хондан шавӣ!» –гуфта таънаю маломаташ кард падар. Сахттарин ҷазои падар ҳамин буд, ки аз ҳамсинфон, аз рафиқонаш ҷудояш мекард. «Сазои бачаи бетарбия ҳамин аст,-мегуфт.-Гӯсолаи рихинро ба пода раҳ додан даркор нест!». Дар ин ҳолатҳо Аскар дар муносибат бо бригадир бештар якрав мешуд. Ва чун медид, ки бригадир ба колхозчиён-пиру барно овоз баланд мекунад, беваю бечораҳоро дашному ҳақорат медиҳад, ҳамсолони ӯро бо химча мезанад, ба духтарон қош парронда, ким-чӣ хел ишораҳо карда лаб мелесад, лаб мегазад, чашмакӣ мезанад, қаҳру ғазаб ва нафрати Аскар ба ӯ боз ҳам меафзуд. Ҳолатҳое ҳам шудааст, ки Камол бо ӯ

гапи ҳақ ҳам мегуфт, насиҳаташ мекард, аммо Аскар ҳамоно гӯш намедод, балки баракс, бештар якрав шуда, забонашро бароварда сӯз медод ва ким-чӣ нағмаҳо карда ба иззати нафсаш мерасид. Ҳеҷ гоҳ гардан хам намекард, сар намефуровард, ки ба одами бад рӯи хуш диҳад. Ва боз бригадир чизе нагуфтаю шӯр меандохт ба падараш. Боз ғазаби падараш боло мегирифт, ҷангаш мекард, «нағзакак адабашро медод».

Боре Аскар бо чанд нафар ҳамсинфонаш дастгоҳҳои дорупошӣ дар сари китф, қад-қади ҷӯяҳо гашта, ба пахтазор дору мепошиданд. Доруи қаттоле, мелмекс, ё ба ҳамин монанд ким-чӣ ном дошт он заҳр. Баъди як навбат дорупошӣ ҷӯраҳо ба таҳи сояи тутзор баргаштанд. Каме дам гирифтанд-нафас рост карданд. Ва боз саргарми сӯҳбатҳои гарму хандаю шӯхӣ ба кор шурӯъ намуданд. Ҳар кадом дар як сатилӣ аз ҷӯи қади тутзор об гирифта, ба сатилҳои об дору андохтанд, бо ҷӯбчае омехта, ҳар кадоме як хӯшагӣ ангур дар даст мазза карда мехӯрданд. Баногоҳ аз куҷое бригадир пайдо шуд. Омаду исту бист накарда, сараввал хӯшаи ангурро аз дасти Аскар кашида гирифт ва бо қаҳр дар сараш зад. Бо бачаҳои дигар низ чунин кард. Ҳама хапу хомӯш истоданд.

-- Шумо ақл доред ё не?!-чашмонашро калон кушода фиғон бардошт Камол.—Аз ҷонатон сер шудед-чӣ?! О, ин заҳри қаттол, марг аст, аҷал аст, мефаҳмед?! Ҷо ба ҷо мекушад одамро!

Ҳамаи бачаҳо гунаҳкорона сар хам карданд. Аскар бошад, дар посух писханд зад, муғамбирона арқантобак карда, пушти сар хорид.

«Рост мегӯяд ин қоқи дароз, -аз дил гузаронд ӯ.- Бо дастони ношуста-доруолуд таом хӯрдан мумкин нест».

Вале гарданаш ёрӣ намедод, ки хапу хомӯш истад дар ин лаҳзаҳо. Истода –истода хуни ҷавонияш ба ҷӯш меомад, ғурури ҷавонӣ ӯро тела медод, ки бояд дар ҷавоб чизе бигӯяд, ки «ин мард худ аз кӯчаи одамгарӣ нагузаштаасту боз ба дигарон насиҳат мекунад!».

-- Э, чӣ дӯғ мезанед?!—беихтиёр аз даҳони ӯ баромад ин суханон, ки оҳанги таҳдиду нафрат доштанд.

-- Ту, бачаи маълим, бояд ба дигарон одоб ёд диҳӣ!-кафки даҳонашро ҳар сӯ парронда овоз баланд кард Камол.—Исқотӣ падарат ба ту фаросати хӯрок хӯрданро наомӯхтааст-чӣ?!

Бори нахуст буд, ки аз даҳони нафаре дар ҳақи падараш чунин гапи дуруштро мешунид Аскар. Ҳама бо падари ӯ даст пеши бар гирифта, салом медод, ҳатто ҳамин бригадири ношуд-Камол ҳам. Ҳоло бошад, «исқотӣ» гуфта, падари ӯ-муаллими худро таҳқир кард.

-- Э, исқотӣ худи ту! Одами зиёдатӣ, ба ҷамъият нодаркор худи ту ҳастӣ!».

Аскар инро гуфта, найи борику дарози дорупошакро ба даст гирифту ҷумакашро тоб дод. Якбора фавворaи он моеи заҳрнок фиххосзанон берун ҷаҳида, ба сару рӯи бригадир пош хӯрд. Дар як дам рӯю мӯю чашму бинӣ, қади дарози бесулуқайи бригадир аз дору шипшилта шуданд. Камол «воҳ!» гуфту панҷа ба рӯяш кашид ва дод зада, ба сӯи ҷӯйбори қади раҳ давид. Ҷонҳавлона худро дар қади ҷӯй партофт, ба сару рӯяш беист об мепошид...

Аскар тарсида гурехт. Ба ҳавлияшон даромаду дар каҳдони оғил панаҳ бурд. Ҳамон бегоҳ бо маслиҳати модар хоҳараш ӯро гурезонда, ба деҳаи ҳамсоя , ба хонаи апааи калонияш бурд. Фардои он рӯз оқибати ҳодисаро аз модараш, хоҳарону ҳамсинфонаш шунида, дилашро бештар воҳима зер кард. Гӯё бригадир кӯр шудааст, ӯро дар табобатхона хобондаанд, гӯё Аскарро суд мекардаанд ва барои гуноҳи писараш падари ӯро аз мактаб меронданд.

Аз байн ҳафтае гузашту хайрият, ҳамааш ба хубӣ анҷом ёфт. Ба Аскар ва падараш касе кордор нашуд. Балки, баракс, бригадирро барои бо колхозчиён муносибати дурушту дағал доштанаш аз кор озод карданд. Баъди он воқеа ҳар он ки ин гапу хабарро шунида буд, ба Аскар, ба ин ҷавони боғайрат аҳсан мехонд. Баъди

ин сари Аскар баланд буд дар назди ҳамсинфону ҳаммактабиёну устодон ва аҳли деҳа.

Ана ҳамин тавр, ғуруре дошт Аскар дар муносибат, рафтору гуфтор бо атрофиён, тан намедод, гардан намефуровард ба онҳое, ки каҷрафтору каҷгуфтору каҷпиндоранд. Мегӯянд, хӯе, ки бо хун омадааст, бо ҷон меравад. Ҳоло сини Аскар ба сӣ расидаасту тарки ҳамон ғурури кӯдакию наврасӣ-оштинопазирӣ нисбат ба бадон накардааст, балки ин хӯю атвор торафт дар ниҳоди ӯ маҳкам реша медавонад ва аз афташ, то охири умр аз он халосӣ нест! Камол низ ҳамон Аҳмади порина аст. Баъди аз бригадирӣ ронда шуданаш сад корро иваз кард; даҳмарда шуд, дар фермаи колхоз хукбонӣ кард, қаровули заводи пахта буд… Ана имрӯз, ки чор писараш тоҷир-бизнесмен шуда пулу сарвати зиёде ғундоштаанд, бештар аз худ рафтааст. Фукаш ба осмон расидааст! Ба зиёрати Маккатуллоҳ рафтаю Ҳоҷӣ шуда, ба қавли худаш «исқотӣ» бо рафтору гуфтору кирдори бадаш ба номи дини мубини ислом иснод меорад…

Аскар дар он лаҳзаҳо андешаҳои худро, ки аз як нукта-даври Ҳоҷӣ Камол берун намеомад, шабеҳи оби пареши аз ҷӯй сарзада тасаввур менамуд, ки гирду ғун мекард хасу хасрӯбаҳоро, партову ифлосиҳоро, покиза медошт пайи қадамашро ва боз мерехт ба обрави танге ва боз маҳкам мекарданд даҳани тангноро ин партовҳои ифлосиву чиркин, ки аз диданаш дили кас беҳузур мешуд. Ва хаёлан Ҳоҷиро ана ба ҳамин ифлосиҳо нисбат медод ва якзайл мепечид сару нӯги риштаи хаёлоташ бо ному лақаби ӯ, афту башараи ӯ, кору рафтору кирдору аъмоли ӯ… «Эҳ, ҳайфо, ки Каъбатуллоҳ-Хонаи Худо торс намекафад, бо чунин ҳоҷиён, бо чунин худоҷӯёни худобехабар, ки ҳамасола ҳазорон-ҳазор бо ниҳоди бетаҳорат, дили чиркину ифлос, забони ношуста, нигоҳи ғусл нокарда ба ин даргоҳи муқаддас қадам мениҳанд!..».

«Э биё мон, Аскар! Ҷонатро азоб мадеҳ!-ҳамоно фикру хаёлоти печида раҳояш намекарданд.- Саратро гиҷ макун

бо ин ҳама андешаҳо, бо ин ҳама шубҳаю гумонҳои ин дунёи фонӣ, ки дар зери бори гуноҳҳои фаҳшу дурӯғу таҳқиру бадномию ҳаромию ноинсофию ноадолатиҳо қадом рӯзе кулфаякун мешавад! Агар дар ин дунё ҳақ ба ҷо мебуд, ин ҳама намояндагон, саркардагони дини мубини ислом намефурӯхтанд китобҳои илоҳиро, бо дасти ноширон, муллою нимчамуллоҳо, эшону сайидзодаю қориён, савдогарону тоҷирон, миёнараву ҷаллобону қаллобон ба мардуми авом, ки худ базӯр рӯз мегузаронанду ташнаи илму ирфон, ташнаи ҳар қатраи ин дарёи беканори маъониянд! Намегӯянд, ки фурӯхтани китоби муқаддаси Қуръони маҷид, ки ҳазорон-ҳазор, миллиёнҳо нусха чоп мешавад, убол аст, куфр аст! Гуноҳ аст, ширк аст ба каломи Худои мутаол нарх гузоштан, қиммат гузоштан! Бале, моҳе қабл харидӣ як нусха ин китоби муқаддасро, аз нархи аслияш чаҳор баробар зиёд! Ва рӯзе мастомаст аз назди дӯконе мегузаштиву чашмат ба ҳамин гуна як китоби калони зебою мунаққаш афтод, ки дар муқоваяш навишта шуда буд: «Китоби муқаддас». Барои муқоиса аз фурӯшанда қиммати онро пурсидӣ. Фурӯшанда, ки марде буд зарринмӯй, дар посух гуфт: «Бигиред, ин китоб ҳадя аст ба ҳар кӣ майли хондан дорад!». Чун ба хона оварда кушодӣ, дарёфтӣ, ки китоби масеҳиён-Инҷил будааст. Ва ҳамин як ҳафта пеш, дар ҳамин ҷо, дар ҳамин лаби дарёчаи Харангон, ки нишастаӣ, Ҳоҷӣ Камол он китобро дар дастат дида, таънаю маломат кард, ки «Ҳайфи ту! Мусулмон шуда, китобҳои мансухро мехонӣ!». Ва ту ӯро боб карда бо як суол мулзам гардондӣ: «Оё хондаӣ, боре варақ задаӣ ин китобро, ки илм аст! Балки Қуръонро ҳам чун илм наомӯхтаӣ! Барои «савоб», барои худнамоӣ харидаиву дар даҳ қабат матоъ печонида, дар тоқи ҷевон гузоштаӣ ва кофир шавам, агар боре ҳам онро варақ зада бошӣ!»

Аскар ҳар қадар мекӯшид, наметавонист худро раҳо кардан аз ин ҳама хаёлоти бесару нӯг. Як нӯги ин калобаи чигилгаштаро мекушоду нӯги дигараш гиреҳ мезад ва боз мекушод, боз ба ҳам мепечид, боз чигилтар мешуд…

«Эҳ, ин дунёи буқаламун! Бо ин ҳама ноадолатию фанду дурӯғу кизбу риёкориҳо куҷо мебарад моро?! Охир, як ба ҷамъияти имрӯза, ки онро «демократӣ» , «дунявӣ» эълон кардаанд, ба атроф нигар, чӣ корҳое шуда истодааст! Ин дунёи беадолату ваҳшоният чӣ қадар беваю бечорагон, мустамандон, занону духтаронро ба коми худ кашида, ба кӯчаҳои ноумедӣ, хорию зорӣ афкандааст! Онҳо ба хотири як пули пучак номуси худро мефурӯшанд! Дар ҳар гӯшаи шаҳр бозори ҷалабҳо кушодаанд. Онҳо барои сарватмандон мурғакони паркандаанд дар чанголи гургони ваҳшӣ! Афсӯс! Во дареғ, во дареғ! Худои мутаол рӯзе, ки оламу одам офарид, чӣ гуфт? «Мо ҳама неъматҳои худро барои инсон офаридаем! Ба чорпоён нафс, ба инсон ақл додаем!» Ҳамагӣ чанд сол умр мебинад инсон?! 60, 70, 100? Баъд чӣ? Он ҳама молу сарват, давлату савлатро куҷо мебарад? Ба хок?! Ба гӯр?! Чаро бисёриҳо дар ин бора андеша намеронанд, балки намехоҳанд андеша рондан! Балки Ҳоҷӣ Камол барин гӯрсӯхтаҳои бедиёнат ҳатто ба гӯшаи хаёл ҳам намеоранд, ки дар ин Дунё, ҳар он чӣ бидуни инсофу адолат ғундоштӣ, сиёҳ аст, сип-сиёҳ ва ахиран сафед мешавад-кафан аст ва он кафан низ ба зудӣ мепӯсад, сиёҳ мешавад, як каф хок мешавад-хоки Замин, ки то ҳанӯз рози онро, асрори онро касе нафаҳмида, накушода, кашф накарда…».

Аскар аз пайи ин ҳама дунёи хаёлот, ки аламашро торафт зиёд мекард, қасд кард, ки ҳоло рафта, «Исқотӣ»-ро меёбаду аз гиребонаш мегирад, бо калла як-ду сумбоқӣ дар таҳи манаҳаш мефурорад! Майибу хуншораш мекунаду ба ҳамин кӣ буданашро ба Гавҳару ҷиянаш ва дигар «варзобиҳо» нишон медиҳад!

Бо ҳамин ният рӯ гардонд ба пушт. Сар боло карда, раҳсипор шуда буд, ки ғайричашмдошт бо Ҳоҷӣ Сафарбек дучор омад. Сафарбек бо лабони пуртабассум ва нигоҳҳои гарму ширин, бо тамкин ба истиқболаш қадам мениҳод. Ӯ танҳо набуд. Ҳамроҳаш ҷавоне ба тахмин 19-20-сола, дипломате дар даст дошт, ки одатан зиёиён бо худ гирифта мегарданд.

-- Ассалому алайкум, Аскарҷон! –шитобон омада,

ӯро бародарвор дар оғӯш кашид Ҳоҷӣ Сафарбек. Ва узрхоҳона шарҳ дод:-- Дина бевақтии шаб ҳамроҳи ана ин ҷиянам шалпару хаста шуда омадем. Сар дар болин монда, дарҳол хобамон бурд. Саҳар бархоста ношто кардему дилам қарор нагирифт. Дӯсти қаринам, бародари қиёматиамро хабар гирам, гуфта омадем. Охир, як ҳафтаи дароз ҳамдигарро надидаем! Ба ростӣ, ба дидорат пазмон шудам, Аскарҷон. Бе сӯҳбатҳои гарму ширини ту як ҳафта дар назарам як сол барин намуд.

-- Ман ҳам, акои Сафарбек! –бо ҳаяҷон гуфт Аскар ва ӯро гарму ҷӯшон дар оғӯш кашид. Ба ҷиянаш даст дода вохӯрӣ намуд. Ва ҳамон лаҳза нигоҳҳои ғамгину ошуфтаи ӯ тира шуданд.-- Дар набудани ту афти шуми баъзеҳо ончунон ба дилам зад, ки намедонам чӣ кор кунам!

-Боз чӣ шуд, Аскарҷон? Кӣ туро хафа кард?

-- Эҳ, напурс, Ҳоҷӣ! Бубахш, шояд аз ҳоҷиҳои ин замона фақат ту бошӣ, ки бовар дорам. Аммо баъзеҳо, ба Худо, садқаи ин номи муборак, садқаи ҳаҷу зиёрати Маккатуллоҳ шаванд!

Сафарбек пай бурд, ки гап дар бораи кӣ меравад. Охир, дар ин гирду атроф ба ғайр аз ӯ Ҳоҷии дигаре нест! Дар деҳот ҳар хабар ба зудӣ паҳн мешавад. Камоли исқотӣ-«Домоди варзобиҳо»-ро кӣ намешиносад? Вай чанд рӯз аст, ки боз аз ким-куҷое пайдо шуда, дар гирду атроф тор танида гаштааст. Ҳоҷӣ Сафарбек баробари ба деҳа расидан ин хабарро аз аҳли хонаводааш дарак ёфт. Балки ҳоло Камол «Исқотӣ» нест, Ҳоҷӣ аст, Ҳоҷӣ Камол. Дар ин хусус аҳли деҳа кайҳо огоҳанд. Бо кадом мақсад аз раҳи дур ба ин тарафҳо «қадам ранҷа фармудааст», инро ҳам медонанд. Гӯё хабаргирии хешони дураш омадааст, ки дар Харангон ду-се нафар мондаанд. Дар асл бошад, нияти ӯ дигар аст. Баъди мурдани занаш-бечора Моҳитобон арӯсе аз ӯ хушрӯтар, ҷавонтар аз духтарони парирӯи варзобӣ гирифтан мехоҳад. Ҳоҷӣ Сафарбек аз аҳли хонаводааш боз онро фаҳмида гирифт, ки Камол ҳамдеҳаи Аскар мешавад.

Ана ин хабари тоза! Тозатарин хабар он аст, ки дирӯз, вақти шом, пеш аз ба деҳа баргаштани Сафарбек дар хаймаи геологҳо ҷанҷолу хархаша бархостааст! Аскар маст шуда, бо овози баланд «Исқотӣ» гӯён Камолро ҳақорат додааст. Ҳамин саҳар бошад, аллакай овоза шудааст, ки Камол аз Аскар шикоят бурдаву бо кадом сабабе Гавҳару ҷиянашаро шӯронида, ба қароргоҳи геологҳо роҳӣ кардааст. Чашми рӯз накафида боз дар ҳамин ҷо, дар чорбоғи Ҳоҷӣ Сафарбек садои ҳақорату дашноми Гавҳар баланд шудааст. Гӯё Гавҳару ҷиянаш барои дар ҷогаҳи хоҳараш Зумрат шаб хоб кардани Аскар қароргоҳи геологҳоро ба по хезондаанд. Гӯё Аскар шабро бо Санавбар дар хаймаи духтарон гузаронидааст ва ғайраву ҳоказо…

Ҳоҷӣ Сафарбек ҳамаи ин гапҳоро аз дил гузаронида, аз рӯи одат, бо истиҳола, бо эҳтиёт аз Аскар пурсид:

-Баъзе гапу хабарҳо ба гӯшам расид, Аскарҷон? Шунидаму аз шаб инҷониб дилам қарор намегирад, «рост бошад, дурӯғ бошад?», аз худи ҷӯраҷонам пурсам гуфта омадам…

-- Ту аз куҷо дарак ёфтӣ!?—дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, ба ҳамсӯҳбаташ чашм ало кард Аскар.

-- Даҳони мардумро пӯшида намешавад, ҷӯра. Шумо дар ин деҳа бегонаед, Аскарҷон! Аз ин рӯ, ҳушёр шавед, ғайбатчиҳо ҳар қадаматонро пойида гаштаанд!- маслиҳат дод Сафарбек.

Аскар аз рӯи одат сарашро дар кафи дастонаш гирифта, норозиёна сахт такон дод, оҳ кашид, бо ғазаб як мушт ба сари зонуяш зад. Риштаи андешаҳояш боз бо ҳам печиданд, боз калоба шуд ин ришта, кӣ медонад чӣ қадар дароз аст он? Нӯги ин калоба боз то ба Камол рафта мерасид, дар дасту пойҳову гардани ӯ мепечид. Аскар бо ҳамин ришта хаёлан гулӯи Камолро, Исқотиро мефушурд, бӯғӣ мекард. Дар он лаҳзаҳо аз ғояти қаҳру ғазабу интиқом рагҳои гарданаш рост хеста буданд. Вай муштонашро гиреҳ карда, бо нафрати тамоме, ки нисбати Ҳоҷӣ Камол дошт, сахт даст аф-

шонду дар замин туф кард. Барои ин беодобияш аз Сафарбек ва он ҷавон узр пурсид.

-- Мебахшед,-гуфт.—Иҷозат диҳед, ман равам!— Ба сӯи деҳаи муқобил рӯ гардонда қадаме ба пеш гузошт.

-- Ба куҷо?!—ӯро аз роҳ гардонд Сафарбек.

-- Меравам! Ҷазои он бадсириштро надиҳам, намешавад аз афташ!

Ҳоҷӣ Сафарбек ҳалимона хандид ва бо навозиш даст ба китфони ӯ ниҳод.

-- Ҷӯрагӣ ин хел нашудааст, Аскарҷон! Ҳама дар ин гирду атроф медонад, ки ту дӯсти қарини манӣ. Мардум фаҳмад, чӣ гумон мекунад? Албатта, мегуфтагистанд, ки: «Як Ҳоҷӣ аз ким-куҷо омада, Гавҳару ҷиянашро шӯр андохта, ба ҷанги як геолог хезонд! Ҳоҷии дигар, Ҳоҷии худӣ рафиқашро тарафгирӣ карда, ду одами нооштиро батар ҷанг андохт, ба ҷойи ба онҳо насиҳат кардан, дидаю дониста, шӯру валвала хезонд, деҳаи моро нотинҷ кард!»

Аскар сукут варзид. Дуру дароз ба нуқтае чашм дӯхта истод. Ба назар чунин мерасид, ки аз раъяш баргаштааст, розист ба он чи ки дилсӯзона насиҳат кард, дӯстона маслиҳат дод ба вай Ҳоҷӣ Сафарбек. «Не, майлаш, намеравад ба сари Ҳоҷӣ Камол. Ҷанг намекунад. Намезанад бо калла ба таҳи манаҳаш. Ба хотири дӯсти қаринаш Сафарбек»...

Ҳамин дам аз диёргии хаймаҳо, болои санге баромада Санавбар овоз дод:

-Устод! Биёед, бо меҳмонҳо! Наҳорӣ тайёр!

…Дар гирди дастархон сӯҳбати онҳо ранги дигар гирифт. Ҳоҷӣ Сафарбек бори дигар он ҷавони ҳамроҳашро шинос кард:

-Ҷиянам-Файзулло рӯзноманигор аст. Омадааст, ки бо ҳаёти геологҳо аз наздик шинос шавад, дар бораи онҳо чизе нависад.

-- Хеле хуб,-бо ризоият сар ҷунбонд Аскар ва ба Файзулло нигариста, табассуми нобоваронае дар лабонаш накш баст.-Хеле хуб кардӣ, ки додар, моро

хабаргирӣ, ҳолпурсӣ омадӣ. –Ӯ ба сӯи хаймаҳо ишора кард, ки аз таъсири офтоби сӯзону боду борони адир рангпаридаю заб-зард гашта буданд.-Ана, бо чашмони худ бубину хулоса барор, журналист! Бубин, ки геологҳо чӣ ҳол доранд, дар кадом шароит кору зиндагӣ мекунанд!

-Ин «журналист» аз ман як суол кард, -шарҳ дод Сафарбек.-Пурсид, ки оё дар мавзеи Харангон кони тилло ёфт шудааст ё не? Аввал гуфтам: «Агар мо, бошандагони ин мавзеъ медонистем, ки ин ҷо кони тилло ҳаст, мисли мардумони он тарафи дунё худ ба кофтанаш сар мекардем. Мисли онҳо бою бадавлат мешудем! Ҳи-ҳи…-сабук хандид Сафарбек ва илова кард: -Баъд, ба қадри ҳол, он чиро, ки аз тую Султонзода шунида будам, ба Файзуллоҷон фаҳмондам. Дидам, ки аз гуфтаҳои ман қаноатманд нашудагӣ барин, маслиҳат додам: «Мегӯянд, сухан аз даҳони Луқмон хуш аст». Бирав, гуфтам, аз мутахассисон пурс. Ва боз мегӯянд: «Шунидан кай бувад монанди дидан». Ана барои ҳамин, биё, беҳтараш туро назди геологҳо мебарам, гуфтам. Онҳо дар шафати деҳаи мо, дар чорбоғи ман хаймаҳо задаанд. Рӯзи дароз дар кӯҳдоман, дар ҷарию пасхамиҳо ҷунбуҷӯл карда, чизе мекобанд. Яке аз онҳо ҷӯраи ҷонии ман аст,- гуфтам.-Номаш Аскар. Беҳтарин геолог, заминшиноси донишманд, маълумотдор аст. Аз вай бипурс, гуфтам, дар бораи тилло доштан ё надоштани ин мавзеъ маълумоти аниқ медиҳад. Ана барои ҳамин назди ту овардам».

Аскар пушти сар хорид. Гӯё воқеае, саргузашти аҷиберо нақл мекарда бошад, дуру дароз ба хаёлот фурӯ рафт. Сипас, ҳикматомез лаб ба сухан кушод:

-Об дар кӯзаву мо ташналабон мегардем! Ҳаст! Захираи тиллои ин мавзеъ ба даҳсолаҳо мерасад, агар онро кофтаю ёфтаву коркард кунанд, истифода намоянд… Мутобиқ ба Барномаи рушди соҳаи геологии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби ҳукумат тасдиқ шудааст, айни ҳол иншооти асосии мо ҷустуҷӯи тилло дар

минтақаҳои Варзобу Ромит ба шумор меравад. Бо ин мақсад дар мавзеи Харангон гурӯҳи махсуси заминшиносони корхонаи ҷустуҷӯю аксбардорӣ амал мекунад. Дар муддати солҳои охир корҳои ҷустуҷӯӣ ва аксбардорӣ дар ин мавзеъ самарҳои дилхоҳ дод. Маблағгузориҳоро дар ин бобат Ҳукумати ҷумҳурӣ бар ӯҳда дорад…

Ҳамчунин дар Харангони боло, ҳо ана, дар пушти он теппаи баланд,-ба самти шимоли кӯҳдоман ишоракунон шарҳ дод Аскар,-дар ҳамкорӣ бо ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Воҳидиён» корҳои омӯзишу таҳқиқоти геологӣ оид ба истифодаи кони оҳан идома дорад. Агар мушоҳида карда бошию тағоят шояд гуфтагист,-ба Файзулло мурочиат кард ӯ,- ҳар рӯз аз роҳи поёни кӯҳдоман мошинҳои пурбор мегузаранд. Онҳо аз ҳамин кони оҳан барои заводи семент ашёи хом мекашонанд…».

Дар ҳамин ҷо Аскар якбора аз нақл бозистод. Қавоққҳояшро андохту сукут варзид, теғ кашида ба ҳамсӯҳбаташ нигарист ва ба афту андомаш чуқур зеҳн монд. Файзулло ҷавоне буд харобаи каме қадпаст, сиёҳҷурда. Либосҳои шинаму озода ба бар дорад, дар он тамузи тобистон галстуки гиреҳаш қуббашаклро дар гарданаш таранг бастааст. Симояш ҷиддӣ, тарзи рафтору гуфтораш каме калонгирона. Аскарро бештар он рафтори Файзулло дар ғазаб овард, ки гӯё ба гуфтаҳояш гӯш додаю ҳар лаҳза бо тасдиқ сар меҷунбонад, вале дар асл аҳамият намедиҳад мисли Ҳоҷӣ Камол, то ҳанӯз сар набардошта, ба чашмони Аскар нигоҳе наафкандааст; баҳузур нишаста шикам сер мекунад.

-- Ҳой бача!- чашм ало карда нидо баровард Аскар.- Хӯрданӣ омадӣ? Ҷӯраи ҳоҷии мо дар хона серат накард-чӣ?!

Файзулло як пора гӯшти лаҳмеро, ки ба даҳон андохта буд, саросема нахойида фурӯ бурд. Луқма дар гулӯяш андармон шуд. Сахт сулфид. Як қулт аз пиёлаи

чойи дар наздаш буда ба ҳалқаш рехту бошитоб дастонашро пок кард ва дар ҳолате, ки дар рӯяш хун печида буд, баҳоначӯёна ба забон овард:

-Ҳеъ, ин луқмаи раҳгумзада аз куҷо пайдо шуд, ки раҳи гулӯямро маҳкам кард?!

Аз чунин муносибати рӯйиросту дағалу дурушти «мизбон», ки бори нахуст ӯро медиду аз тағояш борҳо таърифашро шунида буд, дар хиҷолат ва дар ғазаб афтода буд Файзулло. Нобоварона нигоҳҳои имдодталабонаашро ба Ҳоҷӣ Сафарбек дӯхт. Тағояш ғайричашмдошти ӯ ба ҷойи тарафгирӣ бо мазоҳ лабонашро гиҷ карда механдид.

-- Нафаҳмидам, ако?-- ранҷурдахотир гардан каҷ карда, пурсид Файзулло.

-Чиро намефаҳмидаӣ?!—ҳамоно бо овози дурушт маломат кард Аскар.—Хӯрданро-ку, мефаҳмӣ! О, журналист бошӣ, қаламу коғазат барору навис! Ҳамин қадар ҷон коҳонда нақл кардам, ба девор гуфта истодаам-чӣ?!

Ҳоҷӣ Сафарбек Файзуллоро бештар дар ҳайрат гузошта, ба завқ хандид.

-- Аз афташ, сахтат расид-а, ҷиян? Хафа нашав, ҷӯраи ман ана ҳамин хел марди рӯйросту сахтдаҳан аст. Рост мегӯяд, модоме ки пурсидӣ, қаламу коғазатро гиру навис. Ҳамаи шунидаҳоро дар ёд гирифта намешавадку!

Файзулло худро чунин вонамуд кард, ки аз эроди он ҳар ду он қадар ҳам наранҷидааст. Зеро сабаб дорад -он чиро ки Аскар ба ӯ нақл карду вай нанавишт. Бо тамкин гуфт:

-- Ман нақли бисёр олиҷаноби Шуморо нанавишта бошам ҳам, бодиққат гӯш кардам, акои Аскар. Хафа нашавед, дар бораи ин ҳама гуфтаҳоятон маълумот дорам. Ҳамаашро пешакӣ тағоям ба ман ҳикоят кардаанд. Шумо айнан он чиро гуфтед, фаҳмондед, ки аз тағоям шунида, дар дафтарам қайд кардаам. Раҳмат, ташаккур, акои Аскар… Аммо ба ин ҷо, ба коргоҳи геологҳо

омада, як чиз бештар таваҷҷӯҳи маро ба худ ҷалб кард. Дар назди Шумо ду нафар донишҷӯдухтар таҷриба меомӯхтаанд. Дарвоқеъ, ин иқдоми наҷиб аст! Тайи чанд рӯз дар Эрон будам. Ба қадре ки иттилоъ ёфтам, ҳарчанд он ҷо давлати исломист, вале нафарони зиёде аз ҷумлаи занону духтарон касби заминшиносиро пешаи худ кардаанд. Пас, чаро бонувони мо аз онҳо пайравӣ накунанд? Пас, чаро мо, қаламкашон ҳарчи бештар дар бораи занон-духтарони геолог нанависем, то ба дигарон ибрат шавад?

Аскар дандон кофта, нохушона гардан тоб дод. Бе он ки назаре ба журналист афканад, рӯ ба Сафарбек гардонда, гилаомез, бо оҳанги талху пичинг гуфт:

-- Ин ҷиянатон, ҷӯра, дар бораи духтарон мақола навиштанӣ будаанду беҳуда назди ман овардӣ!

Файзулло бо ҳамон тамкине, ки дошт, илова кард:

-- Бале. Ман аслан бо ҳамин мақсад-бо мақсади ҳамсӯҳбат шудан бо ду нафар таҷрибаомӯз-донишҷӯдухтарон ба ин ҷо омадам ва суолҳои бисёре дорам ба онҳо: Аслан сокини Душанбеянд ин духтарон, ё аз ягон гӯшаи дурдасти ҷумҳурӣ ба пойтахт ба хондан омадаанд? Барои чӣ ягон касби дигар нею маҳз пешаи геологиро интихоб кардаанд? Оё падару модаронашон монеъ нашуданд? Агар аз раҳи дур омада бошанд, дар хобгоҳ иқомат мекунанд ё дар хонаи иҷора? Баъди хатми донишгоҳ чӣ ният доранд? Дар ҳақиқат, сидқан мехоҳанд, ки дар оянда геолог шаванд? Ё соҳиби диплом шуда, кор намекунанд дар ин касби душвору масъулиятнок, мисли аксар занону духтарони имрӯза бозоршин мешаванд ва ё ба шавҳар мебароянду бо ҳамин тамом?..

Ӯ ҳамин тавр суолҳоро пайи ҳам қатор чида сухан меронду Аскар торафт бетоқат мешуд; баҳонаҷӯёна гоҳ бо нӯги чубча дандон мекофту гоҳ гӯшҳояшро мехорид. Ниҳоят ба миёни сӯҳбат лагад зада, овоз баланд кард :

-- Санавбар! Ин ҷо биё!

Файзулло бо гумони он ки Аскар шогирди таҷрибаомӯзашро маҳз барои бо вай мусоҳиб шудан

даъват кардааст, саросема шуд. Даст ба галстуки гарданаш бурда, андомашро ба тартиб андохт. Дафтарашро аз дипломат берун овард; қалам ба даст гирифта тайёр шуда истод. Хаёлан суолҳояшро дар сар пазонда, омодаи сӯҳбат шуд.

Санавбар даст бо лаби доманаш пок карда, наздик омад. Ба Ҳоҷӣ Сафарбек ва рӯзноманигор бо эҳтиром салом доду мунтазири супориш чашм ба Аскар дӯхт:

-- Чӣ биёрам, маълим?

-- Медонӣ-чӣ, шогирд? Ба худо сарам вайрон шуда истодааст! Баъд, худат дида истодай-ку, меҳмон дорем! Бе ҳамон сабилмонда сӯҳбатамон ранг намегирифтагӣ барин…Бирав, бубин, Кундук дар кучо ҷогаҳ кардааст, якта биёр!

-Хуб шудааст, маълим,- рамузгирона лаб ба дандон газид Санавбар ва даст пеши бар гирифта, сӯи марғзори сабзу хуррам раҳсипор шуд, ки дар шафати дарахтони сафедор назаррабой мекард.

Баъди рафтани Санавбар Сафарбек боэҳтиёт пурсид:

-- Кундукаш кӣ, Аскарҷон?

-- Султонзода! Боз кӣ мебуд!-беибо посух дод Аскар.

-- Барои чӣ вайро чунин ном мебарӣ, Аскарҷон?

-- Хеҳ! Аввал ту ба ман бигӯ-ку, Ҳоҷӣ, «кундук» чӣ маънӣ дорад?

Сафарбек китф дарҳам кашид.

-- Ба ростӣ, намедонам…

-- Хеҳ! Дар қишлоқ калон шудию чӣ будани кундукро намедонӣ? Ба ана он ҷорӯб нигар!—ба ҷорӯби кӯҳнаи фарсудаю аз ҳам рехта ишора кард Аскар, ки рӯи ҳавлӣ мехобид.-- Дар кӯҳистони шумо чӣ мегӯянд онро?

-- Кунд… кундак!-беихтиёр ба хотир овард Сафарбек ва аз ҷавоби ёфтааш завқ карда хандид.—Э рост! Ҷорӯби кундак! Аз калимаи «кунд» гирифта шудааст. Аҷаб маъниҳое меёбанд мардуми мо! Сабил монад, ин маънӣ доимо вирди забонамон асту, дарҳол ба ёдам нарасид. Э, ман ба ту қоил, Аскарҷон! Ин гапро аз куҷо

ёфта, ба вай муаллими бечора часпондӣ? Дар ҳақиқат Султонзода ба ҷорӯби кундак шабоҳат дорад. Қадаш пастак, калтача, газгӯшт, суфтаю рехта. Аммо ботинаш чӣ хел, ба Худо, хабар надорам.

-Ботинаш мегӯӣ?! –бо ҷаҳл пурсид Аскар.—Ҳмм.. Боз ба як саволи ман ҷавоб бидеҳ, Ҳоҷӣ! Ҷорӯби кундак ба чӣ кор меояд? Медонӣ! Ҳо бале! Барои хоҷатхона! Барои рӯфтани ахлотҳо! Ана ҳамин хел! Ботини Султонзода ҳам чунон аст, ки ӯро барвақт ба хизмати хоҷатхонаҳо партофтан лозим!

-- Ба ҳар ҳол, ҷорӯби кундак ҳам дар вақташ барои рӯбучини хона, дару ҳавлӣ хизмат кардааст, Аскарҷон,—бо оҳанги эътироз гуфт Сафарбек.

-- Ҳо, бале,-тасдиқ кард Аскар.-Ман ҳам хизматҳои Султонзода баринҳоро дар ҷамъият инкор намекунам! Имрӯз ҳам одами даркориянд онҳо, агарчи кайҳо кундак шудаанд. Ҷое, ки некон кору зиндагӣ мекунанд, бадон ҳам бояд бошанд ва ҳастанд, вагарна ҳаёт ранг намегирад. Шумо худатон-ку аз ман нағзтар медонед, Хоҷӣ. Худои мутаол ҳастиро чунин офаридааст. Ин ҷаҳони фонӣ дар пояи неку бад қарор дорад.

Сафарбек хуб андеша ронда, нобоварона сар ҷунбонд.

-- Аҷиб... Кундак, Кундук... Ҳеҳ!

Аскар мулоимхунукона тасдиқ кард:

-- Бале. Ба қавли бародарони рус, «Дундук» ҳам гӯӣ, мешавад...

Ҳар ду, Файзулло ҳам ба завқ омада, ончунон баланд хандиданд, ки дар кӯҳу дара ғулғула андохт. Дар ин асно, Ҳоҷӣ Сафарбек чун дид, ки Санавбар дар даст шишаи шароб меояд, дар ҷойи нишасташ беқаророна ҷунбид, домани ҷелакашро болои зонувон таҳ карда, ҳаракати аз ҷой бархостан кард ва ҳамон лаҳза даст ба омин бардошт:

-- Оллоҳу Акбар!- Маънидорона пинҳонӣ аз Аскар ба ҷиянаш чашмакӣ зад.—Шумо бемалол шинед. Ман рафта меваю чева биёрам.

-Не, ҷӯрагӣ ин хел нашудааст, Хоҷӣ!-аз доманаш кашида бархостан намонд Аскар.-Медонам, ки наменӯшӣ, аммо нагурез, феъли Аскарро хуб медонӣ-ку, ҳаргиз касеро, ки аз ин заҳр парҳез дорад, маҷбур намекунад! Натарс, дар сӯҳбати мо барин арақхӯрон нишаста гунаҳкор ҳам намешавӣ. Гӯри ҳар кас ҷудост…

-Барои чӣ нишинам, Аскарҷон. Охир ман сӯҳбати хуш надошта бошам…

-Хоксорӣ накун, Ҳоҷӣ!-батар тунд шуд Аскар.-Сӯҳбати ту, суханони ту малҳами ҷонанд, мағзи сарро тоза мекунанд, ба дили абгори ман шифо мебахшанд! Диле, ки аз дарду ғами ин замона абгор, пора-пора, лахт-лахт шудааст, мефаҳми?! Эҳ, ин каллаи сабилмондаро худо аз куҷо ёфта оварда дар гардани ман часпонд?! Ана ҳамин каллаи вайрон диламро маҷақ кардааст, онро доиман дар қафаси синаам ончунон зер мекунад, ончунон фишор медиҳад, ки ба хаёлам рагу пайвандам кафида, дарун-дарунам ғарқи хун мешавад!

-Айб дар мағзи сар нест, айб дар дили нозуки ту, дар дили беайбу покизаи туст, Аскарҷон. Ҳар хабаре, ҳар дарде, ки бошад, аввал дил ба мағзи сар бурда мерасонад. Он гоҳ ҳуҷайраҳои мағзи сар ба ҷунбиш меоянд. Он гоҳ дард пайдо мешавад. Агар хабари дил, талаби дил, дарди дил аз ҳад зиёд бошад, он гоҳ сар монда мешавад, сахттар ба дард меояд, рагҳои хунгарди он бештар таранг мешаванд, хун бештар гардиш мехӯрад, он гоҳ рагҳои сару дил баногоҳ кафиданаш мумкин! Барои ҳамин, доиман эҳтиёт кардан даркор, ҷӯра… Дилу сари бечораро бо ҳар гуна фикру хаёлоту хоҳишу талаби зиндагӣ азоб додан лозим нест…

-Бале, талаби дили ман, дарди дили ман зиёд аст, хеле зиёд! Дили ман мехоҳад, дар ин дунёи дурӯза барои ҳамешагӣ инсоф, адолат баробарию дӯстию бародарӣ барқарор, ҳукмрон бошад! Аммо ку ҳамон инсофу адолат?! Ку бародарӣ, ку баробарӣ?! Эҳ, Худо чунин дили нозукро аз куҷо оварда, дар қафаси синаи ман часпонд?! Рост мегӯӣ, Ҳоҷӣ! Агар ҳамин дили нозук, ҳамин

дили зормонда намебуд, шояд сарам осуда буд, ин қадар дард намекард, ин қадар доимо ғуввос намезад!

-Аслан, Худои мутаол дилро не, мағзи сарро аввал офаридааст, Аскарҷон. Ту-ку, инро аз ман нағзтар медонӣ..

-Ба ростӣ? Не, ман инро намедонистам. Ана дидӣ! Боз мегӯӣ, ки «гапи хуш» надорам! Хайр, бигӯ, фаҳмон, ба худо суханони ту саропо фалсафаанд, Ҳоҷӣ! Яъне, ибтидо мағзи сар, баъд Дил, ҳамин тавр?

-Бале, -боэътимод посух дод Сафарбек.-Аввал дар бораи Дил гап занем, ки нозуктарин, аз ҳама ҳассостарин, пуркортарин узви инсон аст. Ҳанӯз 8 моҳу даҳ рӯз пештар аз он, ки инсон аз модар таваллуд шавад, дили ӯ ба тапидан сар кард ва аз ҳамон лаҳзаю соат якзайл, як умр, то мурдани одам метападу метападу метапад... Аз тапидан барвақт ё дертар мондани Дил аввал ба хости Худо, баъдан ба худи инсон вобаста аст, ки онро то кадом андоза эҳтиёт мекунад, то кадом андоза намегузорад, роҳ намедиҳад, ки микробҳои манфури ғамҳои беҳудаи ин Дунё ба он ҳуҷум оваранд, то ки ин як пора лаҳми нозукро хӯрда адо накунанд...

-- Оё аз ин суханон, ки саропо мағзи маънианд, саропо ҳикматанд, илманд, гапи хуштаре ҳаст?-бо ҳаяҷон каф ба ҳам молида нидо кард Аскар ва илова намуд. -Ту гуфтӣ, ки ҳанӯз 8 моҳу даҳрӯз пештар аз он, ки инсон аз модар таваллуд шавад, дили ӯ ба тапидан сар кард?

-Бале,-бо қатъият тасдиқ кард ҳамсӯҳбати ӯ.

-Чӣ хел?-бовар накард Аскар.-Охир, одам камаш баъди нӯҳ моҳи дар батни модар пайдо шуданаш ба дунё меояд. Ҳамин тавр не? Пас, аз ин нӯҳ моҳ 8 моҳу даҳ рӯзашро тарҳ кунем, чанд мемонад? Ҳамагӣ 20 рӯз. Ҳамин тавр не? Пас, чӣ гуна мешавад, ки дар даруни як қатра обе, ки ҳанӯз шакли одамро нагирифтааст, ба гуфти ту, дили ӯ ба тапидан сар кардааст?

-Рост гуфтӣ, Аскарҷон. Дар он ҳангом ҳамон як қатра оби гуфтаат шакли одамро нагирифтааст. Дар

шонздаҳрӯзагӣ дар он як қатраи қариб ноаён Худои мутаол қолаби мағзи сарро кашид, дар ҳаждаҳбистрӯзагӣ бошад, як заррачаи қариб ноаёне, як лахтаки хун ба тапидан сар мекунад. Дар рӯзи бистучорум дасту по , дар рӯзи сиюшашум чашмону гӯшҳо шакл мегиранд. Баъди шаш ҳафта қолаби инсон бо ин ҳама узвҳо чени нахӯд, дар ҳаштмоҳагӣ ба андозаи лӯбиёст. Ана ҳамин як лахтаки хуну об дар шастрӯзагӣ ба ҳаракат медарояд. Дар дуюниммоҳагӣ тухм барин мешавад. Дар сеюниммоҳагӣ қариб сӣ грамм вазн дошта, қисми зиёди узвҳо фаъол мешавад. Дар рӯзи 120-ум , яъне баъди чор моҳи ҳомиладорӣ модар ҷунбиши ҷигарбанди худро дар батни худ эҳсос мекунад. Акнун ҳамон лахтаки обу хун ба одам монанд мешавад. Пӯсташ қолаб гирифтааст, мӯи сараш сабзидааст. Дар ҳаштмоҳагӣ ӯро дар маҷмӯъ метавон инсон номид. Дар нӯҳ моҳ, ё зиёдтар аз он чашм ба олами ҳастӣ мекушояд. Ана ҳамин тавр. Инро ман аз худ набофтаам, Аскарҷон, инро илми тиб дар бораи анатомияи одам, яъне илми «чок кардани ҷисми инсон», илми назар кардан ба даруни ману ту исбот кардааст.

-Илми чок кардани инсон гуфтӣ? Агар ҷарроҳон, маро чок карда, дарунамро кофта берун бароранду нигаҳ кунанд, оё дили маро меёбанд? Ё дар миёни хуну халаф гум шудааст, об шудааст, ин як лахти гӯшт?

-Иншоолоҳ, дили бақуввате дорӣ, Аскарҷон. Андозаи дили ту он қадар ҳам калон не, чени як каф мушти ту аст. Тақрибан 350-400 грамм вазн дорад. Лекин дар як дақиқа, агар хоб бошӣ, қариб чор литр, агар роҳ гардию бидавӣ, зиёда аз 10-12 литр хунро ҷаббидаю сар медиҳад. Дар давоми сол бошад, хуни ҷабидаи дили ту 300 тоннаро ташкил медиҳад! Ана бубин, дили ту чӣ хел бақувват аст! Дар ин сину соли ту, Аскарҷон, яъне то ба имрӯз, ҳамин як пора дили нозуку бекинаи ту 250-300 миллион литр хунро ҷаббидаву дар рагу рагчаҳои баданат гардиш додааст…

-Ана гапу ана хабар!-бештар ба завқ меомад Аскар.-

Ана одами боақл, доно чӣ хел мешавад! Як одаме, ки ҳам аз илми ин дунёву ҳам аз илми он дунё хеле хуб огаҳӣ дорад! Э қоил ман-е, дӯстам Ҳоҷӣ! Гуфтам-ку, дар сӯҳбати ту баринҳо кас дилгир намешавад, ба нақлҳои ту гӯш дода, ҳам дил таскин меёбаду ҳам сар!..

Санавбар як шиша шароби гандумӣ оварда наздашон гузошт.

Сафарбек гардан кaҷ карда, яке ба шишаи шароб ва яке ба Аскар нигаристу беҷуръатона ба забон овард:

-Аскарҷон? Чаро ин қадар дили бечораатро азоб медиҳӣ? Чаро ин қадар дар фикри ин дунёи бевафои гузарон ҷонатро дар азоб мемонӣ? Охир, гуфтаанд, ки ба шаҳри Якчашма даромадӣ, бояд як чашмата кӯр кунӣ…

Боз димоғи Аскар сӯхт. Вай қавоқ андохта, даҳони шишаро кушод,. дар ду қадаҳ шароб рехта истода, ба Файзулло нигарист. Аз нигоҳҳои бесабронаи Файзулло пай бурд, ки ӯ розист, «майлаш, бирезад,-мегӯяд он чашмон, ҳамулфат мешавам».

-Ман ҳеҷ гоҳ аз пайи кӯрон намеравам, Ҳоҷӣ!»-ҳамқадаҳашро интизор карда, асабиёна гуфт Аскар. Ҳеҷ гоҳ дар ин замонаи оҷиз, дар ин «шаҳри Якчашма» худро кӯр намекунам, мемураму бо чашмони боз, чашмонамро калон кушода, ба ҳама гапи диламро рӯйрост гуфта, мемирам! Хайр, ту рафтанӣ будӣ-а?! -Дандонҳои ӯ беихтиёр ғиҷиррос заданд.-Хуб, ихтиёрат. Бирав, аз роҳ намонӣ! Бирав, намозата бихон! Ба Худои мутаол саҷдаву надомат бикун! Мо шароб менӯшем!..

Сафарбек хапу хомӯш, бо сари хам аз ҷой бархост. Баъди рафтану аз назар ғойиб шудани ӯ қадаҳҳо ба ҳам ҷанг хӯрданд. Лаҳзае чанд ҳамин- ҷарангос садо баровардани қадаҳҳо «сӯҳбати» ду нафар ҳамулфат шуд. Майи сурохӣ дар як дам то нисф пойин фуромад. Рухсораҳои ҳар ду лолабарг шуданд. Ҳар ду, гӯё суханро кахт зада бошад, бо бинӣ фассас нафас кашида, ҳарфе ба забон намеоварданд.

-- Ҳа маълум,-ниҳоят, дар ҳоле, ки дандонҳояшро шаpaққос мезанонд, бо оҳанги ситеза овоз баланд кард

Аскар.- Аслан мақсади ба ин ҷо омаданатро фаҳмидам, ҷӯра. Ба фикрам, Ҳоҷии ошнои ман бисёр гапҳоро ба ту гуфтааст. Яъне, ту хабар, мақола нею очерк, ё китоб навиштанӣ ҳастӣ дар бораи духтарони мо, бо бофтаҳои тақдиру қисмати онҳо, ишқу ошиқӣ ва ғайраву ва ҳоказо. Ҳамин тавр не?!

-- Маро дуруст фаҳмидед, акои Аскар,-мисле , ки гуноҳе аз ӯ содир шуда бошад, нигоҳҳояшро ба замин дӯхт Файзулло.—Чунин як мақсаде дар пеш гузоштаам, аммо фақат бо кӯмаку дастгирии Шумо.

Аскар бо тамасхур баланд хандид:

-- Ҳеҳ! О, ман нависанда ё журналист набошам, чӣ гуна ба ту кӯмак карда метавонистаам?!

-- Охир, онҳо шогирдони Шумоянд. Дар назди Шумо таҷриба меомӯзанд. Дар бораашон бисёр чизҳоро медонед… Хоҳиш мекунам, он чи ки дар бораи кору рафтор, одобу ахлоқ, мақсаду мароми шогирдонатон, муносибати ин ҳар ду душиза бо ҷавонписарон дидаеду мушоҳида кардед, бигӯед, ман дар дафтарчаам сабт намоям.

Аскар бетоқатона сар афшонда, бори дигар дидаҳои ҳайратборашро ба вай андӯхт.

-- Исто, ки ҷӯра, худат дар куҷо кор мекунӣ?!

-- Аслан гирем, дар ҳеҷ куҷо. Ихтисосам тарроҳи компютер. Дар якчанд рӯзнома тариқи шартнома саҳифабандӣ мекунам.

-- Чанд мақола, ё очерку ҳикояҳоят дар ин рӯзномаҳо чоп шудаанд?

-- Зиёд не. Ҳамагӣ ду-се хабар навиштаам.

Аскар бовар накард.

-- Хайр, мисли тағоят хоксорӣ накун!—бо маломат гуфт ӯ.—Узви Иттифоқи нависандагонӣ, албат? Чанд китоб дорӣ? Шояд шоир, ё нависандаи машҳур ҳастию узр, мани аз адабиёт бехабар туро нашинохтам.

Файзулло хандид.

-- Ҳе, мазоҳ мекунед-чӣ, акои Аскар? Майлаш, тамасхур кунед. Лекин ман як одат дорам, агар нияте дар пеш

гузоштам, то ба мақсадам нарасам, дилам ором намегирад. Гуфтам-ку, китоб менависам, дар бораи шогирдонатон, дар бораи ҳаёти геологҳо, дар хусуси он ки Шумо ва ин таҷрибаомӯзон рӯз то бегоҳ дар ин адири бесоҳиб, дар миёни хазандаю газандаҳо овораю сарсон гашта, дар дил чӣ мақсадҳо доред, чӣ нафъе ба халқу кишвар мерасонед. Зеро ин аҷиб аст. Меарзад, ки чизаке ба қалам диҳам. Аммо фақат бо ёрии Шумо, акои Аскар. Ва Шумо ҳам хоксорӣ накунед, аз аввали сӯҳбататон пай бурдам, ба касе монанд нестед, ки аз адабиёт бехабар бошад. Зеро Шумо барин касоне, ки дар бораи тақдири одамон, неку бади ҷомеа ва зиндагӣ бисёрҳо фикр мекунанд, албатта шоир, ё нависандаанд ва ё аз аҳли ирфонанд.

-- Кӣ гуфт, ки ман дар бораи одамону ҷамъият бисёр фикр мекунам? Ин гапҳоро ба ту кӣ фаҳмонд? Тағоят?

-- Бале. Тағоям гуфтанд, ки Шумо шеъри бисёре медонед ва шеър ҳам менависед. Илтимос, акои Аскар, ягон шеър аз навиштаҳоятон хонед.

Аскарро, аз афташ ин суханон хуш омад, ки баҳонаҷӯёна пушти сар хорид. Даме сукут варзид ва якбора сар боло карда ин мисраҳоро бо оҳанги шоирона ба забон овард:

-- *Ҳм… Олам дигар шудаст,*
*Одам дигар шудаст.*
*Маҳшар шудаст,*
*Мурдаҳо кай зинда мешаванд?*

Файзулло ба завқ омад.

-- Воҳ! Аҷоиб-ку! Маъниҳои фалсафӣ! Фалсафаи зиндагӣ, фалсафаи дунё! Резед, барои ҳамин гап! Барои зинда шудани мурдаҳо!

Ва чун дид, ки шишаи шароб аллакай холӣ шудааст, аз хиҷолат худро каме қафо кашид. Аскар аз рафтору кирдори ин ҷавони барояш хеле аҷиб, ки лаҳзае пештар писандаш наафтода буд, ба завқ омада, ончунон баланд хандид, ки Файзулло аз ҷой як қад парид.

-- Э қоил кардӣ-ку, ҷӯра! Мисли «акоят» будаӣ! Ман чунин касонро эҳтиром мекунам. Агарчанде аз меъёр зиёд нӯшидан кори оқилон нест. Ва ба касе ҳам маслиҳат намедиҳам, ки дар шаробнӯшӣ мусобиқа кунад, аз ҳад гузаронад!

Ӯ дарҳол ба Санавбар, ки дуртар машғули пухту паз шуда, аз хилват ба сӯҳбати ҳар ду гӯш мениҳод, амр дод.

—Ҳой шогирд! Аз ҳамон оби чашма як сатил пур карда биёр, ки нав ҳамқадаҳамро ёфтам!

Бо омадани шишаи дуюм Ҳоҷӣ Сафарбек ҳам ҳозир шуд. Вай дар як дастурхони калон нону табақи оши палав печонида ва дар як сатил зардолую себу нок оварда буд. Аскар теғ кашида, бо қираи чашм ба ӯ назаре афканду дам назада, қасдан қадаҳи холишударо ба сараш бардошт. Санавбар ҳам аз пухта, тайёр шудани қайла хабар дод. Дар як дам дастурхони онҳо аз анвои хӯрданӣ зебу зиннат ёфт.

-- Дар кадом хусус сӯҳбат мекардед?-сари дузону нишаста, оштихоҳона пурсид Ҳоҷӣ Сафарбек.-Ҳай ба завқ хандидӣ-а, Аскарҷон!Ончунон овозатро баланд сар додӣ, ки шояд то худи Варзоб ҳама шуниданд.

-- Э, ин ҷиянатон одами аҷиб будааст-ку!-лабони ба ханда шукуфтаашро гирду ғун карда гуфт Аскар ва азбаски ҳоло вақташ каме чоқ буд, мамнунона илова кард:-- Ба ростӣ, Файзуллоҷон ба ман маъқул шуд!

-- Ман ҳайронам, ки ҷияни ман ҳам ҳунари хандондан доштааст,-қаноатмандона изҳор дошт Ҳоҷӣ Сафарбек.—То имрӯз гумон мекардам, вай ҷавони хеле ҷиддӣ аст, ба умеде ки аз чунин касон мансабдор-роҳбари калон мебарояд.

-- Аммо дар ин масъала хато мекунӣ, Ҳоҷӣ! -- бо ҷиддияти том гуфт Аскар.-Ҷияни ту нависанда шуданӣ!

-- Наход?

-- Ҳо, бале! Повест, роман, ё ким-чизи дигар, хулоса китоб навиштанӣ. Мисли нависандаҳои имрӯз, ки ба Худо, аз мӯру малах ҳам зиёд шудаанд! Яке дар бораи

раҳматӣ падараш, дигаре дар бораи модару бобою бибӣ, дигаре дар васфи худаш менависад, кам не, ҷилд-ҷилд китобҳо чоп мекунанду ба худ тахаллус ҳам монда, мехоҳанд ба адабиёти имрӯза ворид шаванд. Аммо барои кӣ, барои чӣ менависанд, «китоб»-ҳояшонро касе мехонад, ё не, барояшон фарқ надорад. Пул, сармоя, ки доранд, пойдарҳаво, бесару нӯг, берабту низом қалам медавонанду саҳифаҳо сиёҳ мекунанд. Ба як маънӣ, имрӯз ҳама нависанда шудаасту хонанда ангуштшумор! Эҳ, бар падараш наълат! Адабиётро ҳам ҳаром кардаанд ин пулдорон! Бо ин ҳама китобҳои фаҳше, ки имрӯз бе пушт-пушт чоп мешаванд, ба куҷо мерасем? Баъди даҳ-бист сол чӣ ҷавоб мегӯем ба наслҳои босаводу китобхоне, ки баъди сари мо меоянд? А? Гап зан-ку, Ҳоҷӣ?

Ҳоҷӣ Сафарбек нобоварона ба Файзулло нигарист. Нигоҳҳояш ғазаболуд буданд. Маълум ки ӯро сарзаниш карданист: барои аз ҳад беш арақ нӯшиданаш, барои худситоӣ, дар назди Аскар «ман нависанда!» гуфта «ҳавои даҳан» карданаш.

-- Э, ин ҷияни ман беҳуда мелақад!-тунд ба забон овард Ҳоҷӣ Сафарбек.-Ҳмм! Китобнависӣ осон шуд? Баъд, рафту китоб ҳам нависад, бо кадом маблағ чоп мекунад, охир як пули пуччак надошта набошад?

-- Тағо! Маро беҳуда маломат накунед!—аз ғояти сархушӣ дағалӣ кард Файзулло.—Ҳар чӣ ҳам гӯед, дар назди худ мақсад гузоштаам: Менависам, китоб чоп мекунам-аз нақлҳои Шумо, аз мушоҳидаҳо, дидаю шунидаам дар ин хаймаҳо, дар кӯҳдоман, аз ҳаёти геологҳо!...

-- Хайр, аввал навис, ба ману тағоят нишон деҳ, хонем, он гаҳ баҳо медиҳем, ки дар навиштан чӣ ҳунару чи қобилияте доштаӣ!-лабонашро ба ханда каҷ карда, бо киноя ба забон овард Аскар.-Ҳоло, пеш аз пода чанг андохта, беҳуда аз худ нависанда натарош, ҷӯра, ки ба Худо сарам вайрон шуда истодааст!

Бо ҳамин гӯё ба сӯҳбати гарми онҳо оби хунук рехту ба қавле дар як лаҳза даму нафаси ҷияну тағо ях баст.

Рӯи Аскар аз таъсири шароб ва қаҳру ғазаб то баногӯш тафсида буд. Вай якзайл бо чӯбчае дандон мекофту ба як тараф туф мекард ва чашмони суп-сурху нигоҳҳои ҷангараашро аз ҳамсӯҳбатон намеканд.

-- Э, бар падараш наълат!,-аз рӯи одат худ ба худ дашном дода, чашмони он ҳар дуро бештар тарсонид ӯ; саросема ва бошитоб фақат ба қадаҳи худ шароб рехта пур карду ба якборагӣ фурӯ бурд.

-- Ҳоҷӣ! Маро то Харангон намебарӣ?!

Ҳоҷӣ Сафарбек, ки аз ин ҳолати ногувор худ ва ҷиянашро раҳониданӣ шуда, баҳона мекофт, нафаси сабук кашид.

-- Мебарам. Чаро набарам, Аскарҷон?-хушомадгӯёна гуфт ӯ.—Мо ҳам худ ба Душанбе раҳсипор будем. Ҷиянро бурда расондан лозим. Ҳамин тавр не, Файзуллоҷон?

Файзулло қатъан рад кард

—Не, ман намеравам!—густохона гуфт ӯ— Шумо бемалол, рафтан гиред…Ман як дами дигар дар ин ҷо, дар хайма истода, бо апаам-Санавбар сӯҳбат карда, баъзе чизҳоро навишта мегирам. Баъд, ана ин таоми овардаи тағоям нохӯрда монд. Аз афташ, онро ҳамроҳи апаи Санавбар нӯши ҷон мекунем!

Аскар аз ин бебокии ӯ бештар барошуфт, дандон гиз кард.

-- Ҳа, мо меравем!- гуфт ӯ. -Меравему… Лекин! –дар ҷойи нишаст каллаи гарангашро ларзонда, ба таҳи манаҳи Файзулло наздик овард. Чашмонашро танг карда, бо таҳдид ба қаду басти ӯ зеҳн монд. -Лекин, бисёр мехоҳам дар таҳи манаҳи як нафар як мушт фурорам!

Бо шунидани ин сухан Файзулло саропо ларзиду ба ҷанг бархост.

-- Киро заданиед, Шумо?!

Аскар низ калавида ба қади Файзулло рӯи по шуд. Аз дидани ин аҳвол Ҳоҷӣ Сафарбек сахт тарсида, ҳар лаҳза омода буд, дар ҳолати сар задани ҳодисае онҳоро аз ҳам ҷудо кунад.

-- Ҳиъ!—ҳуккосзанон мастона аз гардани Файзулло оғӯш кард Аскар.—Натарс, додар! Туро намезанам!— Ва даст аз гардани ӯ раҳо карда, дар гардани Ҳоҷӣ Сафарбек ҳалқа намуд.—Ҳиъ! Ман мехоҳам як мушти обдор ба таҳи манаҳи баъзе Ҳоҷиҳо фурорам!

Ҳоҷӣ Сафарбек «Ё астағфрилло!» гӯён худро қафо кашид ва ҳарчанд зӯр мезад, наметавонист аз ӯ раҳоӣ ёфтан. Файзулло муштонашро гиреҳ карда, наздик омад, то ки барои халосии тағояш бо Аскар дастобагиребон шавад. Чун идомаи суханони Аскарро шуниданд, дили ҷияну тағо каме таскин ёфт.

-- Наход ба ман бовар надошта бошӣ-а? -- Сафарбекро сахттар дар оғӯш кашида илова кард Аскар.— Ман хоки пойи ту мешавам, Ҳоҷӣ! Дастам шиканад, агар сояи муштамро ба сари ту бардорам! Ҳеъ! Ту аз он ҳоҷиҳо нестӣ, ки ба онҳо нафрат дорам! Ҳоҷии ҳамшаҳрамро мегӯям! Ба ӯ қасд дорам!...Рафтем! Дар Харангон ӯро дошта, дандонҳояшро зада нашиканам, намемонам!...

Ҳоҷӣ Сафарбек ҳаминро мехост. Ҳарчи зудтар ба роҳ баромадан. Дигар илоҷ набуд. Ё дар ин ҷо истода, рӯзи дароз гапҳои пасту баланду арзу шикояти мастонаи Аскарро шунидан, ё ӯро, ҳарчи бодо бод, ба назди Ҳоҷӣ Камол бурдан, бо вай рӯ ба рӯ кардан. Яъне, гуноҳ ҳам шавад, ба оташи қаҳру ғазаби ин дӯсту рафиқаш, ки Худо аз куҷое овардааст, равған рехтан, ҳар ду ҳамдеҳаро бо ҳам ҷанг андохтан. Не, Сафарбек ҳаргиз ба чунин гуноҳ роҳ намедиҳад! Муҳимаш он ки ҳоло дер нашудааст, ба мошин савор шаванд. Дар роҳ илоҷи корро меёбад…

Дар ин лаҳзаҳо гӯё мухбир, «нависанда»-Файзулло аз хотири ҳар ду фаромӯш шуда буд. Файзулло низ гӯё парвое надошт, ки ӯро ҷӯраҳо партофта мераванд, куҷо раҳсипоранд, кадом Ҳоҷиеро дошта, Аскар ба таҳи манаҳаш муште мефурорад, ҷанг мекунанд, гиребони ҳам медаранд, ҳар чӣ коре, ки мекунанд, бало ба пасашон, зеро Аскар аз ҳад беш маст аст, одами мастро ҳар кор аз дасташ меояд!

Файзулло ҳатто қадаме пеш наниҳод, то ба тағояш ёрӣ расондаву Аскарро бурда дар мошин савор кунанд. Барои ӯ аз ҳама муҳимтар аз ҳама ҳамон фикри дар сараш афтода буд: Бо Санавбару дигарон ҳамсӯҳбат мешавад, асар менависад… Бо ҳамин андешаҳо андаке калавидава тоб хӯрду боз гирди дастурхон нишаст. Қадаҳе аз шароб рехта нӯшид. Як луқма аз газак, луқмае аз оши палав ба даҳон андохт. Яктогӣ аз зардолую себу нок газиду хоийиду фурӯ бурд.

Санавбар омад.

* * *

Мошини рангаш оҳарии тамғаи «Нива чун аспи ҷавмаст якбора хез заду ҷаҳид. Роҳи сангфарши ноҳамвори дараро луказанон пас монда, дере нагузашта, назди купрӯки саргаҳи Харангон расид. Аз он гузашт. Дар баромадгоҳи деҳа роҳи хилвату камодами талу пуштаҳо сар мешуд, ки дар гармсели офтоби тамуз мавҷ мезад. Дар шафати роҳ ягона касе, ки менамуд, Гавҳар буд, ки бо сару рӯи арақшор, бо аҳволи зоре хишт мерехт, хишт мекашонд. Вай бо дидани мошини барояш шинос нафасе аз кор бозистода, қоматашро рост карду нигоҳи бефарқе ба сӯи Сафарбек афканд. Сафарбек, ки пой аз гази мошин сар намедод, аз нигоҳи ӯ ҳаросон шуд. Саросема суръати мошинро баландтар кард. Барои ӯ ҳар лаҳза, ҳар нафас ғанимат буд, то ҳарчи зудтар, ҳоло ки Аскар масти беёд, дар курсии қафои мошин каҷпаҳлӯ зада, ғанабаш бурдааст, аз деҳа дуртар раванд. Мошин бошитоб аз чуқурчаи сари роҳ гузашта, хез зад, парид, сахт ларзид. Аскар якбора аз хоб бедор шуд, чашмонашро молида, ба атроф зеҳн монд, сипас ба қафо, ба роҳи тайкардаашон нигарист. Гавҳарро дид, ки дар миёни хиштпораҳо ҷунбуҷул дошт.

-- Ҳой ист! Маро куҷо мебарӣ?!-якбора овоз баланд кард ӯ.

Мошин таққӣ карда истод. Ҳоҷӣ Сафарбек нигоҳи гиламанду маслиҳатомезашро ба Аскар андӯхт.

-- Аскарҷон, биё маслиҳат бикунем… Аздусар ӯро дар ин деҳа намеёбӣ. Камол ҳамдеҳаи ту бошад ҳам, вайро ман аз ту нағзтар медонам. Мисли ман дар як ҷо қарор намегирад. Шояд ҳоло ба шаҳр рафтааст…

-- Бало ба пасаш, ба куҷо, ба кадом гӯру лаҳад рафта бошад!—эътироз кард Аскар.-Апайи Гавҳар дар ҳамин ҷо-ку! Ман ба вай кор дорам.

Инро гуфту пой аз мошин берун ниҳод.

-- Бо Гавҳар гапи ту намепазад, Аскарҷон. Худат медонӣ-ку, одаме, ки аз кори вазнин шалпару лакот шудааст, бо кас хуши гап задан надорад, балки шояд дар ин лаҳзаҳо аз ту дида бадҷаҳлтар бошад Гавҳар.

-- Ман аз ин занаки бечора хафа нестам! –ҳамоно тунд посух дод Аскар.-Ҳама қаҳру ғазаби ман ба сари ана он пирхари ҳамдеҳаам аст! Медонӣ?! Фақат, ба апайи Гавҳар як даҳан гап мегӯям, ки беҳуда аз ман наранҷад. Ҳамааш ба касофатии Камоли гӯрсӯхта. Агар хатое аз ман гузашта бошад, аз апайи Гавҳар узр мепурсам. Тамом…

Ҳоҷӣ Сафарбек бо илтиҷо гардан каҷ кард:

-- Гапи маро мегирӣ, Аскарҷон? Дӯст шуда-а?

Аскар аз ин суханон дар як дам тағйир ёфт. Нарму мулоим шуд.

-- Чӣ, мегӯӣ, бо вай гап задан фоида надорад? Яъне, ба зан гап гузаронидан мушкил аст, мегӯӣ? Фаҳмо… Ақидаи шумо, ҳоҷиён, дар бораи Занон-Модарони бечора ҳама як аст! Ба онҳо бовар надоред! Ё ғалат гуфтам? А?! Ҳеъ, Ҳоҷӣ-е! Хайр, ҳай бикун!

Лабони Сафарбек ғарқи табассум шуд. Вай акнун мошинро оҳиста-бешитоб меронд; ин саманди сапеди хушнамудашро, ки барояш дар рӯзғор хизматҳои зиёде кардааст, озор намедод. Аз рӯзе, ки бо миёнаравии яке аз роҳбарони баландмақоми ҷумҳурӣ- эътиқодманди дини мубини ислом соҳиби даҳ гектар замини талу пуштаҳо шуд, ҳамин мошинро харид. Дар таку дави ҳуҷҷатгузорӣ барои замин, дар роҳи Дара-Варзоб, Варзобу Душанбе, деҳаи Дара-Душанбе ҳамин мошин хиз-

матгори бeминнаташ шуд. Баъд, Сафарбек шабу рӯз заҳмат кашида, талу теппаҳоро тахту ҳамвор, боғу роғ кард. Дар суроғи трактору тракторчӣ, кашондани ниҳолу дорую пору низ ҳамин «Нива», ки дар бадоштӣ аз ҳама имтиҳони роҳҳои шебу фарозу чуқурию пастиҳои кӯҳистон гузаштааст, кор омад. Аслан, бист сол гузаштааст аз умри ин мошин. Дар бозор, аз дасти мисли худаш як марди деҳқон харидорияш кард. Як қадар маблағи дигар ба харҷ дода, соз кард, табъи дил аз таъмир баровард. Ҳоло, аз байн 6 сол гузашта бошад ҳам, аз «ҷонвар» шикояте надорад, ҳар қадар дар роҳҳои дуру наздик, дар ҳамворию чуқурию пастиҳо ҳай мекунад, ғам намедиҳад. На фақат хизмати ӯ ва аҳли хонаводаашро мекунад, балки ҳамсояву хешу табор, мисли Аскар ёру дӯстонаш, ҳар вақте корашон афтад, Сафарбек одати «не» гуфтан надорад, нисфишабӣ бошад, субҳидам бошад, дар гармои тафсон, сармои зимистон, бeминнату гилагузорӣ даст пеши бар гирифта, бо саманди худ ба хизмат тайёр аст.

...Сафарбек чашм аз роҳ барканда, назаре ба пушт афканд. Аскар ҳамоно качпаҳлӯ зада, сараш кашол шуда буд; даҳанаш боз, чашмонаш маҳкам, бо бинӣ ҳуштак мекашид.

-- Акнун бо вай чӣ бояд кард?-аз дил мегузаронд Сафарбек.-Куҷо барамаш? Дар куҷо фурорамаш? Хайрият, аз ҷанҷоли ӯ бо ҳамқишлоқаш халос хӯрдам. Мабодо ӯро кофта ёфта, сари қаҳру ғазаб аз гиребонаш мегирифт, аҷаб дилсиёҳие мешуд! Ин овоза то кимкуҷоҳое рафта мерасид! Ана он гаҳ мардум чӣ мегуфт? « Аҷаб замонае,- мегуфтанд.-Як Ҳоҷӣ як бадмастро ба сари як Ҳоҷии дигар овардааст! Шарм накарда, онҳоро ба ҳам ҷанг андохтааст! Ва мусулмон шудаю Хонаи Худоро зиёрат карда омада, аз дур тамошо кардааст, ки чӣ гуна ду фарзанди мусулмон гиребони ҳам медаранд, ҳамдигарро дашному ҳақорат медиҳанд, мушт кӯфта, сару рӯи якдигарро хуншор мекунанд... «Эҳ, Худо нигаҳ дорад! Астағфрилло! Астағфрилло!...»

Сафарбек бо як даст гиребонашро дошта, дасти дигар аз чанбар сар надода, тавбакунон мошин меронд. Фикру ёди ӯ акнун бештар ба мошин банд буд. Онро хеле нарму мулоим ҳай мекард, ки мабодо ба ягон чуқурӣ, ё санге назанад, зарбе нахӯрад, тагаш харош наёбад. Ана ҳамин тавр, ин ҷонвари безабонро эҳтиёт бояд кард! Дар зиндагӣ, дар каму кости рӯзгор бисёр кор меояд…

Ӯ ғарқи андешаҳо чанд гардишу кӯталу нишебро тай карда, ба роҳи танге расид, ки фақат як мошин меғунҷид. Аз он тарафи раҳ, дар самти муқобил «Некси»-и қаҳваранг намудор шуд. Аз рӯи қоидаи ҳаракат мебоист Сафарбек ӯро раҳ медод. Зеро «Некси» ба кӯтал мебаромад. Аммо Сафарбек дидаву дониста, қасдан қойидаро вайрон кард. Суръати «Нива»-ро сар надод, балки саросема, тезтар ҳай кард. Ҳар ду мошин баробар ба роҳи танг даромаданд.

Сафарбек бо як дидан мошини муқобилро шинохта буд. Агар истода, гузаштани онро интизорӣ мекашид, яқин Аскар бедор мешуд ва мепурсид: «Чаро истодӣ?» Ва мошини Ҳоҷӣ Камолро дида, мефаромад албатта. Он гоҳ оқибати кор мисли шохчанги ду бузе мешуд, ки дар болои кӯпрӯк рӯ ба рӯ омадаанд…

«Нива» қадам ба қадам пеш мерафту «Некси» ҳам, аз афташ, нияти гузашт кардан надошт. Ҳар қадар Ҳоҷӣ Камол қайсарона мошин ронда, наздик меомад, ҳамон қадар Сафарбек бетоқат мешуд, қаҳру ғазабаш боло мегирифт. Вай хост сигнал диҳад, аммо аз райъаш гашт, наметавонист-Аскар бедор мешавад. Ба зудӣ чароғҳои мошинашро даргиронд, беист чароғҳоро куштаву даргиронда ишора мекард, ки қафо гардад, ё мошинашро бероҳа карда истад! Не, ба кӣ мегӯӣ! Ҳоҷӣ Камол аз якравиаш намемонд, ҳамоно мошинро босуръат ронда пеш меомад. Вай аллакай аз нисф зиёди роҳи тангро тай карда буд. Сафарбек бошад, акнун ба сеяки раҳ расидааст. «Хайр, чӣ илоҷ! Ақиб бояд гашт! Охир, ҳарчи ҳам набошад, роҳи вай аст. Бо як каси шумрӯ сар ба сар шудан нашояд!...»

Бо ҳамин ният Сафарбек мошинро нигаҳ дошту бе он ки чашм аз пеш барканад, онро саросема ба қафо ҳаракат дод. Ҳамин дам садои сигнали баланду гӯшкаркунандаи мошини боркаше ӯро аз ҷой як қад парронд. Тарсида ба қафо нигарист, дид, ки дар пушти мошини ӯ, расам-нарасам, бало барин «КамАз»-и пурбори сангу шағал меистод.

-- Ҳа чӣ гап шуд, Ҳоҷӣ?—чашмонашро молида, пурсид Аскар, ки аллакай бедор шуда буд.- Чӣ истодӣ? Мошинат вайрон шуд?

Сафарбек дам назада, дари мошинро кушоду берун баромад. Дар ин асно Ҳоҷӣ Камол ҳам мошинсавор худро ба назди онҳо расонд. Ӯ бо қаҳр сар аз равзан берун карда, хост Ҳоҷӣ Сафарбекро барои қоидаи ҳаракатро вайрон карданаш танбеҳ диҳад. Вале чун чашмаш ба Аскар афтод, якбора дамаш дарун ғалтид, мурғи посӯхта барин лаҳзае беқаророна пой кӯфта, сипас, саросема баргашта дар ҷояш нишаст ва дар ҳамон масофае, ки тай карда омада буд, мошинашро қафонокӣ ҳай карду рафт.

Вай дур нарафт. Куҷо ҳам мегурехт? Аздусар Аскар ва Ҳоҷӣ Сафарбек ӯро дарёб мекунанд. «Ҳой, мошини шалақатро куҷо кашола мекунӣ? Намедонӣ, ки мо дар саманди бодпо нишастаем!»-сар аз равзан бароварда, нимғурма овоз баланд кард Аскар.

Ҳоҷӣ Сафарбек аз он ки рафиқаш мошини ӯро таърифв кард, «саманди бодпо» номид, хурсанд шуд ва ба чуқурию пастиҳои роҳи сангфарш аҳамият надода, пой аз газ нагирифт. «Нива» ба мошини аз қафо омада роҳ надода, дар як дам худро ба роҳи васеи тахту ҳамвор расонд ва дар муқобили мошини Ҳоҷӣ Камол, қариб калла ба калла зада, омаду қарор гирифт.

Бо гузашта рафтани «КамАз» Ҳоҷӣ Камол ноилоҷ аз мошин фуромад. Дар рӯ ба рӯяш ниқорталабона Аскар рост меистод; санге дар даст, «мезанам!» гуфта дар кафаш бозӣ медоронд. Ҳоҷӣ Сафарбек дар бараш, ду чашм аз санг наканда, ҳар лаҳза омода буд, ки мабодо

Аскар сангро бардошта ба сари Камол заданӣ шавад, дасташро медорад. Хайрият, назад. Балки Ҳоҷӣ Камол фурсат надод; балки ӯ бо суханони ғайричашмдошти худ чунон сеҳре ба кор бурд, ки Аскар ҳатто маҷоли лаб кушода ҳақорат додан наёфт.

-- Ҳеъ, Аскарҷон-е! Аскар! Пеш наё, додар!-бо оҳанги илтиҷо ва каме таҳдидомез гуфт Ҳоҷӣ Камол.- Аввал ба гапам гӯш андоз, ҳамшаҳр! Ту худ медонӣ, ки Ҳоҷӣ Камол, мисли ту гапи дилашро рӯирост, беибо мегӯяд. Мард бошӣ, маро шунав: Ту ҳамеша тарафи занҳоро мегирӣ, аммо ба Худо, намедонӣ, касе, ки ба зан эътимод дорад, саҳв мекунад! Намедонӣ, ки гуфтаанд: «Зан аз шайтон зӯр аст!». Магар он мақоли халқиро ҳам нашунидаӣ, ки боз гуфтаанд: «Даҳ сония кофист, ки шайтон мардеро фиреб диҳад, аммо ба зан як сония басанда аст, ки даҳ шайтонро фиреб диҳад!» Ту шояд ана ин ҳикмати дигари мардумро ҳам нашунида бошӣ, Аскарҷон: «Зану мол мардро ба ҳалокат мерасонанд…» Ту аз он дарак надорӣ, ки зан мисли обу ҳаво ҳар лаҳза тағйир меёбад. Бале, ту бо тарафгирии занҳо раҳи ҳақ меҷӯию аммо чӣ зотеянд ин занҳо, ҳеҷ чизро намедонӣ! Барои ҳамин, мисли занҳо латта шудаӣ, Аскар! «Ман геолог» гуфта, шабу рӯз дар ин адиру кӯҳу пушта, дур аз дару хонаат гаштаию намедонӣ, ки занат дар қишлоқ «бесоҳиб», ҷаллаб шудааст. Бале, даъвои ғами занони мардумро мекунию мард шуда, зани худро дар бағали директори мактаб партофтаӣ, ҷӯра! Ана ҳамин! Ман гапамро гуфтам! Ана акнун Худо инсофат диҳад, ҷанг мекунӣ, аз гиребонам мегирӣ, бо санг зада сарама мекафонӣ, ихтиёрат!

Ҳоҷӣ Сафарбек ин суханони фаҳшу дағалу дурушти Ҳоҷӣ Камолро шунида, ҳар лаҳза гиребонашро медошт, зери лаб «астағфрилло!» гӯён тавба мекард. Вай ба худ тасаввур кард, ки ҳоло Аскар батар дар ғазаб меояд, батар девона мешавад, мезанад бо санг ин марди баддаҳанро, сарашро кафонда хуншор, майда-майда мекунад. Аммо бар хилофи гумонҳои ӯ, афсӯс, Аскар,

ба гуфти Ҳоҷӣ Камол, он лаҳза «латтаи таппа тайёр» шуда буд! Дасту пойҳояш якбора сусту бемадор шуданд, аз ғояти ноумедӣ қариб ки ба замин меафтид. Бале, ӯ бемадорона, мисли мотамгирифтагон дар замин, болои хасу хок нишаст, дардмандона уф кашид ва сарашро дар кафи дастонаш маҳкам дошта, дарун-дарун гирист. Кӯдаквор мегиристу саропо меларзид Аскар.

Ҳоҷӣ Сафарбекро сахт нафраташ омад нисбати Ҳоҷӣ Камол. Дар дунё чунин одамон ҳам будаанд! Беибо, рӯирост неш зад чун ору ба дили як ҷавонмарде, ки дар ҳақиқат аз дили кӯдакон фарқе надорад. Ончунон нозук, ончунон шаффоф, ки дар андак гармӣ об мешавад, дар андак хунукӣ ях мебандад ин дил.

-- Хез, Аскарҷон! Хез аз ҷоят, гиря накун!- аз сари раҳму шафқат, бо тасалло даст ба китфонаш ниҳод Ҳоҷӣ Сафарбек. –Иншоолоҳ, ҳамаи ин гапҳо дурӯғанд. Иншоолоҳ, ҳамааш хуб аст…

-Не, Ҳоҷӣ!- гарду чанги доманашро афшонда, аз ҷой бархост Аскар.-Афсӯс, ки гуфтаҳои ин ноодам ҷон доранд. Ҳар қадар дағалу дурушт гуфта бошад ҳам, ҳамааш аз ҳикмат ва ё иллати мардум аст, ки дар ҳақи занон бофта баровардаанд. Рост мегӯяд ин хар! Ин Ходаи қоқи дароз! Аз гапи ҳақ набояд ранҷид… Рафтем!

«Нива» дар як дам роҳи Харангонро пас мондаву тоб хӯрда, ба шоҳроҳи тахту ҳамвори Хуҷанд-Душанбе баромад. Дар ҳоле, ки «саманди бодпо» дар шоҳроҳи тахту ҳамвор ҷавлон мезад, Сафарбек ғарқи хаёлот, ду чашм аз роҳ наканда, дар назди худ қатъан азм гузошт, ки роҳ хеле дур бошад ҳам, майлаш, ба хотири дӯстӣ ӯро то Кӯлоб-ба хонаашон бурда мерасонад ва дар ин роҳи дур, дар ин вақти тӯлонӣ, албатта, номаълум ва боэҳтиёт ба таги дилаш даромада, баъзе гапҳоро пурсида мегирад. Он гапҳоеро, ки дар муддати ин як моҳи шиносоиву бо як дидан дӯстию рафоқат пайдо карданашон , фурсати муносиб наёфт, балки дилёб нашуд, ҷуръат накард, ки аз вай пурсон шавад. Яъне, ба вай мегӯяд: «Бубахш, ҷӯраҷон, агар бемалол бошад, биё, бо

ҳам нағзтар, наздиктар шинос шавем: Бигӯ, ба ҷуз хиёнати занат, Худо накунад, агар ин рост бошад, ғаме, мусибате, кулфате дошта бошӣ, бигӯ бемалол, дилатро кушо ба ман, ба дӯстат, бори ғамҳо, бори дарду аламат сабук мешавад… Аскарҷон, кӣ дорӣ аз қавму авлоду хешу табор? Падар, модар, акаву додар, апаву хоҳарат ҳаст? Онҳо ҳама сиҳатанд? Бардаманд? Соқу саломатанд? Тинҷӣ ҳаст дар хонаатон?...».

Бо ҳамин андешаҳо нигаҳе дуздида ба оинаи рӯ ба рӯ афканд; акси Аскар, ки карахту беёд дар курсии қафои мошин менишаст, бараъло менамуд. Ба назари Сафарбек чунин намуд, ки рӯи вай аз қаҳру ғазаб, аз дарду алам сип-сиёҳ, лахча барин шудааст. Мисле, ки як каф заҳрро фурӯ бурда бошад.

-Эҳ, Аскар!-ниҳоят ҷуръат карда лаб ба сухан кушод Сафарбек.-Чӣ худро ин қадар мекоҳонӣ, ҷӯра?! Пештар аз ин-ку, як гапи ноҷоро аз даҳани як каси шумдаҳан мешунидӣ, даррав алов барин дар мегирифтӣ. Ҳоло мебинам, ки дар як дам, дар як нафас аз заҳри забони як шумхабари оқипадар сӯхтаву хокистар шудаӣ…

-- Ҳм!.. Хокистар гуфтӣ?!- ғурунгос зад Аскар.- Ғалат гуфтӣ, Ҳоҷӣ! Хокистарро бо чашм дидан мумкин, каме ҳам бошад, гармӣ-ҳарорат дорад хокистар, онро дар каф мегиранд, чошу пош медиҳанд… Аммо ман дудаам, дуда! Гарди хокистар! Дудае, ки як ваҷаб, сип-сиёҳ дар мӯрии тангу торики ин замона, дар димоғи мансабдорону мансабталошони ҷоҳил дармондааст! Дудае, ки бо як афшондан, бо як пуф кардан онро сабук хезонда, дар ҳаво бозӣ медоронанд, дар осмон чарх занондаву ахиран кӣ медонад, ба кадом чуқурии бетаг, ба кадом гӯрӯ лаҳад бурда мепартоянд! Мо дар ин ҷамъият ҳеҷ касем, ҳеҷ кас, Ҳоҷӣ! Э, бар падараш наълат!!!

Сафарбек пай бурд, ки дар чунин лаҳзаҳое, ки суханони нафратбори Аскар бо ҳақорат анҷом меёбад, дигар ба вай гап задан, насиҳат кардан фоида надорад, вай дигар гӯш намениҳад ва балки андаке беэҳтиётӣ кунӣ, гашта худи туро ҳақорат медиҳад…

Дар баромадгоҳи Душанбе, вақте ки ба «Километри 9-ум» наздик расида, аз шафати бозору мағозаҳои қатор мегузаштанд, Аскар, дар ҳоле, ки дандонҳояшро аз ғазаб ғичиррос мезанонд, амр дод:

-Нигаҳ дор!

Суръати мошин якбора паст хамиду дар як гӯшаи роҳ қарор гирифт. Аскар бо пой як лагад зада, курсии бари ронандаро чаппагардон кард; дари мошинро кушода, лағжида фуромаду мисли хоболуде карахту беёд ҷониби мағозаҳо роҳ пеш гирифт.

Сафарбек аз ҷайб телефони мобилияшро бароварда, ба Файзулло занг зад. Ҷиянашро хабар дод, ки ӯ имшаб ва ё шояд, шаби дигар, ба хона барнамегардад, кори зарур дорад. Ва ҳамзамон аз Файзулло хоҳиш кард, ки ӯ ба ҳеҷ куҷо наравад, шабро дар ҳавлии онҳо гузаронад, апаю хоҳарзодаҳояшро танҳо намонад.

Сипас, берун баромад, бо як гӯшаи чашм канда-канда поймониҳои Аскар ва он сӯтар, дӯкони машруботи сари роҳро, ки Аскар рост ба қасди он пойҳояшро кашола карда мерафт, ба мушоҳида гирифта, андешамандона пасу пеш қадам задан гирифт.

- Ҳоло баргашта биёяд, ин дафъа ҳамаи гапро, албатта, ба ӯ мегӯям, -аз дил гузаронд Сафарбек.-Рӯирост мегӯям, ки: «Чӣ дард дорӣ, ҷӯра, ки ин қадар менӯшӣ?! Барои ҳамон занат?! Ҳеъ, беақле! О, навакак чашмонатро пӯшидаву ашки шашқатор рехта, ин дард-ин заҳрро фурӯ бурда будӣ-ку! Пас, бар болои заҳр заҳр хӯрданат чӣ маънӣ дорад?! Бас кун, дигар ба даҳан нагир ин араҳи сабилмондаро! Ба якборагӣ даст бикаш, аз ин одати хунук, бовар накун, ба он, ки мегӯянд: «Камаш ба саломатӣ фоида дорад».. Не, заҳр чӣ каму чӣ зиёд, заҳр аст!»

Дар ин асно Аскар як пал-як пал қадам ниҳода, акнун ба назди дӯкони машрубот расида буд ва аз шафати дӯкон ба дари кушодаи он, ки аз паҳлӯ менамуд, тоб хӯрда даромад.

«Баъдан, чун ба роҳ дароем,-боз аз дил гузаронид

Сафарбек,-дар бораи зиёни шароб ҳам аз таълимоти дини мубини ислом ва ҳам аз илми тиб мисолҳо оварда, ба вай нағзакак мефаҳмонам, то ки шояд ба гапам гӯш диҳаду аз ин роҳи хато батамом баргардад. Масалан, мегӯям, агар фоида медошт, хӯрдани хамр-шаробро дини мубини ислом гунаҳ намешуморид. Дар илми тиб бошад, исбот шудааст, ки аз истеъмоли ҳамагуна нӯшокиҳои спиртӣ пардаҳои луобии меъдаю рӯда ба зудӣ даридаю аз ҳам гусаста, бо гузаштани 5-10 дақиқа ин захр ба таркиби хун ворид мешавад. Баъдан тавассути хун таъсири мадҳушкунанда ва зиёновари худро ба рагу пайванди асаб мерасонад. Аз ҳамин ҷо аввал одати майнӯшӣ-кайфу сафо сар мешавад, сипас оҳиста-оҳиста ин одат ҷисму ҷонро батамом побанд мекунад, иродаро мешиканад ва дигар кас наметавонад маънии зиндагиро бе шароб тасаввур кардан, ки ин беморист, бемории хавфнок; суст шудани хотира, коҳиш ёфтани қобилияти зеҳнӣ, то ҳадди аз ақл бегона шудан, касалиҳои захми меъда, печиши рӯда, қанднокии баланд, лахт-лахт шуда, аз кор баромадани ҷигар, гурда ва ниҳоят сактаи дил!,–инҳоянд шаммае аз оқибатҳои ногувори майпарастию бадмастӣ!. Наход, ту, Аскар, як одами хондагӣ, маълумотдор, бомаърифат, ҳамин чизҳоро нафаҳмӣ? Наход, дидаву министа ҷони худро дар азоб мононӣ?! Наход надонӣ, ки сабаби асосии мутеъ шудан ба қаҳру ғазаб- оҷиз гаштани ақл аст ва таконбахши он, фаромӯш накун, ҷӯра!, ҳамин сабилмонда арақ, май, шароб аст ва бо феълу хӯе, бо иродае, ки ту дорӣ, бояд аз он батамом бипарҳезӣ!.. Охир, ин одати шум, ин касалии майзадагӣ на фақат ахиран касро аз по меафтонад, балки дар пеши ёру рафиқ, ошнову бегона, ҳаќу ҳамсояҳо, ҳамкорон, хешу табору наздиконаш беобрӯ, шармандаву шармсор, радди маърака мекунад!...».

Не, он бегоҳ, дар он раҳи дур ва он шаб, дар он фурсати қулайи тӯлонӣ Сафарбек натавонист ин ҳамаро гуфтан. Натавонист дар гӯши Аскар панду насиҳатҳо хондан дар шинохти худ ва шинохти зиндагӣ… Аз пайи

андешаҳои печ дар печу бесару нӯг якбора фикри дигаре ба сараш заду ҳаросон ҷониби дӯкони машрубот нигарист. Аскарро дид, ки ба назари ӯ, як хез зада, аз дари дӯкон ба берун ҷаҳид ва ба пасаш нигоҳ накарда, дар як дам худро дар миёни раҳгузарон гирифт... «Хайрият-е!...»

Аммо дар гумони худ иштибоҳ карда буд Сафарбек. Вай бори дигар ба раҳгардии Аскар чуқур зеҳн монду якбора дилашро воҳима зер кард: «Эҳ ана, Худо зад! Нагуфтам?! Ҳай дареға!..».

Аскар дар миёни раҳгузарон каҷмакаҷ қадам монда, яктефа роҳ мерафт. Дар ҳар қадам бардоштан пойҳояш ба ҳам мепечиданд, ҳар замон кӯл мехӯрд ва боз калладав мерафт. Зӯр зада сарашро мебардошт, боз мувозинаташро гум мекард, боз яктефа мешуд ва ҳар доим бори ҷуссаи на он қадар фарбеҳаш ӯро ба як тараф мекашид. Як дафъа сахт калавида, қариб буд дар ҷӯи сари роҳ ба даҳан мезад, вале ҳамон замон такяи даст ба дарахте ниҳоду истод. Каллаи гарангашро ҳар сӯ алвонҷ дода, дам гирифт, нафас рост кард, ба қавли худаш… Ноилоҷ, заминро палмосида, дар рӯи хоку чанги роҳ нишастанӣ буд, ки Сафарбек расида омад ва оҳиста даст ба китфаш ниҳод…

Ӯро дар бағал бардошта оварду дар курсии қафои мошин хобонд, болини нарми пахтагинро, ки ҳамеша бо худ гирифта мегашт, дар таҳи сараш ниҳод, кӯдаквор навозишаш кард: «Аскарҷон, Аскар хоб кун…».

Ҳамон шаб Сафарбек фаҳмид, бо чашмони худ диду бовар ҳосил кард, ки рост будааст шумхабари Ҳоҷӣ Камол. Ва аз байн рӯзе чанд сипарӣ гашту шоҳиди фавти модари касалманди ӯ шуд ва баъдан огаҳӣ ёфт, ки акнун дӯсташ батамом бекасу танҳо мондааст.. Касе надорад аз қавму авлоду хешу табор. На падараш ҳаст, на модар, на зану фарзанд, на акову додар, на апаву хоҳар. Худои мутаол ба вай осоиши рӯзгор, бахту толеи некро насиб нагардонида будааст. Аз ин рӯ дилаш бештар сӯхт ба аҳволи зори ӯ; акнун ба хулосае омад, пеши худ мақсад гузошт, ки то метавонад, то имкон дорад, ҳар лаҳзаву ҳар

соату ҳар сония ҳамнишин, ҳамнафас, дилсӯз, меҳрубон, хайрхоҳи Аскар бошад; то метавонад, танҳояш нагузорад, кӯмакаш расонад, ҳолу аҳволаш бипурсад. Аммо афсӯс, Сафарбек кореро, ки дилаш мехост, натавонист ба субут расондан, мақсадеро, ки дар пеш гузошта буд, имкон дасташ надод ба ҷо овардан, хуллас, «зӯраш» нарасид» Аскарро «тарбия кардан», ба роҳи шинохти худу зиндагӣ андохтан..

Дунёи ботини Аскар муаммое буд барои Ҳоҷӣ Сафарбек; ҳар қадар ба вай наздикӣ меҷуст, ҳамон қадар душвор буд барояш дарки ин дунёи ботин, хонаи торикеро мемонд дили нозуки Аскар; барои Сафарбек осон набуд сидқан бо вай созиш кардан ва саҳл набуд бататамом тарки ӯ гуфтан…

Аз байн рӯзҳо, ҳафтаҳо, моҳҳо мегузаштанду Сафарбек медид, ки дӯсташ торафт камгап, торафт харобу хазон ва хастаю дилгир аз оламу одам мешуд; пайваста менӯшиду пайваста маст буд, пайваста маст буду ҳаргиз тарки шароб намекард; бештар танҳо менӯшид, танҳо мегашт, танҳоӣ меҷуст; дигар мисли пештара касеро маслиҳате намедод, касеро насиҳат намегуфт, ба маслиҳати касе, ба насиҳати касе ҳам гӯш намекард; ба касе кор надошт ва намегузошт, касе ҳам ба вай кор бигирад; рози дили касеро намешунид, ба касе рози дил намегуфт… Ба ҳеҷ кас бовар надошт, ҳама ба вай бегона менамуд….ба ҷуз як нафар.

Танҳо нафаре буд, ки Аскар ба вай унс гирифта буд; иҷозат дошт, рози дили Аскарро шунидан;

Танҳо нафаре буд, ки Аскар ба вай сидқан эътимод дошт;

Ва он як нафарро Сафарбек пештар аз дигарон барои худ «кашф» карда буд: Зумуррад. Ҳамдеҳаи ӯ-аз Харангон, духтари худораҳматӣ Мармар, хоҳари Гавҳар.

Ба Сафарбек аён гашт, ки Аскар гузаштаи талхи худ, мусибату кулфатҳои дар гузашта ба сараш омадаро аз ғояти якравию хунсардӣ ба касе нагуфтааст, ҷуз ба Зумуррад.

Ин саргузашти талхро Зумуррад ба Гавҳар нақл кардааст. Ва Сафарбек онро аз Гавҳар шунид, вале дер, хеле дер…

## IV

Мавзеи Дарвоз бо манзараҳои марғуб ва табиати афсунгари хеш шабеҳи Варзоб аст, ки тамошои он ба дидаҳо нур, ба дил сурур мебахшад. Ба ҳар сӯ нигарӣ, фарози қуллаҳо, деворҳои ҳайкалосои хорасангон, пуштаҳои дар такяи ҳам хобида назаррабоӣ мекунанд. Дарёчаи софу зулоле хурӯшону кафкзанон қад-қади дараҳо, аз баландиҳо фаромадаю аз миёни шаҳраки Қалъаи Хумб гузашта, шитобон худро чун тифл дар оғӯши модар- Панҷи ноором меафканад, ба мавҷҳои пурталотуми он омезиш меёбад ва ноаён роҳашро ба сӯи водиҳо идома мебахшад.

Он тараф, дар рӯ ба рӯ, дар замини ҳамсоякишвар домани тамошо фарох аст. Хеле мароқангез аст аз наздик дидани манзараҳои монанд ва одамоне, ки соҳибони давлати дигаранд. Мӯйсафедон, кампиракон, ҷавонон пиёдаву харсавор бо хати пайроҳаҳои кӯҳдоман аз пайи ризқу рӯзӣ дар рафтуоянд. Афғондухтаре дар лаби дарё нишаста, аз оби кафколуди он дасту рӯ мешӯяд. Пирамарде дар болотари қади пушта аз паси як ҷуфт барзагови дар юғу сипор басташуда мехазад, замин шудгор мекунад. Он тараф, дар оғӯши чаҳорбоғе, зери сояи дарахтон чанд хаймаи сафеди офтобхӯрда- дабистони фарзандони ин мавзеъ намоёнанд. Аз даруни хаймаҳо ғалоғулаи сабақ омӯхтани тифлон хира бар гӯш мерасад. Аз баландӣ пули навбунёди Рузвай, ки ду давлати ҳамсояро ба ҳам мепайвандад, бо шукӯҳу шаҳомат намудор аст.

Тайи ду сол аст, ки шефтаи тамошои ҳамин манзараҳост Файзулло. Ду сол аст, ки ҳар доим, ҳар лаҳза ба соҳил, ба ин тарафу он тарафи дарё, ба пастию

баландиҳо, шебу фароз, ба ҳаракати одамон, чорпоён, паррандаю чаррандаҳо, ба ҳар чӣ ки диққати ӯро ҷалб менамояд ва ба ҳар чӣ ки дар назараш шубҳанок метобад, чашм медавонад, ба мушоҳида мегирад, ки оё ягон ҳодисаи вайрон кардани сарҳад рух надодааст? Оре, вазифаи хидматияш, ҳифзи марзу буми Ватан ҳаминро тақозо мекунад. Ду сол аст, ки дар ин як гӯшаи диёри маҳбуб, дар ин мавзеи шабеҳи зодгоҳаш-Варзоб сарбоз аст.

Ду сол қабл ӯро дар роҳи Душанбе-Шаҳринав лаҳзаи дар мошин ба хона раҳсипор гаштанаш як гурӯҳ мардони низомӣ зӯран дошта, ба комиссарияти ҳарбӣ кашола карда оварданд. Ин ҳодиса фардои он рӯзе рух дод, ки Файзулло ҳамроҳи тағояш- Сафарбек дар Варзоб, дар деҳаи геологҳо бо Аскар сӯҳбат ороста буданд; фардои он рӯзе, ки як лаҳзаякак аз кайфияти сӯҳбати гарму ширини Санавбар баҳра бурда буд; фардои он рӯзе, ки фурсат ёфт бо Султонзода низ мусоҳиб шавад ва бисёр чизҳоро дар бораи шогирдонаш Санавбару Зумуррад, геологи таҷрибаомӯз- Аскар ва дигарон фаҳмида гирад. Аз ҷумла дарёфт, ки Санавбар дар забони устодаш-Султонзода «Кабки ром» будааст, пай бурд, ки Аскар дар тасаввури ин муаллими айёри ҳавобаланд як ҳақталоши аблаҳу бадмасти гузаро будааст ва ғайра.

Дар комиссарияти ҳарбӣ як нафар капитани қадпасти мӯйлабдор ва як нафар сержанти хароби дароз бо таҳдиду дӯғу пӯписа муттаҳам карданд ӯро, ки «то ба кай аз аскарӣ мегурезӣ?!». Аз ин тӯҳмати ошкоро, аз ин муносибати дағалу дурушти онҳо Файзуллоро қаҳраш омад, аламаш омаду боҷуръатона овоз баланд кард: «Ман ҳеҷ гоҳ аз хизмати Ватан нагурехтаам ва намегурезам ҳам! Баред маро, ба ҳар куҷое, ки дилатон мехоҳад, дар кадом қисми ҳарбие, ки нависед, меравам, хизмат мекунам!». Ана ҳамин тавр, ӯро бедарак, рост ба ҳамин ҷо, ба Дарвоз оварданд, ки ин гӯшаи Ватани зебоманзарро дар умраш бори нахуст медид.

Аз байн ҳафтае нагузашта, тағояш-Сафарбек ӯро хабаргирӣ омад. Ба қавли тағояш аз ҳодисаи «облава» пас аз се рӯзи бедарак шудани ӯ огаҳӣ ёфтаанд. Файзулло аз ҳолу аҳволи падару модар, хоҳаронаш ва хешу таборон пурсон шуд. «Шукр, ҳама соқу саломатанд, - дилпур кард ӯро тағояш.-Фақат ҳамин ки ҳама хеле нороҳат шудем, аз он ки бо ту хайрухуш накардем. Балки фурсат надоданд, ба қонуншиканӣ роҳ доданд муттаҳамҳо! Беинсофанд, онҳое, ки забонашон дароз аст, вақте ки аз қонуну давлатдорӣ ҳарф мезананд, вале худ қонунро дағалона поймол мекунанд!..»

Тағову ҷиян он рӯз бештар аз як соат сӯҳбат карданд. Файзулло бо мақсаде ки он чанд лаҳзаи ғанимати дидорбиниро бо гилагузориҳо аз ким-кадом «қонуншиканҳо» нагузаронанд, дарҳол гапро ба дигар сӯ кашид. Якбора аз Аскар ёдовар шуд, аз ҷӯраи қарини тағояш.

Тағояш воқеаи онрӯзаро аз лаҳзаҳои вохӯрданашон бо Ҳоҷӣ Камол, суханони дағалу дурушти ӯ, берӯю беибо Аскарро таъна карданаш, якбора аз зиндагию одамон дилгиру ноумед шудани Аскар, ба тафсил ҳикоят кард.

«Дар ёд дорӣ, он бегоҳ ба ту занг задам, ки шаб ба хона барнамегардам,- гуфт Сафарбек.-Ҳамроҳи Аскар будам. Аниқтараш, ӯро ба хонаашон, ба назди модару занаш мебурдам. Роҳи дарози Душанбе-Кӯлобро тай карда, баъди сеюним соат расидем. Дар хона модари Аскар бистарӣ буд. Касе набуд, ки ба вай нигоҳубин кунад, як коса обаш диҳад, таоми гармаш бипазад. Аскар аҳволи зори модарашро дида хорияш омад, рӯи ҳавлӣ баромада, кӯдаквор, ҳиққос зада гирист. Баъд, ҳамон лаҳза давида аз хона бадар рафт. Аз рафтору ҳаракатҳои ӯ шубҳае дар дилам пайдо шуду аз пасаш раҳсипор шудам. Аскар рост роҳи мактаби деҳаро пеш гирифт, ки ба тахмин сад-дусад қадам дуртар аз ҳавлияшон воқеъ буд. Ман дарҳол пай бурдам, ки ӯ бо кадом мақсад ба он ҷо меравад, киро мекобад. Таънаю

маломат ва суханони дағалу дурушти Ҳоҷӣ Камолро ба ёд оварда, тахмин кардам, ки зани Аскар дар ҳамин мактаб фаррош шуда кор мекард. Саҳни ҳавлии мактаб тип-торик, чароғҳо хомӯш буданд. Фақат чароғи яке аз синфхонаҳо даргирифта меистод. Ҳамоно дилам гувоҳӣ дод, ки он ҳуҷраи кори директори мактаб аст ва яқин, баъди чанд лаҳза воқеаи ногуворе рух медиҳад.

Оқибати кор ҳамин шуд, ки Аскар занашро бо директор танҳо ёфт. Аз дидани онҳо саропо ларзид, аз ғазаб лабонашро газида хуншор кард. Ларзида истода, даст ба ҷайб бурд, рӯймолчаашро бароварда, хуни лабон ва араҷи сару рӯяшро пок кард. Гӯё андаке ба худ омад, ором шуд. Чашмони аз оташи қаҳру ғазаб супсурхшудаашро аз занаш наканда, якбора рӯ ба қибла гардонд ва ғайричашмдошт бо овози ноҳинҷору гиряолуд ҳамин ду-се ҳарфро ба забон овард: «Ба номи Худо, дар шоҳидии ҳамин Ҳоҷӣ, бандаи мӯъмину мусулмон, се талоқат додам!» Ва дигар сухане ба забон наоварда, дар роҳаш пас гашт. Ба хона омаду дар домани модараш ба зону зад, илтиҷо кард, ки аз ӯ чизе напурсад, аз ҷой бархезаду дар мошин савор шавад. Воқеа ҳамин шуду дару ҳавлӣ, ҳамаи чизу чораи хонаашро партофта баромад Аскар.

Дар роҳ ягона сухане, ки барои тасаллои дилаш гуфтам, ҳамин буд, ки маслиҳат додам: «Ғам махӯр, Аскарҷон. Дар зиндагӣ ба сари одамизод чӣ ҳодисаҳое намеояд. Ба тақдир тан додан даркор. Аз Модар бошад, бепарво бош. Ӯро рост ба Варзоб, ба ҳавлии ман мебарем. Шукр, ҳамсару келини худотарсу меҳрубон дорам, кампирро фарзандвор парасторӣ мекунанд, иншоолоҳ хор шудан намемонанд, як каф дуояшро мегиранд».

Аммо мегӯянд, ки гапи хона ба бозор рост намеояд, -суханашро идома дод Хоҷӣ Сафарбек.-Афсӯс, кор ранги дигар гирифт. Чун ба Душанбе расидем, якбора аҳволи кампир бад шуд. Ноилоҷ, мошинро сари роҳ, ба табобатхонаи «медгородок» гардондам. Духтурон бо як дидану муоина кардан гуфтанд, «аҳволи кампир хеле

вазнин, ба зиндагияш рӯзҳои башумор мондааст». Ва намонданд, ки ӯро аз табобатхона бубарем»…

Шунидани анҷоми воқеа Файзуллоро бештар андӯҳгин кард; дилаш сахт ба Аскар сӯхт, аз алам реш-реш шуд, гиряаш омад: Аскар аз сари нангу номус нагузоштааст, ки ҷасади модарашро ба зодгоҳаш баранд. Ӯро ҳамроҳи Сафарбек дар қабристони Сари Осиёи пойтахт гӯрондаанд.

Ду соли аскарӣ паси сар шуд. Ана имрӯз, дар яке аз рӯзҳои офтобии фасли тирамоҳ Файзулло бо ҳамхизматон, қумондонҳо, бо ин ҳама манзараҳои дилфиребу табиати дилкушои як гӯшаи диёри маҳбуб, ки ҳеҷ гоҳ аз дидани онҳо сер намешуд, хайрухуш мекунад. Аз ин мавзеи барояш азиз дил канда наметавонад ва ҳамзамон майле дорад, ҳарчи зудтар, чун уқобе бол бароварда, ба сӯи Душанбе, ба сӯи зодгоҳаш –Қаратоғ парвоз кунад. Вай ба дидори модари меҳрубонаш пазмон шудааст. Шояд ҳоло модар аз рӯи одат дар паси дастгоҳи дарздӯзӣ нишастааст ва либосҳои фармудаи занону духтаронро медӯзад, ки чунин мизоҷонаш даҳҳо, садҳо нафар ва аз он ҳам зиёданд. Пироҳанҳои шинаму зебои модарашро таъриф мекунанд онҳо. Чевари гулдаст, панҷ панҷааш ҳунар аст, мегӯянд. Модар шабу рӯз дар паси дастгоҳи чеварӣ нишаста, матоъ пора мекунад, медӯзад, ба қади бонувон андоза мекунад, хобу хастагиро аз ёд бурда, заҳмат мекашад, то як даҳан ризқу рӯзӣ барои аҳли хонавода дарёбад. Падараш чӣ? Вай ҳоло бо чӣ кор машғул бошад? Кӣ медонад, ҳар бегоҳ чӣ вақте аз сари замин ба хона мерасад? Падараш ҳам чун марди ҳунардеҳқони асил дар гирду атроф машҳур аст. Ҳар сол аз ду гектар қитъаи хоҷагии деҳқонияшон он қадар ҳосили помидору бодиринг ва гандум меғундорад, ки ҳама ба вай аҳсан мехонад. Имсол дар замини хоҷагиашон чӣ кошта бошад? Гандум ҳам коридааст, албат. Чӣ қадар ҳосил гирифта бошад? Эҳ… Чор нафар хоҳарчаҳои мактабхонашро ҳам хеле пазмон шудааст! Дилаш мехоҳад ҳарчи зудтар онҳоро бубинад, дар оғӯш бигирад, аз рӯяшон

бибӯсад. Хоҳари калонияш баъди дарсҳо дар сари роҳи калони мошингард пахтақандак мефурӯшад. Дигар хоҳарчаҳояш ба вай ёрӣ мерасонанд; пахтақандакҳои дар нӯги чӯбчаҳо печонидашударо дар гузару маҳаллаҳои шафати роҳ дар ба дар мегардонанд, савдо мекунанд. Онҳо имрӯз чӣ қадар фурӯхта бошанд, чанд сӯм даромад карда бошанд?.. Тағояш Ҳоҷӣ Сафарбек чӣ? Аҳволаш чӣ хел бошад? Чаро дар ин ду сол дигар наомад ӯро хабаргирӣ? Шояд мошинаш вайрон шудааст? Вагарна меомад, албатта меомад, як бору ду бор не, чанд бор, ба ин сӯ сафар мекард, падару модарашро ҳам меовард. Бале, ин роҳи дури ноҳамвору шебу фарозро, ки аз Душанбе камаш чорсад-панҷсад километр мебарояд, бе мошин тай кардан мушкил.

Дар қад-қади роҳи мошингарди Қалъаи Хумб сари танҳо қадам монда, Файзулло фикру хаёлоти ширинашро ба дигар сӯ кашид-ба Аскар банд кард, ки дар ин ду сол бисёрҳо дар бораи ӯ андеша рондааст. На фақат ӯ, балки дигар геологҳои шиносаш- Зумрат, Санавбар, апайи Гавҳар, Сайид ва дигарон, ки дар бораашон аз тағояш нақлҳои аҷибе шунидааст, соате аз ёду хаёли ӯ канда намешаванд. Ин номҳо доимо вирди забонаш ҳастанд. Зеро ӯ ба Аскар, ба тағояш қавл додааст, дар бораашон, аз ҳаёти геологҳо китоб менависад. Он кореро, ки қасд кард Файзулло, то ба мақсад нарасад, дилаш қарор намегирад. Ду соли хизматро бо андешаҳои китобнависӣ гузаронду аз гузаштани вақт бехабар монд. Гӯё дирӯзакак буд, ки ба Дарвоз омад. Омаду ду дафтари калон харид. Дар лаҳзаҳои фориғ аз машқҳои низомӣ, баъди давидану париданҳо, пас аз посбониҳо дар дидбонгоҳ, дар кунҷаке нишаста, ё сари баландие баромада, дафтар сиёҳ мекард, менавишту хат мезад, хат мезаду менавишт. Ҳамон ду дафтарро пур кардааст аз навиштан- аз сиёҳнависту тозанавис. Бале, қаҳрамони асосияш Аскар аст, ки хислати аҷибе дорад ва тақдири талху ногувореро насибаш дидааст Худойи мутаол. Ҳамон Аскаре, ки ӯро барои аз худ нависанда тарошиданаш таъна зад, дар пеши тағояш

мазоҳаш кард, вале бехабар аст, ки Файзулло қиссае бофта баровардааст дар бораи ӯ, дар бораи қиссаи ишқи гуворои Зумраду Сайид, дар бораи «кабки ром»-Санавбар, сабукхаёлиҳои вай, дар бораи ӯро бо фиребу найранг ба дом афтондани муаллимаш Султонзода ва ба кӯи ноумедӣ партофтанаш, дар бораи он ки Гавҳар аз зиндагии вазнин- аз хишткашонӣ безор шуда, ба худсӯзӣ даст задааст ва ба ҳамин монанд бофтаҳои хаёлот, ки бо чӣ анҷом меёбанд, то ҳол ба қароре наомадааст Файзулло. То ҳанӯз нӯги риштаи гиреҳбастаи воқеаҳоро наёфтааст. Рост мегуфтааст Аскар, душвор, хеле душвор будааст кори нависандагӣ, барои ба ҳам пайвастани маъние, иборае, ҷумлае хуни ҷигар мехӯрдаӣ! Ана он навиштаҳо, он китоби нотамом дар ҷузвдонаш аст бо либосу савғоҳояш, ки андешаманду фориғбол ба сӯи Душанбе раҳсипор аст. Бо умеди дидорбинӣ, бо умеде, ки бо чашмони худ бубинад, мушоҳида кунад, аз тағояш бипурсад, ки «қаҳрамонҳои асари» ӯ дар куҷоянд, саргузашташон чӣ гуна сурат гирифтааст, Аскар чӣ ҳол дорад, хонадор шудааст ё ҳанӯз муҷаррад аст. Чун ба Душанбе расад, аз хаёлбофиҳо ба мушоҳидаҳою шунидани асли воқеаҳо гузарад, Худо хоҳад, меёбад нӯги риштаро, мекушояд гиреҳбанди воқеаҳоро…

Файзулло ғарқи ҳамин андешаҳо ба назди тарабхонаи Қалъаи Хумб расид, ки дар иморати барҳавое, дар болои дарёчаи обаш мусаффо қомат афрохта буд. Дар ин ҷо шоҳроҳи Хоруғ-Душанбе ба ду самт ҷудо мешуд, ба чапба тарафи Шоҳон-Зиғар, ки то Даштиҷуму Шӯробод ва Кӯлоб мебурд, ба рост, ба сӯи баландиҳои ағбаи Хобурободд ва он тараф роҳ аз миёни мавзеъҳои Тавилдараю водии Қаротегин гузашта, то ба пойтахти кишвар тӯл мекашид. Он рӯзҳо бунёди роҳи тахту ҳамвори Шоҳон-Зиғар ва Шкев –Зиғар , ки аз ҷумлаи сохтмонҳои азими аср маҳсуб меёфт, дар арафаи анҷомёбӣ буд. Бо сабаби мушкилгузар будани дарёчаи Даштиҷум мошинҳои сабукрав аз ин роҳ хеле кам мегузаштанд ва роҳи асосӣ чу пештара тавассути ағбаи Хобуробод ба шумор мерафт.

Дар канори роҳи назди тарабхона якчанд мошини «Тангем» қатор меистоданд. Маълум, ки онҳоро тоҷирон аз давлати ҳамсояи Хитой оварда, ба Душанбе мебаранд. Албатта, мошинҳо ҳар қадар наппанави оҳарашон нарехта бошад ҳам, ба ҳар кадоми онҳо ақалан як нафарӣ мусофир савор кунанд, ҳеҷ гап набудагист. Ҳол он ки дар он лаҳзаҳо мусофире ҳам наменамуд дар гирду атроф, ба ҷуз Файзулло, ки дар либоси аскарӣ диққати ҳар бинандаро ба худ ҷалб мекард. Ҳар кас ӯро дидан замон ба зудӣ пай мебурд, ки ин сарбози ҷавон ё дар рухсатист ё аз хидмат ҷавоб шудааст ва ҳоло ба сӯи Душанбе, ба хонаашон раҳсипор аст.

Файзулло зиёд интизорӣ накашид. Як гурӯҳ мардон, ки аз афту андому сару либосашон ронанда буданашон маълум буд, аз тарабхона баромаданд. Пешопеши онҳо ҷавоне хушқаду қомат, дар тан либосҳои шинаму зебо, бо кару фар қадам мезад. Файзулло бо як дидан тахмин кард, ки ин ҷавон тоҷир аст, соҳиби мошинҳо ва роҳбаладди ронандагон. Тахминаш рост баромад. Ҷавон дар назди мошинҳо рост истодани аскарбачаро дида, наздаш омад. Бо эҳтиром даст дода вохӯрӣ кард.

-Хидматро тамом кардӣ, ҷӯра? -бо табассум пурсид ҷавон.- Офарин!-Насиб бошад, то куҷоҳо?

-То Душанбе,-дилпур шуда, посух дод Файзулло.

-Марҳамат, мошинҳо дар ихтиёрат. Бишин, дар ҳар кадомаш, ки мехоҳӣ. Ба хотири сарбози Ватан буданат то хонаатон бурда мерасонем.

Яке аз ронандагон, ки ҷавонмарди газгушти ҳушёру чолоке менамуд, бо рағбат пеш омаду пурсид:

-Саросемаӣ ё…-ва илова кард:-Агар саросема набошӣ, бишин дар мошини мо. Ҳо, ана дар он «Тангем»-е, ки охирон, аз ҳама қафо истодааст. Мо ду нафар. Хоҳӣ, дар кабин, дар бари ман мешинӣ. Бафурҷа, чақ-чақ карда меравем. Нахоҳӣ, ҳамаи курсиҳои салон дар ихтиёрат.

-- Аз афташ, ин ҷӯраи мо бо ёди хона шаб хоб нарафтааст, шалпару хаста менамояд,-ба рангу рӯи Файзулло

зеҳн монда гуфт Тоҷир ва маслиҳат дод:-Бимон, ӯро, тоқа дар салон нишинад. Дам бигирад, истироҳат кунад. Шумо саросема нашуда, оҳистаю боэҳтиёт аз қафои мо ҳай карда биёед. Ба Душанбе ҳар вақте ки расидед, ӯро то хонааш бурда расонед…Хайр, ҳай кунед, рафтем, бачаҳо. Роҳ дур, бевақт шуд.

Қатори мошинҳо ба зудӣ ба ҳаракат даромад. Шаҳраки Қалъаи Хумбро пас монда, мурчавор думболи ҳам, дар роҳи бора мехазиданд. Мошине, ки дар он Файзулло менишаст, аз ҳама қафо ҳаракат карда, дар ҳар тоб хӯрдани ёлаҳо аз ҳамроҳони худ дуртар ва дуртар мемонд. Ниҳоят, дар сари ағба қатори пеши корвон батамом аз назарҳо ғойиб шуд.

Файзулло яке аз курсиҳои дар назараш бароҳаттарро интихоб карду баҳузур нишаста, чашм аз манзараҳои атроф намеканд. Мошин кӯталҳои печ дар печро оҳистаю бомаром тай карда, ба роҳи нишеб фаромад. Шамоли салқини ағба, ки беист вазида, ба рӯҳу равон ҳаловат мебахшид, аз равзани нимроғи мошин сӯҳбати на он қадар баланди ронандаю ҷавони барашро фаҳмою нофаҳмо ба гӯш мерасонд. Файзулло ба он эътибор намедод, ки онҳо чиҳо мегӯянду дар бораи чиҳо сӯҳбат мекунанд. Ҳушу ёди ӯ ба роҳи сафар банд буд, ба роҳи шебу фарози пурхавфу хатари тулонӣ, ки Худо медонад, гузараш дигар ба ин тарафҳо меафтад ё не. Бо нигоҳҳои ҳасратбор ҳар қадам пуштаҳои сабзи ҷо-ҷо барфпӯш, гияҳҳову буттазорон, аз таги буттаҳо давида гузаштани суғуру дигар ҷонварони адирро мегуселонид. Бо ҳасрат хайрбод мегуфт ба ҳар яки онҳо, ба манзараҳои дилфиребу дилкушои ин ҷигаргӯшаи диёр.

Чун дар роҳи ағба пойинтар фаромаданд, даст ба ҷузвдонаш бурд, дафтарҳои навиштаашро , ки бояд китоб шаванд, берун кашид. Варақ зад. Ғарқи мутоила шуд. Қалам дар даст, он сатрҳоеро, ки ба дилаш намегунҷиданд, хат мезад, таҳриру иловаҳо мекард. Гаштаю баргашта саҳифаҳоро рӯгардон менамуд, сари ҳар маънӣ андеша меронд. Ӯ повесте навиштааст нота-

мом. «Лолаи адир». Чунин ном ниҳодааст ба китобаш. Лола ҳамон Санавбар, ба қавли Султонзода «Кабки ром» аст, ки Файзулло асарашро ба номи ӯ гузошта, бо мақсаде ки китобаш чоп шаваду Санавбар хонда, қаҳраш наояд, танҳо номи ҳамин қаҳрамонашро тағйир додааст. Дигар қаҳрамонони асарро бо номи худашон овардааст: геолог-Аскар, донишҷӯёни таҷрибаомӯз - Сайид, Зумуррад; устоди донишгоҳ-Султонзода, Ҳоҷӣ Камол, Ҳоҷӣ Сафарбек ва дигарон…

Бо чунин тасвирот оғоз меёбад банду басти воқеаҳои асар:

Табиат гулҳоро ҳарранг, хушрӯ, хушбӯ, дилҷӯ, дилрабо, хандон, фаттон офаридааст барои кайфият, барои тамошо, дидан, бӯидан, шамидан, ҳаловату лаззат бурдан… Лола ном дорад яке аз он гулҳо, баргонаш нафис, хуношом, бо қомати мавзун, валекин доғҳо дар дил. Гули адир аст Лола. Дӯстдори табиат. Дар фазои кушод, дар кӯҳдоман, дар муҳити сероб мерӯяд, хеле хуб нашъунамо меёбад, озод сар мекашад, озод ҷилва мекунад. Муҳити танги хонадонро намеписандад, зеро гули хонагӣ нест Лола, дар гулдон сабзад ҳам, зуд пажмурда мешавад.

Лолаи мо шабеҳи лолаи адир аст. Хушқаду қомат, базеб, ҳамеша хандонрӯ, муҳассили бахши геологияи Донишгоҳи миллист. Чун гулҳои адир худро озод эҳсос мекунад дар табиати кӯҳдоман, дар миёни боғоти дарахтони худрӯй. Ба ҳар кӣ майли бо ӯ ҳамнишин будан, сӯҳбат оростан, рози дил гуфтан дорад, чеҳраи хандон, лабони ғарқи табассумҳои ширин, нозу истиғнои беолоиш тақдим медорад. Доимо ҳамнишину ҳамроз аст бо ҷавонписарону мардон, бебок аст, ибо надорад аз нигоҳҳои ташнаю пурҳаваси онҳо, назди ҳама ҷавлон мекунад, ҳаргиз намехоҳад малоли хотири касе шавад, дили касеро ранҷонад; иҷозат аст ба ҳар кӣ майл дорад, бо ҳавас ба қадду басти ӯ бингарад, гарму ширин, бо навозиш сухан бигӯяд, бибӯядаш, дар канор гирад, ба шӯхӣ, ба бозӣ бикашад ӯро.

-- Дар ҳақиқат номат ба худат зебанда аст Лола.- Нимшӯхию нимҷиддӣ, вале бо оҳанги маломату насиҳат мегӯяд ба вай геолог Аскар, ки устоди таҷрибаомӯзаш аст.—Гули адир, гули ваҳшӣ ҳастӣ. Дар нигоҳи маҳраму номаҳрамон бепарво ҷилва мезанӣ. Агар Садбарг ном медоштӣ, шояд ҷойи ту чорбоғи дару ҳавлии базебе буд, он гоҳ дар ҳарам будӣ аз ҳар чашми носерам, ки ба қадри гул намерасанд, ӯро беибо мекананду бӯ мекашанду зери по меафкананд. Ба қадри худ бирас, Лола! Охир ту гулӣ, базебӣ, хушрӯӣ, гуле, ки дар дасти як нафар, дар нигоҳу дар канори як гулпарасти ҳақиқӣ бояд ҷилва кунад.

-Ба қадри ту ман мерасам, Лолаҷон!-гаштаю баргашта таъкид мекард устоди сабақомӯзаш Султонзода, ки лаҳзае аз вай ҷудо намешавад.- Хоҳӣ, нахонда баҳоят медиҳам, аз имтиҳонот ба имтиҳонот, аз курс ба курс мегузаронам ва агар нахоҳӣ таҳсилатро дар донишгоҳ давом додан, ихтиёрат, бирав, дар зиндагӣ хор намешавӣ, ман худам туро мехӯронаму мепӯшонам, дилат ба чӣ майл дорад дар зиндагӣ, ман-устоди ғамхору ғамгусорат ҳамеша ба хизмат тайёр. Ба шарте ки…

Як нафари дигар аст аз «қаҳрамонони» навиштаҳои Файзулло, ки чунин ба тасвираш кашидааст: Пирамарди шасту панҷ –ҳафтодсола; доимо дар гирду пеши хаймаи геологҳо тор танида мегардад, гап меҷӯяд, гап мебарад. Номаш Камол, балки Ҳоҷӣ Камол мегӯянд ӯро. Лақабаш Исқотӣ. Пояш ба лаби гӯр расида бошад ҳам, доимо пайти муносиб меҷӯяд, то ки бо Лола, ин духтари аз сад гул як гулаш нашукуфта, ҳамгап шавад, мисли дигарон бо вай беибо сухан гӯяд, шӯхӣ кунад, ба бозӣ кашад. «Худо баракат диҳад, аҷаб духтари савобгир аст», -дар ҳар куҷо бешармона мелақад ӯ. Аз миёни мардон ягона мардест, ки Лола аз ӯ сахт ҳазар дорад, ибо мекунад, балки метарсад, аз даҳони бефаровези ӯ.

Дар ҳама рӯзу шабони дар кӯҳдоман, дар хаймаҳо будани Лола Султонзода чун боғбоне буд, ки нигоҳубин, парасторияш мекард, танҳояш намегузошт

ва ҳатто намехост касе аз ҷавонону мардон ба вай наздик шавад, гап партояд; рашк мебурд аз муносибату ҳазлу шӯхиҳои ӯ бо ҷавонони ҳамсабақаш, қавоқ меандохт, қаҳраш меомад.

Ягона шахсе, ки Султонзода ӯро бо Лола ҳангоми сӯҳбатҳои рӯшоду хилват дида, худро бепарво вонамуд мекард, Аскар буд. Султонзода ҳам аз ҳайбати ӯ метарсид ва ҳам дилпур буд аз он ки Аскар ҳунар надорад, то дили духтарон, занонро ба даст оварад.

Аз байн як сол гузашт. Тақдири Лола шабеҳи тақдири лолаҳои саҳро шуд. Гулхандаи бахти ҷавонияш дар як баҳор пажмурд, хазон гашт. Тарки донишгоҳ кард. Батар аз он, бе ҷуфти муносиб, сари танҳо монд Лола.

Як бегоҳӣ, вақти шом, аз рӯи одат дар қади роҳи мошингард истода, чашмони ҳаросонашро ба ҳар тараф медӯхт. Бахусус рафтуои мошинҳои сабкурави оҳарӣ, наппанав, қимматбаҳо, тозаву озода, бо карру фар аз нигоҳҳои харидоронаи ӯ дур намемонд. Ба сӯи бархе аз онон бечуръатона даст бардошта, ишораи истодан мекард. Соҳибони мошинҳо, яке сар аз кобин бароварда, маънидорона чашмакӣ мезад, лаб инҷ карда механдид, шояд мазоҳаш мекард, дигаре ба ҳолаш афсӯс хӯрдаву нобоварона сар ҷунбонда гузашта мерафт…

Ниҳоят, «Некси»-и қаҳваранге омада дар наздаш қарор гирифт. Дари мошин кушода шуду аз он ронандаи кӯҳансоли ҷелакпӯш сар берун кард. Лола бо дидани ӯ дарҳол рӯяшро ба дигар тараф гардонд. Ронанда беибо пеш омаду бо оҳанги ситеза ва талху пичинг гуфт:

-- Чӣ рӯята мепӯшонӣ, духтар! Мошинро нигаҳ медорию боз мегурезӣ! Аз одами шинос шарм медорӣ? А? Ҳайф! Исқотии дар шикам будаатро куҷо кардӣ? Нагуфтам, ки ба рӯсиёҳи устодат Султонзода бовар накун! Ахир, ба бахтат зомин шуд, исқотӣ!

Лола абрувонашро гиреҳ кард. Теғ кашида ба Ҳоҷӣ Камол нигарист.

-Ман мошини Шуморо нигаҳ надоштаам! Биравед ба роҳатон!

-Не, ман ба ту гап дорам,-пештар қадам ниҳода дӯғ зад Ҳоҷӣ Камол -Дилам месӯзад ба ту. Мебинам, ки дар зиндагӣ раҳгум задаӣ, дар гуноҳ ғарқ шудаӣ, аз ин рӯ мехоҳам қарзи мусулмониямро ба ҷо оварам; як даҳан маслиҳат, як даҳан насиҳатат бигӯям, қабул дорӣ, хуб, ё не, он тараф, Худо инсофат диҳад.

Ҳоҷӣ Камол кунҷкобона ба қаду басти Лола зеҳн монда, манаҳашро хорид. Лола дар ҳузури ӯ мурғи посӯхта барин бетоқат буд, аз тарсу ҳаяҷон дарақ-дарақ меларзид. Ғайричашмдошти ӯ идомаи гуфтори Ҳоҷӣ Камол оҳанге дошт нармтар, насиҳатомез, дарвоқеъ дилсӯзона садо дод суханонаш:

-- Духтари ҳушёру чаққоне будӣ, Лола! Дилам пур буд, бовар доштам, ки ҷавони базебу хушрӯ-Сайидро аз дасти ана он духтари Исқотӣ-Зумрат кашида мегирӣ. Дарак дорӣ, ки онҳо издивоҷ кардаанд, ба қавле хушбахт шудаанд. Ту бошӣ… Эҳ! Ҳоло ҳам дер нашудааст, духтар! Хоҳӣ, ки Худои мутаол гуноҳҳоятро бубахшад, як кори савоб бикун. Устодат-Аскарро дар ёд дорӣ? Вай, исқотӣ, ҳамқишлоқи ман аст. Баъди се талоқ додани зани дайдуяш, баъди мурдани кампири очааш батар арақхӯр шуд. Аз бадмастӣ дилашро касал кардааст. Мемурад кадом рӯзе. Ана бираву ҳамонро бигир. Зани шариатӣ, зани никоҳияш, қуввати дилаш бишав. Коре бикун, ки арақнӯширо партояд, сиҳат шавад, ба роҳи сироталмустақим-намозу диёнат биравад, худат ҳам намозхон шав. Он гоҳ ҳама доғи гуноҳҳоят шуста, поку покиза мешавӣ, мисле, ки нав аз модар зоида шуда бошӣ.

Ин суханони марде, ки ӯро хеле бад медид, беихтиёр чун теғи ҷарроҳон дили ӯро буриду пора кард. Диле, ки аз доғҳои ноумедӣ сиёҳ гашта, чун доғи гулҳои лола, батамом монда буд аз оламу одамон, мурда буд ин дил ва акнун гӯё дармон ёфт аз суханони як марде, ки ҳаргиз ба ҷуз ҳарфи дағалу дурушт, талху пичингу киноя ба забон намеовард. Лола чашмони ҳаросону гиряолод ва имдодхоҳонаашро ба Ҳоҷӣ Камол дӯхт:

-Ман чӣ кор кунам, амак?

-- Аз куҷо донам, чӣ кор мекунӣ, Исқотӣ!-боз девона-авзоёна тунд шуд Ҳоҷӣ Камол.- Ҳамчун як бандаи мӯъмину мусулмон, насиҳати як фарзанди мусулмон дар гарданам қарз буд, гуфтам. Ана он Аскари исқотӣ бошад, бо ман гапӣ нест, ки наздаш барамат. Ҳа, духтар. Иншоолоҳ, мебинам, ки Худо дар дилат андохтааст, пушаймон шудаӣ аз корҳои кардаат! Он тараф чӣ тадбир меҷӯӣ, ҳамқишлоқи маро аз куҷо меёбӣ, чӣ гуна дилашро меёбӣ, Худо мададгорат. Аммо нашавад, ки боз Шайтон аз раҳ бизанад, ки дигар пушаймонӣ суде намебахшад. Ҳо, баракалло, духтарам, баимон шав, фаромӯш накун, ки ту фарзанди мӯъмину мусулмон ҳастӣ. Хайр, ман рафтам.

Лола дуру дароз аз пайи «Некси» дида андӯхту оташаки умед дар чашмонаш барқ зад ва ҳамоно ба самти муқобили роҳи мошин роҳ пеш гирифт.

Ана ҳамин тавр як асаре рӯи коғаз оварда буд Файзулло, бо воқеаҳои давомдор, саргузаштҳои талху ширин, ғамгину гуворои ҳанӯз навишта тамом нокарда.

Боби дуввум бо қиссаи ошиқонаи Сайиду Зумуррад оғоз меёфт. Он чиро, ки тағояш аз саргузашти ин ду ҷавон ҳикоятащ карда буд, бо бофтаҳои бадеии хаёлоти рангин ба қалам дода буд Файзулло. Сӯзу гудоз надошт ин қиссаи ошиқона мисли қиссаҳои афсонавии Лайлию Маҷнуну Фарҳоду Ширин. Ҳар лаҳза, ҳар соати вохӯриҳои дилдодагон ҳангоми ҷустуҷӯи конҳо, дар лаҳзаҳои истироҳат дар сояи дарахтони адир, дар хаймаҳо ва дар қади растаҳои Душанбе, дар чаҳорбоғҳо, қаҳвахонаҳо гарму ширин, хушу гуворо буданд. Қавли вафо доданд ба ҳамдигар, аҳди якумрӣ бастанд. Аз байн як сол гузашту ҳамон рӯзи донишгоҳро хатм карданашон тӯю тамошо доданд, оилаи хушбахт барпо карданд.

Дар боби сеюм ҳаёти оилавии Лолаву Аскар, батамом тарки майнӯшӣ кардани Аскар ва шифо ёфтани ӯ, ба намозу дини ислом сидқан гаравидани зану шавҳар, зиндагии хушбахтонаи онҳо тасвир ёфта буд.

Боби чорум… Ким-чиҳо навиштааст Файзулло, аммо

ким-чӣ хел, чигил, печ дар печ аст, табъи дил банду баст нашудаанд воқеаҳо, хотимаи асар ҳоло ба сараш наомадааст…

Файзулло заҳмати дусолаи хидмати аскарияшро қадр мекард, меписандид бофтаҳои хаёлоташро, агарчанде ҳанӯз нуқта нагузоштааст ба мақтаи он. Муҳимаш он ки матлаъ дорад, банду басти воқеаҳо дар бобҳои аввал пайи ҳам омадаанд, ба қавли худаш. Тазодҳоро ба қадри маҳорати нависандагии хеш «табъи дил» нишон додааст, қаҳрамонҳояш одамони муосир, зиндаву ҳаётанд. Фақат номи Санавбарро тағйир додаст ва кори хуб ҳам кардааст, то ки китобро хонда малоли хотираш нашавад,-такроран аз дил гузаронд ӯ.

…Файзулло гоҳо ба торикии анбӯҳи дараву пуштаҳои ҳар ду самти роҳи Хобуробод-Душанбе бо ҳавас дида меандӯхт, гоҳо нигоҳашро ба самти муқобил мелағжонд; тамоми ҳушу ёди ронанда ба роҳ банд буд ва ҷавони дар паҳлӯяш нишаста бо сари кашол ғанаб мерафт. Агарчи ӯ низ бар асари кӯфтагии роҳ сахт хаставу лакот шуда буд, чашм немепӯшид, тан намедод ба хоб, навиштаҳояшро гаштаю баргашта варақ мезаду барои тақвияти ҳар маънӣ маъниҳои нав меҷуст, фикру хаёлоти бесару нӯгро дар сараш чарх мезанонд, андешаҳо меронд, «майна об мекард».

«Кӣ медонад, шояд дар ин ду сол бофтаҳои хаёлаш дар бораи тақдири қаҳрамонони асараш Лола, ки ҳамон Санавбар аст ва Аскар ба ҳақиқати воқеӣ табдил ёфтааст?,- аз мутоилаи зиёд хаста шуд магар ки андешаҳояшро ҷамъу гир карда, ниҳоят ба хулосае омад Файзулло.- Шояд онҳо соҳиби фарзанди дӯстрӯе шудаанд? Шояд Аскар дигар бадмасти гузаро, касалманд нею як одами дуппа дуруст, бардаму бақувват, марди асил, соҳиби ҳақиқии дару хонаи обод шудааст?…».

Бо ҳамин андешаҳо Файзулло ҷустуҷӯи маъониро барои банду басти асар муваққатан мавқуф гузошта, дигар варақгардон накард дафтари эҷодашро ва онҳоро қат карда, дар ҷузвдонаш андохт. Дар назди худ

мақсад гузошт, ки то ба хона расидан хотима медиҳад ба таҳрири асар, ба идомаи фикру андешаву бофтаҳои хайлоташ. Агар Худо мадад кунад, вақте ки соқу саломат ба манзил расад, ҳини вохӯрию дидорбиниҳо дар Душанбею Ҳисору Шаҳринав, Варзобу Харангон саргузашти қаҳрамонҳояшро аз тағояш пурсидаву худ бевосита мушоҳида карда, навиштаҳояшро бо асли воқеаҳо пурра мегардонад.

* * *

Ҳоҷӣ Сафарбек тамоми шаб аз гапи пешакӣ, агарчанде дар дил гуфта бошад ҳам, тавба мекард. Ҳар замон худро маломат мекард, ки фарзу тахмин кори бачаҳост, балки амали онҳоест, ки ба қазову қадар бовар надоранд. Баъди як сония, баъди як нафас чӣ мешавад, ба ҷуз Худои мутаол касе намедонад.

Вай тахмин карда буд, рӯзе, ки гузашт, яъне 15-уми ноябр хоҳарзодааш аз хизмати аскарӣ бармегардад. Бо ин мақсад тамоми рӯз дар чорбоғи худ саргарми алафдаравӣ шуда, ба Шаҳринав занг мезад. Ҳар бори занг задан аз хоҳараш як посух мешунид: «Не, ҳоло наомадааст».

Вақти шом хастаю бемадор ва аз беҳуда «фол диданаш» хиҷолатманд ба хона баргашт. Аммо дилаш гувоҳӣ медод, ки шояд хато накардааст, имрӯз наомад, пагоҳ меомадагист. Бо ҳамин андешаҳо аз меваҳои боғаш тӯшаи роҳ тайёр кард: як сабад ангур, як сатил анор, як қуттӣ пури хурмо. Ният дошт, бомдод боз чанд қитъа алафи боғро даравида, роҳи Шаҳринавро пеш мегирад.

Боз тахминаш ғалат баромад. Саҳар бевақт шуду натавонист алафи боқимондаро дарав намояд. Боз худро сарзаниш мекард: «Одамизод-да! Ният мекунад, мақсад мегузорад, нақша мекашаду намегӯяд, ки ҳамааш хости Худост. Вақту соаташ наояд, ягон кор худ ба худ иҷро намешавад».

Ниҳоят, он соат расид. Даме ки офтоб як ваҷаб ба-

ландтар аз фарқи кӯҳдоман теғ кашида буд, даравро саросема анҷом дод. Дар оби чашмаи беруни боғ дасту рӯ шуст. Дар мошин нишаст, ки дар як гӯшаи роҳ ниҳода буд. Ҳай кард. Ҳамин дам мошини сабукрави дигаре ношинос аз пеш баромад. Омаду дар муқобилаш қарор гирифт.. Аз дари он ҷавоне хушқаду қомат ва баобу тоб дар либоси аскарӣ сар берун кард.

Ҷияну тағо бошитоб ба истиқболи ҳам шитофтанд. Ҳамдигарро сахт дар оғӯш кашиданд. Гарму ҷӯшон ҳолпурсӣ карданд.

-- Кай омадӣ?-саросема пурсид Сафарбек.

-Ҳамин шаб, қарибиҳои соати як расидам.

-Яъне, 15-уми ноябр?-бештар хушҳол шуд Сафарбек, аз он ки ба ҳар ҳол, тахминаш рост баромад.

-Бале. Чаро пурсидед, тағо? 15-уми ноябр ягон рӯзи махсус аст?

-Албатта,-хандида гуфт Сафарбек.-Дар ҳамин рӯз ба аскарӣ рафта будӣ. Фаромӯш кардӣ-чӣ?

-Ҳа, рост!-дуру дароз андеша накарда ба ёд овард Файзулло.-Аммо ман худ ба ихтиёри худ нарафтаам-ку, зӯран қапида бурданд…

Сафарбек бо навозиш пушти гардани ҷиянашро силакунон гуфт:

-- Ҳар чӣ ҳам бошад, хуб шуд, ки хидмати Ватанро адо карда омадӣ, ҷиян. Бубин, як ҷавони кори калон, ба обу тоб, чор кас медидагӣ шудаӣ! Ҳар духтар дида ҳавас мехӯрад! Акнун тинҷ шудем, вақти он расидааст, ки бо апааму язнаам маслиҳат карда, дар тараддуди зангирият бияфтем.

-- Не, тағоҷон, ҳоло ман зангир нестам,-баҳонаҷӯёна пушти сар хорид Файзулло.

-Барои чӣ?

-Якчанд сабаб дорад, тағоҷон. Аввал ин ки дар ягон мактаб хонда, соҳиби маълумот, касбу кор шуданам лозим. Дигар ин ки… қаҳрамонҳоямро бояд бо ҳам издивоҷ кунонам.

-Кадом Қаҳрамонро? Нафаҳмидам?

-Қаҳрамонро, не,-хандид Файзулло.- Қаҳрамонҳои асарамро.

Ҳоҷӣ Сафарбек абру дарҳам кашид:

-Ҳоло ту асар ҳам навиштаӣ? Э, биё мон, ҳамин гапҳоро. Сарзанишу маломатҳои рафиқи ман-Аскарро фаромӯш кардӣ-чӣ? Гуфта буд-ку, китоб навиштан кори ҳар кас нест. Туро сарзанишу маломат карда, таъна ҳам зада буд, ки дар умрат як мақолаи бутун нанавишта, даъвои нависандагӣ мекунӣ!

-Ана ҳамон Аскари ҷӯраатонро «зан доданиям». Ҳоло хонадор шуд, ё не? Агар муҷаррад бошад, ман ба вай Лоларо доданиям. Мешавад?

-Лолааш кӣ? Равшантар гап зан, ҷиян!-Сафарбекро қаҳраш омад.-Ба аскарӣ рафта, «нависанда шудам» гуфта, ким-чӣ хел ба муаммо гап мезадагӣ шудаӣ?!

-Лола ҳамон Санавбар аст, ки рӯзи охирини пеш аз аскарӣ рафтанам, дар ёд доред?, бо вай ҳамсӯҳбат шуда будам. Дар асарам ӯро аз рӯи хислаташ «сабукпо» тасвир кардаам. Аскарро бошад, майзадаи касалманд. Ҳарду ҳам дар зиндагӣ раҳгумкарда, бечораю мустаманд. Шояд дар тахмини хаёлотам хато накардаам. Аз ин рӯ, аз Шумо пурсиданӣ будам, ки ҳоло саргузашти онҳо ба кадом сурат аст? Он чӣ ки медонед, хоҳиш мекунам, аз як сар нақл кунед, баъд метавонам асарамро навишта пурра карда, ба охир расонам.

Ҳоҷӣ Сафарбек хаёлбофиҳои ҷиянашро соддалавҳиҳои кӯдакона пиндошта, нобоварона сар ҷунбонд, оҳи чуқур кашид. Хост ӯро мисли Аскар сарзаниш кунад, гапҳои болохонадор гӯяд. Вале ба хотири он ки «меҳмон» аст, дер боз дидори ҳамдигарро надидаанд, худдорӣ намуд. Балки хандида таъриф кард ӯро.

-Бофтаҳои хаёлат бад не, ҷиян. Рост мегӯӣ. Аскари ҷӯраи мо, афсӯс, ки баъди ҳодисаҳои аз сараш гузашта батамом ба арақнӯшию бадмастӣ дода шуд. Бале, ҳоло аҳволаш хеле бад. Дилаш сахт касал. Хору хазон шудааст, бечора. Лекин дар бораи Санавбар бошад… ӯро чӣ ном ниҳодаӣ дар «асарат»?...

-Лола, -бо фахр шарҳ дод Файзулло.

-Ҳа, Лола. Лолаи ту, медонӣ ҳоло дар кучост? Дар роҳи дур, дар Россия. Баъди хатми донишгоҳ бо Сайиди ҳамсабақаш забон як карданду хонадор шуданд ва аз байн як ҳафта нагузашта кӯчу бандашонро бардошта ба Россия кор кардан рафтанд.

-- Ба Россия? Бо Сайид? –ҳайрон шуда пурсид Файзулло.-Пас, тақдири Зумрат чӣ шуд?

-Кадом Зумрат? Ҳеъ, бачаи беақл-е! Ин чо Зумрат чӣ дахл дорад?

Дар бораи ӯ ҳам китоб навиштаӣ-чӣ?

-Охир, Шумо гуфта будед-ку, тағочон, Сайиду Зумрат ҳамдигарро дӯст медоранд, ба ҳамдигар ошиқанд? Барои ҳамин…

-Кӣ гуфт ин гапро? Ман? Ҳмм. Хаёлбофиҳоят ба Худо сари туро гаранг кардааст, чиян! Кӣ дар чавонияш ошиқ нашудааст? Ана, худи ман-тағоятро мисол мегирем. Дар чавониям якто не, чанд духтарро дӯст медоштам, ошиқ будам, лекин тақдир ҳамин будааст, ба янгаат –ба як касе хонадор шудам, ки дар умри сарам надида будам. Шукр, имрӯз соҳиби дару хонаи обод, падари фарзандони бафаҳму батамиз, наберагони ширину меҳрубон ҳастам, аз зиндагӣ шикояте надорам.

Онҳо ҳамин тавр сӯҳбаткунон боғро аз қаду бар қадам мезаданд. Аз шавқи дидору гармии сӯҳбат ҳанӯз ба хулосае наомада буданд, ки кучо раванд, ҳанӯз фурсат нарасида буд, ки Сафарбек аз хидмати аскарии чиян ва чиян аз аҳли хонаводаи тағояш-янгаву хоҳарзодаҳояш пурсон шаванд. Файзуллоро риштаи хаёлот бо ҳам печида чигил шуда буд. Акнун ба худ тасаввур мекард, ки асараш дупула, навиштаҳояш ба ҳеч чиз кор намеоянд. Ҳамаро аз сар хат зада, аз сар навиштан лозим. Ба ҳар ҳол, сабр карда, бештар пурсидан, кунчкобӣ кардан даркор, ки тағояш боз чиҳо медонад дар бораи Аскар, Зумрат, Гавҳар ва дигарон…

Ба қавли Сафарбек Гавҳар бизнесмен- точири калон шудааст. Дар бозори «Корвон» мағозаи боҳашамат

кушодааст. Соҳиби мошини «Ҷип». Мошинро бештар хоҳараш Зумрат ҳай мекунад. Зумрат баъди хатми донишгоҳ ёрдамчии апааш шудааст, ҳар ду якҷо ба кори савдо машғул. Гӯё дар зиндагӣ аз ҳеҷ чиз камбудӣ надоранд.

Файзулло боз ба қаъри хаёлот ғуттавар шуд. Ҳар қадар мекӯшид, наметавонист худро аз ғаму ёди қаҳрамони асосии асараш-Аскар раҳо кардан.

-Тағоҷон, -бо илтиҷо гардан каҷ карда ба Сафарбек нигарист.-Чӣ мешуд, ки рафта ӯро хабар гирем.

-Киро?!

-Ҷӯраатон, Аскарро.

Сафарбек хурсанд шуд. Ниҳоят, халос шуд ҷони ӯ аз кунчкобиҳо, аз суолҳои бесару нӯги ҷиянаш.

-Ана ин гапи дигар! Хайрият гуфтӣ! Ман ҳам дар ҳамин андеша будам. Ба ростӣ, чанд вақт боз ӯро надидаам, аз ҳолаш хабар нагирифтаам. Ин айби ман, балки гуноҳ аст ӯро хабар нагирифтан… Меравем! Ҳар куҷое бошад, ӯро ёфта меорему ба муносибати омадани ту дар хона як зиёфати кори калон медиҳам. Чӣ гуфтӣ, Файзуллоҷон?

* * *

Мегӯянд, ҷони зинда чӣ ки, оҳан тоб намеорад ба ин ҳама бори ташвишҳои зиндагӣ. Қариб ду сол аст, ки саманди бодпойи хушлаҷом-«Нива» дар роҳи ҳамвор намедавад, дар кӯталҳо мелангад. Мошин не, сарборӣ шудааст. Чанд бор ба назди устоҳо бурдаш, вале устоҳо мегӯянд, ки бубар, ба оҳанпора супор. Пири сақат шудааст, мегӯянд. Як нуқсашро меёбанд, нуқси дигар пайдо мекунад. Ана, ҳоло ними роҳро тай накарда, аз заводи семент нагузашта, дар кутал омаду истод. Овоз намебарорад. Сафарбек ба чени фаҳмишаш ин сӯву он сӯяшро аз назар гузаронд. Ким-кадом қисмҳояшро бо калид тоб дода, кушод, боз дар ҷояш гузошта маҳкам кард. Камаш қариб як соат андармон шуд. Аммо ҳеҷ не, ки нуқсашро ёфта, ба роҳ дарорад.

Файзулло дуртар, дар канори роҳ истода, ҷунбуҷули тағояшро бесаброна назора мекунад. Ҳар лаҳза баумед мешавад, аз дил мегузаронад, ки «ана соз шуд!, ба роҳ мебароем!» Вале мошин дарнамегирад, майли ҳаракат кардан, пеш рафтан надорад, балки агар сангҳои дар паси чархҳояш мондаро бигирӣ, ба қафо ҷар шуда меравад.

-Эҳ, касеро бахт баргардад, шикаст андар шикаст афтад!-беихтиёр даст афшонда, бо шикоят овоз баланд кард ӯ.

-Киро мегӯӣ? Худо нигаҳ дорад!-дар қаҳр шуд Сафарбек.

-Ин суханон ба Шумо дахл надорад, тағоҷон,-аз зарбулмасали бемаврид ба забон овардааш шармида гуфт Файзулло.-Аскарро мегӯям. Қасди дидани ӯ кардему бинед, хасбахил, чӣ қадар маътал шудем.

-Аскари бечорароро чӣ гунаҳкор мекунӣ? Ин ҷо сад дар сад айби мошин аст. Устоҳо чанд бор маслиҳат доданд, ки навашро бихарам. Аммо сабил, монад, дилам намешавад ба бозор баровардан, ҷонвар хизмат кардааст. Баъд, ба савдо монӣ ҳам, кӣ мехарад онро?

-Шукр, тағоҷон, чашм нарасад, бепул нестед, замину боғу роғи зиёд доред,-хандида гуфт Файзулло.-Мошинро нафурӯшед, монед дар хона истад. Рост мегӯянд устоҳо, бихаред, ягон навтарашро. Масалан, ана мисли он ҳозиразамонашро,-ба мошини оҳарии «Ҷип», ки аз кӯтал мефаромад, ишора кард ӯ.

Сафарбек дастонашро бо латта пок карда, чашм ба сӯи муқобил андӯхт. Бо як дидан мошинро шинохт. «Ҷип» аз сари баландӣ чун қаиқе дар болои мавҷҳо хеза карда мефаромад. Ранги оҳарияш дар шуои офтоб ялаққос мезад. Сафарбек аз суръати баланди мошин пай бурд, ки онро кӣ идора мекунад. Лаҳзае бо ҳавас чашм аз давидани мошин наканда, нобоварона сар ҷунбонд.

-Ҳмм. Медонӣ, мошини кист он?

Файзулло ҳанӯз фурсати посух наёфта, «Ҷип» хамгаштро фаромаду омада дар назди онҳо истод. Аз мошин Зумуррад фаромад.

* * *

Аз заводи семент то маҳаллаи 63-юм (ба тахмин 10-15 километр) роҳи андак нест, ки онро дар як мижжа задан тай намоӣ. Вале ин кор барои мошини тамғаи «Ҷип» саҳлу осон будааст. Ва ё шояд ҳамааш аз маҳорати ронанда вобаста аст? Шояд. Аммо киро боварияш меояд, ки ин ронандаи бомаҳорат, чусту чолок, бебок, нотарс, далер, ҷасур, балки ин вайронкунандаи қоидаҳои ҳаракати нақлиёт, ин ронандаи нозирони бозрасии автомобилиро писанд намекардагӣ, мард нею зан аст?!

Ба назари Файзулло, ки дар паҳлӯи ронанда нишаста, аз тарс рангу рӯяш канда буд, чунин намуд, ки ҳамин лаҳза ё лаҳзаи дигар «Ҷип»-и «бодпо» ба мошине бармехӯраду чаппагардон мешавад ва ё пиёдаи бадбахтеро пахш мекунаду фалокати калоне ба сарашон меояд. Не, , ҳамааш ба хубӣ анҷомид. «Ҷип» шоҳроҳи марказӣ, кӯчаю паскӯчаҳоро тирвор гузашта, дар роҳи қад-қади дарёчаи Душанбе аз пасаш гарду чангро ба ҳаво хезонда омаду дар саҳни иморати баланди нӯҳошёна таққӣ қарор гирифт.

-- Аз ҳад зиёд саросема ҳай кардам-а, Файзуллоҷон?- аз мошин фуромада, бо заҳрханд гуфт Зумуррад. Ва шарҳ дод:-Тез омаданамон сабаб дошт, ҷӯра. Апаам дар қишлоқ раҳи маро пойида шиштааст. Андаки дигар дер кунам, пӯстама меканад!

«Ҳм! Вале андаки дигар тезтар мерондӣ, пӯсти ҳар дуи моро оҳанпораҳои «Ҷип»-и маҷақшуда канда мепартофтанд»-дам назада, аз дил гузаронд Файзулло.

Файзулло бо ин духтари ҳамдеҳаи тағояш ва бо аҳли хонаводаи онҳо на он қадар ошноӣ дошт. Аммо тағояш Сафарбек дар бораи фарзандони Мармар борҳо нақл кардааст, «духтарони боадаб, бофаросат, тарбиядида»,- гуфта, ҳар доим таъриф мекунад.

Ана ҳоло ба Файзулло муяссар шудааст, ки бо яке аз ин «тарбиядидагон», бо як нафар қаҳрамони «асар»-и нотамомаш аз наздик сӯҳбат ороста, хислату рафтор,

фикру ақида ва мақсаду маромашро дар зиндагӣ аз наздик омӯхта, барои повесташ маводи зарурӣ ҷамъ оварад ва боз бедорхобиҳо кашидаву «майна об карда» аз сар нависад асарашро. Дар ин чанд дақиқаи бо Зумуррад ҳамроҳ буданаш нахуст аз хислатҳои ӯ дарёфт, ки ин «хоҳари Гавҳари бизнесмен» забони буррову часпон дорад, зуд- зуд гапзанияш ба ҳаракатҳои чусту чолокаш хеле мувофиқ афтода буданд.

Маротибаи чандум буд, ки ҷирингоси гӯшкаркунандаи телефони мобилии Зумуррад баланд шуд.

-Ана бубин, боз занг мезанад,-телефонро дар бехи гӯшаш ниҳодаву саросема ба сӯи даромадгоҳи иморати баландошёна қадамзанон гуфт ӯ -Ало, апаҷон? Ҳозиракак расида меоям! Ман дар хамгашти раҳи заводи семент. Ҳа. Мошини амаки Сафарбек вайрон шудааст. Ҳамонро соз мекунему зуд раҳакӣ мешавам!..

Файзуллоро бар замми «ронандаи берӯю беэҳтиёт» будани Зумуррад, ҳамчунин рӯирост дурӯғ гуфтанаш сахт ҳайрону мутаассир кард.

«Ана «тарбиядида!»,-дар дил мазаммат мекард ӯро-Бале, ба ин тоҷирони мошинсавор на танҳо вайрон кардани қоидаҳои ҳаракат, писанд накардани нозирони бозрасиии автомобилӣ «иҷозат» аст, балки онҳо ҳамчунин «ҳақ доранд», беибо, дар ҳолатҳои зарурат гапҳои дурӯғ ҳам бофта бароранд».

Гӯё суханони дили Файзуллоро шунида бошад, ҳангоме ки пасо пеш бо зинаҳои роҳрави иморат боло мебаромаданд, Зумуррад гуфт:

-Шояд аз дурӯғ гуфтани ман сахт ҳайрон шудӣ, Файзуллоҷон. Ин хислатро аз корчаллонҳои замони муосир омӯхтаам. Онҳо мегӯянд, ҳар касе, ки баъзан ба манфиати кор, барои хизмати шахсони дигар ва ҷамъият дурӯғ ба забон меорад, бештар ҳақ асту камтар ноҳақ.

-Не, чаро? Шумо ҳақед, апаи Зумуррад,-рӯи хотир карда гуфт Файзулло, дар ҳоле ки саросемаю бошитоб аз зинапояе ба зинапояи дигар ҷаҳида, кӯшиш мекард

ба ҳамсӯҳбаташ расида гирад.-Охир, ин корро Шумо бо хоҳиши тағоям, ба хотири акои Аскар мекунед-ку!

-Ба хотири ту ҳам, Файзуллоҷон,-шарҳ дод Зумуррад.-Охир Ҳоҷӣ маъракаи хурсандиро маҳз ба хотири аз хизмат баргаштани ту мегузаронад. Баъдан, худи ту «ба назди Аскар бубаред» гуфта илтимос кардӣ, фаромӯш кардӣ-чӣ?

-Ин гапро барои он гуфтам, ки хонаи акои Аскарро надидаам,-худро сафед карданӣ шуд Файзулло.

Дар ин асно онҳо ба назди ҳуҷраи дараш рангпаридаи оҳанин расида, қарор гирифтанд.

-Ана ҳуҷраи Устод,- ба дари ҳуҷра ишора карда гуфт Зумуррад.-Аслан ин ҳуҷраи худи Устод не, аз апаам-Гавҳар аст. Апаам онро аз дилсӯзию хайрхоҳӣ ба Устод тӯҳфа кардааст.

«Ана ин гапи нав! Онро махсус дар дафтарча қайд кардан даркор!-хушҳолона аз дил гузаронид Файзулло.-Беҳуда «зани хайрхоҳу ҳимматбаланд» гуфта Гавҳарро таъриф намекардааст тағояш».

Дари ҳуҷра нимроғ буд. Аз дарун бӯи тафи мағору туршии шароб ба димоғ расида, касро нафасгир мекард. Файзулло дарҳол рӯймолчаашро аз ҷайб баровarда, бинияшро маҳкам кард. Зумуррад бошад, бепарво, мисле ки озод нафас мегирифт, дарро оҳистаю боэҳтиёт кушода, қадам ба остона гузошт. Файзулло аз пасаш вориди ҳуҷра шуда, пойафзолашро кашиданӣ шуд.

-Пойлуч накун, дар гарду чанг меғутӣ,- маслиҳат дод Зумуррад.- Ин ҷо гилему палосе нест, ки дар болояшон қадам монӣ.

Дарвоқеъ, фарши ҳуҷра на гилем дошту на палосе, хоп-холӣ, лучу урён буд. Як ваҷаб гарду чанг зер карда буд гирду пеши ҳуҷраро. Файзулло саросема ба чор тараф чашм давонда, аз дидани манзараи ҳузнангез дилгир шуд, сахт хорияш омад. Дар миёнҷои ҳуҷра мизи фарсудаи рангпаридае бо ду курсии шалақ меистоданд. Дар болои миз чанд пора нони хушкидаву мағорбаста, як пиёлаи дер боз ношуста; як ваҷаб гард дошт болои

тахтаи миз ва дар пояҳои он тортанакҳо тор танида буданд. Он тарафтар, дар як кунҷак кати оҳанине бо курпаю болишти чиркину ифлос ба назар менамуд. Дар болои кат марде харобаи «пӯсту устухон», ришу мӯйлабаш давида, ба мисли ҷасади дар тобут хобида беҳаракат дароз мекашид ва чашмони дар косахонаи сараш фурӯрафтаашро аз сақфи ҳуҷра намеканд.

-Устод, хезед, Ҳоҷӣ Сафарбек моро барои бурдани Шумо равон карданд,- болои сараш хам шуда, бошитоб ба забон овард Зумуррад.

-Ҳеъ! Ҳоҷӣ тӯй дорад-чӣ?! -ҳамоно ноҷунбон, чашм аз сақф наканда ғурунгос зад «Устод».

-Ҳо, бале, тӯй доранд гӯем ҳам, мешавад. Файзуллоҷон аз аскарӣ, хизмати Ватанро адо карда баргаштааст. Ба ҳамин муносибат Ҳоҷӣ маърака оро-ста, ният кардаанд, аввал туро, дӯсти деринаашро хабар кунанд.

-Файзуллояш боз кӣ?!-писханд задагӣ барин лабонашро инҷ кард Аскар.

-- Файзуллоҷон-ҷияни амаки Сафарбек. Ин сӯ нигоҳ кунед, ӯро мешиносед, ба фикрам.

-- Ҳа, ин ман,-акои Аскар,- бо умед ба вай чашм дӯхта, сохтакорона сулфид Файзулло.-Дар ёд доред, бори охир дар Харангон, дар хаймаи геологҳо якҷо нишаста, хеле сӯҳбат карда будем.

Аскар нохушона, базӯр гарданашро тоб дода, рӯ гардонд:

-Ҳа, ин туӣ, «Нависанда?»-дар чашмони хаставу бемадори ӯ ифодаи нобоварӣ ҳувайдо буд.-Навиштанро ёд гирифтӣ, бача?!

Ин муносибати сарду хунук чун хоре ба дили Файзулло халида бошад ҳам, сир бой надод, лаб ба дандон газид ва худро бепарво вонамуд карда, посух дод:

-Каму беш ёд гирифтем, акои Аскар.

-- Чиро ёд гирифтӣ?!-чашмонашро ало кард Аскар ва аз ҷой нимхез шуда, пойҳояшро дар лаби кат дароз карда нишаст.-Хабар, мақола, мусоҳиба навиштанро, ё

мисли дигарон мехоҳӣ яку якбора очерк, повест, румон «таълиф» карда, китобҳо чоп кунӣ?! Ҳеъ, бача! Осон аст магар дарди дилу ботини касеро, ҳолати рӯҳии бадбахту бечораҳоро ба тасвир кашидан?!.. Мана масалан, агар ин қадар орзуи адиб шудану «ҳунари нависандагӣ» дошта бошӣ, ягон чӣ дар бораи ман навис! Дар бораи як бекаси майзадаи сари сақати ҷамъияти имрӯза, дарди сари ин замона, ки ба ҳеҷ кас даркор нест!..

Дидагони Аскар ғарқи об шуданд. Вай муштҳояшро ба ҳам гиреҳ карда, сахт фушурду бо алам лагаде ба болин фуровард, онро чанг зада гирифт ва бошиддат як сӯ ҳаво дод.-Ҳеъ, сабил монад!

-Устод! Худро ба даст гиред,- даст ба бозувонаш ниҳода, ӯро аз ҷой бархезонданӣ шуд Зумуррад.- Хезед, амаки Сафарбек роҳи Шуморо пойида нишастаанд!

-Ҳа, Ҳоҷӣ одами хуб аст. Ҷони одам аст дӯсти ман-Сафарбек. Хаёл мекунам, ғайри ӯ касе нест дар ин дунёи буқаламун, ки маро одам шуморад! Ҳеъ, бар падари ин Дунё наълат!!!

-Хайр, хезед, Устод, ба хотири дӯстатон, равем зудтар, ки агар ками дигар дер кунам, апаам маро пӯст меканад!-бо илтиҷо гардан каҷ кард Зумуррад.

Боз писханди талхе дар лабони Аскар ҳалқа зад; вай чашмонашро бо нафрат танг карда, ба Зумуррад нигарист

-- Чӣ, аз апаат метарсӣ? Аз Гавҳари судхӯр-а?

-Ҳам метарсам, ҳам ҳурмат мекунам апаҷонамро. Охир, баъди аз олам рафтани очаҷонам вайро мо ҳама аҳли хонавода «очаҷон» мегӯем.

-Эҳ! Медонӣ, ман ба Гавҳар чӣ қадар эътиқод доштам, вақте ки дар офтоби сӯзони адир хишт мерехту хишт ҳисоб мекарду хишт мекашонд! Ҳоло бошад, моли бегонаҳоро якчанд баробар бо нархи гарон ба ҳамдиёрони худ мефурӯшад, ба фоида фоида зам мекунад! Судхӯр аст, апаи ту! Сарвату пулу моли зиёд ҷамъ карда, фукаш ба осмон расидагӣ! Одам мисли пашша метобад, дар назари Гавҳар!

-Бубахшед, очаҷонамро ин қадар наҳ назанед, Устод!-бо алам гуфт Зумуррад.- Хафа мешавам!

-Ҳе, хафа шавӣ, шудан гир! Чӣ, ман аз ту қарздорам, ки аз хафа шуданат метарсонӣ?!! –Инро гуфту якбора дами Аскар дарун афтид. Ким-чӣ хел, хаёлолуд чашмонашро тангтар карда, ба сақфи ҳуҷра нигаристу бо оҳанги надомат суханашро идома дод.-Росташа гӯй, Зумрат! Ҳамин хонае, ки ба ман додаед, аз они туст, ё аз Гавҳар?! Ба худо, аз Гавҳар бошад, худи ҳозир аз хона баромада меравам!

-Хайр, аз ҳар кӣ бошад, фарқаш-чӣ, Устод? Охир ману Гавҳар апаю хоҳарем! Мо ҳар ду ин хонаро ба Шумо бахшидаем…

-Ана ман хафа шудам! Сахт ғазабамро овардӣ, Зумрат! -якбора фарёд кашид Аскар.- Ту дурӯғ мегӯӣ, дурӯғ!!! Ман медонам, агар зорию илтиҷои ту намебуд, апаи судхӯри ноинсофат дар сад сол ин ҳуҷраро ба ман намедод! Гуфтам-ку, агар ин хона хонаи ҳамон биз-несмени ҳавобаланд бошад, туф кардам ба ин хона!!!

-Майлаш, туф кунед, агар ба хонаи худ туф карданӣ бошед!-бо овози гиряолуд гуфт Зумуррад.

-Э, рав, маро ин қадар насиҳат накун! ...-дар ҳоле ки чашмонаш суп-сурх аз косахонаи сараш зада баромада буданд, ситеза кард Аскар –Аскар мемураду бо судхӯрони замона созиш намекунад, фаҳмидӣ?!-ва ҳамоно рӯ ба Файзулло гардонд.-Ҳа, ту ҳам фаҳмидӣ, журналист! Нависанда! Асар менависӣ?! «Қаҳрамон» мекобӣ?! Ана ман «асар»! Ана ман «қаҳрамон!» Ана ман- образи таппа-тайёр! Манфӣ, дурушт, дағал!.. Метавонӣ, тамоми бадтарин хислатҳои одамиро номбар карда, ба ман часпонӣ: бадмаст, бадфеъл, бадҷаҳл, арақхӯр, ношуд, дунёбезор! Навис: «кӯҳнапараст!» Намехоҳад, наметавонад бо ин ҷамъияти «нав», «демократӣ», «ҳуқуқбунёд», «дунявӣ» созиш кардан! Ба ин ҷамъияте, ки заминро, виҷдонро, нангу номусро, одамгариро, ҳама чизро ба савдо гузоштааст! Навис, ки Аскар ба ҳамаи ин капиталистон, империалистони на-

вбаромад, ба ин ҳама нобаробарӣ, нобародарӣ, ноадолатиҳо нафрат дорад! Бигӯ ба хонанда, фаҳмон, ки шиори қаҳрамони мо-Аскар дар зиндагӣ як аст: «Баробарӣ! Баробарии иҷтимоии ҳамаи зодагони рӯи Замин!» Худои мутаол, албатта, панҷ панҷаро баробар наофаридааст! Вале ин панҷ панҷаро чунон ҳам насохтааст, ки як ангушт аз ангушти дигар даҳ маротиба дароз бошад! Худо тамоми неъматҳои рӯи Заминро барои бандагонаш муҳайё карда, даъват мекунад, ки «бандагонам, неъматҳои додаамро аз рӯи адолату инсоф бо ҳамдигар қисмат намоед!»… Оё ту метавонӣ, ҳамаи инро навишта?! Оё туро касе аз ин амалдорони ноинсоф гӯш мекунад? Оё китоби навиштаи туро чоп мекунанд? А? Э, бар падари ин Дунёи ношуд наълат!!!

Вай инро гуфту ба нафрат рӯ ба девор гардонда, болинро ба сараш кашид ва якзайл, чуқур-чуқур нафас кашида, ҳиқ-ҳиқ ба гиря даромад.

* * *

Дар бозгашт, агарчанде суръати мошин аз пештара баландтар буд, ин дафъа дили Файзулло он қадар ваҳм намекард. Балки баракс, вай Зумуррадро шитоб мекунонд, ҳадаҳа мекард:

-Газ диҳед, апайи Зумуррад! –чун вориди шоҳроҳи хиёбони Рӯдакӣ шуданд, таъкид кард ӯ.-Лекин, илтимос, ҳушёр шуда, боэҳтиёт ҳай кунед!

«Охир, дар ин муддати на камтар аз як соат хуни ҷигар хӯрд духтари бечора,-дар паҳлӯи Зумуррад нишаставу мисли ӯ бодиққат чашм аз роҳ наканда, аз дил мегузаронд Файзулло.- «Ҳозир меоям, апаҷон!»-гуфта, ин қадар баҳонаҳо меҷуст дар ҷавоби пайи ҳам занг заданҳои Гавҳар, ин қадар дурӯғ мебофт, ки «қариб омадаст, апаҷон, мошини амаки Сафарбекро соз мекунем!».

Баъдан ҳар ду майле доштанд, ки ҳарчи зудтар Сафарбекро дарёб кунанд. Ба вай гӯянд, ки супоришатро ба ҷо овардем, «шодиёна» гиранд, ки як илоҷ карда Аскарро розӣ кунонида овардем! Ана Аскар, дар курсии

қафо, якпаҳлӯ дароз кашида хобидааст. Сахт касал аст, дар рӯш ранг намондааст, вале зӯран дар мошин савораш кардем, ба хотири он, ки аз табиати фораму дилкушои Варзоб нафас кашида, баҳри дилаш кушода шавад, каме дар чорбоғи дӯсти наздикаш Сафарбек нишаста, дам гирад, қувват гирад…

Лекин, афсӯс, ба назди заводи семент расиданду на пай буду на ҳайдар! Аллакай мошинашро соз кардаву онҳоро интизор нашуда, рафта буд Ҳоҷӣ!

Дар шоҳроҳи Душанбе-Хуҷанд суръати «Ҷип» боз ҳам баланд шуд. Ба як маънӣ, саманди бодпост, ҳай медавад, ҷонвар! Онҳо акнун ба он умед бастанд, ки ба мошини Ҳоҷӣ дар гардишгоҳи Харангон ва ё дар ними роҳ, ё ҳеҷ набошад, дар даромадгоҳи деҳа расида мегиранду Аскарро ба «Нива» мегузаронанд. Бо ҳамин ҷонашон аз Гавҳар халос! Вай намебинад, намедонад, ки Аскарро маҳз дар мошини ӯ аз Душанбе савор карда овардаанд! Бигузор Гавҳар гумон кунад, ки онҳо дар ҳамаи ин муддат мошин соз кардаанд, мошини Ҳоҷиро. «Сабил монад, ин «Нива», ғам дод, хеле ғам дод, ҳарчӣ ҳам набошад, тамғаи кӯҳна-да! Тамоман аз кор мондааст, шалақ шудааст! Э, ин Зумрад бало будааст! Тамоми қисмҳои мошинро панҷ панҷа барин медонистааст. Агар ӯ намебуд, аз куҷо соз карда мешуд ин мошинро?!».

Ана ҳамин баҳонаҳоро тайёр карда монда буд дар дил Файзулло. Ҳамин ки ба деҳа расиданд, аввал ӯ ба гап мегирад Гавҳарро. Ҳамчун як нафар қаламкаш, ҳамчун як нафар «сухандон» коре мекунад, ки Гавҳар Зумуррадро бисёр ҷанг накунад, димоғи бе ин ҳам сӯхтаи ӯро батар насӯзонад…

Гардишгоҳи Харангонро гузаштанд, масофаеро чанд дар роҳи пасту баланди кӯҳдоман тай карданд. Вале ҳеҷ не ки аз пеш мошини Сафарбек намудор шавад. Аз афташ, Ҳоҷӣ ким-кайҳо вориди деҳа шудааст. Чун ба Харангон наздик расиданд, аз дур занеро диданд, ки дар сари як нишебӣ истода, ду чашм аз роҳ намеканд.

Файзулло суоломез ба Зумуррад нигарист. Яъне, «ӯ апаат-Гавҳар нест магар?» Зумуррад дам назад, суръати мошинро каме сусттар кард. Акнун дар чуқурию пастихамиҳо саросема нашуда, хеле эҳтиёткорона мошин меронд, то ки ягон пора оҳани он зарб нахӯрад. Балки шояд, ӯ маҳз ба он мақсад эҳтиёткорона мошин меронд, ки дар роҳи ноҳамвор кӯфтаю хез задани «Ҷип»-ашро Гавҳар аз дур наззора карда, батар ҷаҳлаш боло нагирад. Авзои хастаю дилгирифт ва ҳиссиёту ҳаяҷони ботинии ӯ аз назари Файзуллои мушоҳидакор дур намемонд. Ҳар қадар масофа кӯтоҳтар мешуд, ҳар қадар мошин пеш мерафт, ҳамон қадар Файзулло пай мебурд, ки дастони нозуки маҳкам ба чанбари мошин часпидаи Зумуррад бештар ба ларза даромаданд.

Ба нишебӣ расиданду Зумуррад мошинро чанд қадам дуртар нигоҳ дошта, пиёда шуд; давида рафту дар рӯ ба рӯи Гавҳар гунаҳкорона сар хам карда истод.

- Мошини Ҳоҷиро «соз» кардӣ?! –пеш омада, якбора овоз баланд кард Гавҳар.- Як духтари каппа-калон айбу шарма намедонӣ, ки дурӯғ мегӯӣ?!

-Бубахшед, апаҷон…

Гавҳар бештар барошуфт:

-Охир чӣ хел бубахшам, ки аз раҳ пойидан кӯки чашмонам канд! Бо ин корат, медонӣ, чӣ қадар вақти қиммати маро ба бод додӣ, чӣ қадар ба савдои ман зиён овардӣ!

Дар ин дам Файзулло «ассалом» гуфтаву бо эҳтиромона даст пеши бар гирифта, худро ба назди онҳо расонд. Дили Зумуррад бақувват шуд, ба умеде, ки ҳоло Файзулло, ин журналист, ин нависандаи сухандон гапаке ёфта, коре карда, апаашро ба сӯҳбат мекашаду лаҳзае ҳам бошад, оташи ғазаби ӯро фурӯ менишонад.

-Шинос шавед, апа. Ҷияни амаки Сафарбек. Номаш Файзулло. Журналист, нависанда, –беҷуръатона гуфт Зумуррад.-Мехоҳад, апаҷон, дар бораи Шумо, дар бораи як зани тоҷики бизнесмен китоб нависад.

Файзулло бо фахр галстуки гарданашро ба тартиб ан-

дохта, сар боло кард. Гумон кард, ки Гавҳар хурсанд, розӣ мешавад, ки дар бораи ӯ чизе нависанд, таърифаш кунанд. Вале баракс, Гавҳар абрӯ дарҳам кашиду ба ҷониби муқобил ишора кард, ки он ҷо ду мошин-«Нива»-и Сафарбек ва «Жигули»-е калла ба калла меистоданд.

-Нависанда бошӣ, бирав, дар бораи тағоят навис, додар,-бо ситеза гуфт Гавҳар.-Охир, вай соҳибкори пешқадам, роҳбари хоҷагии деҳқонӣ, хӯҷаини замину боғу роғи калон аст. Баъд, тағоят дӯстони наздик, ҳамнишину ҳамзиёфатҳои зиёде ҳам дорад, ки ҳамаашон ба «таъриф» меарзанд: Якеяш ҷияни ман, номаш Қобил, бекорхӯҷа, як соат бе арақ истода наметавонад. Дигараш, ҳозиракак, ба фикрам, аз назди вай омадед, ба қавле, Устод аст, муаллим, таълимдиҳанда.. Рости гап, аз дидани афти онҳо дили кас беҳузур мешавад! Ана ҳамин хел, додари азиз, китобатро ҳам ман мегӯям, чӣ ном монӣ: «Ҳоҷӣ ва дӯстони ӯ-бадмастон».

Файзулло аз чунин ранг гирифтани муносибат сахт дар хиҷолат афтод, назаре гилаомез ба Зумуррад афканду пушти сар хорид.

-Ҳоло онҳо куҷо рафта бошанд-а?- баҳонаҷӯёна ба мошинҳои муқобил дида андӯхта, пурсид ӯ.

-Киҳо?!

-Тағои ман.. ва ҷияни Шумо?...

-Ман чӣ донам! Ман қаровули ҳар як ҳоҷию ҳар як худобехабарам магар?-дӯғ зад Гавҳар.

Файзулло аз дӯғ заданҳои ӯ ибо кард, ё дар чунин лаҳзаҳои нозуку ногувор дар ҳузури хоҳарон истоданро аз рӯи фаросат надонист магар ки саросема «роҳи гурез»-ро пеш гирифт. Қаламу дафтарчаашро, ки бо мақсади ким-чиҳо сабт кардан бароварда, ба навиштан тайёр шуда меистод, дар ҷайб андохту ба пасаш нигоҳ накарда, рост ҷониби «Нива» ва «Жигули» раҳсипор шуд.

Зумуррад ноумед шуд. Карахту беёд сар ба сукут афканда, интизорӣ мекашид, ки апаш боз чиҳо гуфта ӯро сарзанишу маломатҳо мекунад.

-- Ҳа, чӣ нигоҳ карда истодаӣ?! –қадаме пештар ниҳода даст дароз кард Гавҳар.-«Раҳмат», хеле вақтама гирифтӣ. Те, акнун, калиди мошина, аз пайи корам равам!

Зумуррад гардан каҷ кард:

-Апаҷон, ҷон апаҷон, як лаҳзаи дигар фурсатам диҳед, монед, ӯро бурда ба дасти амаки Сафарбек месупораму зуд бармегардам.

-Киро?!-якбора чашмонашро калон кушода, воҳима ангехт Гавҳар.

-Устодам, Аскарро.

-Ҳоло вай дар мошин нишастааст?! Дар мошини мана? Паҳ! Ҳамаро бӯй гирондам гӯй! Як хонаи тозаву озодаро дар ихтиёраш гузошта, ҳаром гардонданат бас набуд, ки боз «мошинсавораш» кардаӣ?!

Дар ин асно дари қафои мошин тараққӣ кушода шуду суҳбати хоҳарон нотамом монд. Аскар лағжида аз кобин мефаромад. Ҳар ду хоҳар бо авзои парешон дида ба сӯи ӯ андӯхтанд. Аскар хапу хомӯш фуромада, ба пеш қадам ниҳод. Авзояш дилгирифт, як даст дар қафаси чапи синааш ниҳода, қадамҳояшро канда-канда роҳ мерафт. Вай ғайричашмдошти Гавҳару Зумуррад дам назада, ҳатто нигоҳе ба сӯяшон наафканда, аз назди хоҳарон гузашта рафту калавида роҳашро қад-қади сангфарш идома дод.

Ҳини гузашта рафтанаш ба Гавҳар фурсате даст дод, ки бо қираи чашм ба рӯи камхуни рангпаридаи Аскар аз наздик зеҳн монда, сипас, масофае чанд ӯро бо нигоҳҳояш гуселонад.

-Эҳ, Худо!-гиребонашро дошта тавба кард Гавҳар.-Ба вай нигар! Ранги рӯяш рӯи мурда барин! О, ҷувонимарг, мурдаро куҷо кашола карда овардӣ?!

Зумуррад бештар сарашро кашол карда, чашмони гиряолудашро ба замин дӯхт. Чанд қатра ашк аз рухсораҳои ӯ фурӯ рехта, бари доманашро тар кард.

-Ту дурӯғ гуфта бошӣ ҳам, Ҳоҷӣ ҳамаи гапро қоил шуд, духтар!-пас аз лаҳзае сукути ногувор бо ҳамон гилагузорӣ суханашро идома дод Гавҳар.-Хайр, мо-

шинро бе иҷозати ман бурданат ба хайр аст, хуб кардӣ, ки ӯро хабар гирифтӣ, лекин бо ин аҳвол бечора касалиро мемондӣ ба ҳоли худаш! Бовар дорам, Ҳоҷӣ ҳам аз ин «дарди сари» овардаат хурсанд намешавад!

Зумуррад беҷуръатона сар боло карда, аз пайи Аскар ба пеш нигарист. Аскар ҳанӯз калавида роҳ мерафт. Қадаммонии ӯ торафт сусттар ва сусттар мешуд. Тахминан 50-60 қадами дигар монда буд, то ки ӯ худро ба назди «Жигули» ва «Нива» расонад.

-Худи амаки Сафарбек наменамояд?-нигоҳашро аз Аскар гурезондаву ба мошинҳо нигариста, оштихоҳона, бо овози ноҳинҷор пурсид Зумуррад.- Мошинаш дар ҳамин ҷост. Онҳо куҷо рафта бошанд?

-Куҷо ҳам мерафтанд?-боз ба шикоят гузашт Гавҳар.- Худобехабари Қобил, ана ҳамин писарамаки мо, ки ману ту ҳам аз афташ безорем, аз аскарӣ баргаштани ана ин «нависандаи маҳмаддоно»-ро шунида, саҳар инҷониб раҳи Ҳоҷиро мепоид. Ба фикрам, Ҳоҷиро розӣ кунонида, барои харидани сабилмондаи арақ рафтаанд. Дилам гувоҳӣ медиҳад, ки онҳо ин бегоҳ чӣ балоеро ба сар меоранд. Одами касалро нӯшонида, батар касал мекунанд, дилам гувоҳӣ медиҳад, ки ҷо ба ҷо мекушанд бечораи бадбахтро!

-Шумо киро дар назар доред, апа?-қасдан худро ба нофаҳмӣ зада, беҷуръатона ба забон овард Зумуррад.

-Киро мебуд? Ҳмм! Гӯё ки ҳеҷ чизро намедонӣ, мусичаи бегуноҳ! «Устодат»-ро. Охир раҳгардии ӯро бубин! Базӯр пояҳояшро кашола мекунад! Як қатра аз он сабилмонда кифоя аст, ки бинӯшаду дилаш торс бикафад! Э бало занад! Як одами дуппа дурусти донишманд асту кӣ ӯро маҷбур кардааст, ки ин қадар ба ҷони худ ҷабр кунад! -Вай бори дигар аз пайи Аскари рафтаистода назаре афканду боз даст ба гиребон бурда, тавба кард.-Ё тавба! Худи ҳамин лаҳза ё лаҳзаи дигар ғалтида, дар рӯи хоку санг ба даҳан назанад, номама мегардонам! Э, мур аз ин ҳолат-е, бадмасти худобехабар!

-Ин тавр нагӯед, апа! Ҳарки ҳам бошад, акои Аскар

марди беозор аст,-ниҳоят тоқат карда натавониста, гилагузорӣ намуд Зумуррад.

-Беозор бошад, бигир ӯро. Шӯ надорӣ!,- бо киноя гуфт Гавҳар.

-Ҳа, мегирам, гап доред, апа! Бас будагист, ин ҳама талху пичингу неш заданҳоятон! Охир, Аскар Инсон аст! Инро ҳеҷ фикр мекунед Шумо?

-Не! Чунин касон-ӯву Қобил баринҳо аз зоти одам нестанд! Онҳо худозада, кулфатзада, осиянд! Мефаҳмӣ?! Боз ту шарма надониста, «ҳа, ӯро мегирам!» гуфта забонатро як қулоч дароз мекунӣ!

- Вазифаи Зан-Модар тарбияи инсон аст! Инсоне, ки ҳама зодаи модар, фарзандони модаронанд-ҳам духтару ҳам писар, ҳам зану ҳам шавҳар! Зани оқил он аст, ки на фақат фарзанд, балки шавҳари худро ҳам тарбия карда тавонад! Инро доимо падарамон ба мо мегуфт, фаромӯш кардӣ-чӣ, апаҷон?! Пас, чаро мо зан шуда, натавонем чунин мардонро тарбия карда, ба роҳи дурусти зиндагӣ андозем, мардеро, ки танҳояст, ҳеҷ кас надорад, ғамхоре, дилсӯзе, саробоне нест, ки ӯро нигаҳбонӣ кунад, дар ғаму андӯҳ тасаллои дилаш шавад! Чаро мо дидаву дониста, чунин мардонро дар қади кӯча партоем, ки аз бекасӣ дилашон аз одаму олам сарду хунук шудааст?!..

-Хайр, шуд, бас! Медонам, дилат месӯзад ба вай. Шунидаам, гуфта будӣ, ки саргузашти талхе дорад ин ҷавонмард. Нақл карда будӣ, ки занаш бероҳа шудааст, барои ҳамин «Устодат» ӯро талоқ додааст, хабар дорам, ки дар ҳамон рӯзҳо модари касалияш аз олам гузаштааст, гуфта будӣ, ки як додари Аскар дар сарҳад аз як афғони гӯрсӯхтаи нашъаҷаллоб тир хӯрда, ҳалок шудааст. Лекин бо ғам хӯрдану арақнӯшу бадмаст шудан магар мурдаҳоро зинда гардондан, ҳаёти гузаштаро баргардондан мумкин аст?

-Не, Шумо аз саргузашти талхи ӯ ҳеҷ чизро намедонед! Ду бародари ӯро дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо зану фарзандонашон кушта, хонаашонро оташ задаанд! Як хоҳарчааш аз тарси силоҳбадастон гурехта, худро ба

дарё партофтааст. Дар солҳои барқарор шудани ҳукумати қонунӣ як ҷиянаш мухбири суратгир будааст, дар Тавилдара ҳини суратгирӣ бедарак, беному нишон шудааст. Модараш-хоҳари калонии ҳамин Аскар ӯро кофтан рафта, дар адир танҳо монда девона шудааст. Занаки бечорароо гӯё дар як шаби сармои зимистон гургон пора-пора кардаанд… Акнун аз хешу табору авлодони Устод ҳеҷ кас намондааст! Вай тамоман танҳояст, танҳо, мефаҳмед?!!

-- Эҳ, Худо! Тавба! Тавба! Охир, аз дасти мо, бандагонаш чӣ меояд,

агар Хости Парвардигори ҳаждаҳ ҳазор олам ҳамин бошад?!..

-Ҳа, акнун ба Шумо ҳам таъсир кард?! Саргузашти ғамангез аст, дилатон сӯхт, ҳамин тавр не? Пас, розиед, ки ман тақдири худро бо тақдири ҳамин ҷавонмард бипайвандам?

-Ту чиҳо мегӯӣ? Ақлатро хӯрдай-чӣ , Зумрат?

-Ҳа, ақлама хӯрдаам!

-Э, хок бикашата, духтар, ба ин гапи ёфта баровардаат!

-Майлаш! Хок бикаша маро! Ба ростӣ, ин дунё ба дилам задааст! Аз беруни хок будан дар даруни хок будан беҳтар аст!

-Ин бадмасти гузаро ба нохуни ту намеарзад, мефаҳмӣ?!

-Биарзад, наарзад, мегирам, гуфтам, мегирам! Боз гап доред?! Охир, то ба кай ман «шаҳзода»-и худро интизорӣ мекашам?! Аз нисф зиёди умрам гузашт! Пир шудам, пир, мефаҳмед?! Хоҳед-нахоҳед, ман ин корро мекунам: Бо Устод хонадор мешавам, бахту тақдирамро бо вай мепайвандам, ҷон коҳонда, ӯро табобат мекунам, Худо хоҳад, Аскар сиҳат мешавад, мо ҳар ду хонаву дари обод месозем… Ҳама медонад, ки ӯ геологи донишманд аст. Агар дилбастагияш ба шароб намебуд, ҳоло олим, ё роҳбари ягон корхонаи калон мешуд. Ман ният дорам, баъди сиҳат кардани ӯ аз ту,

апаҷон, қарз гирифта, ҳар ду дар ҳамин Харангон ягон корхонаи хусусии коркарди маъдан кушода, дар ободии ватан саҳм бигирем…

-Бас кун, духтар!

-- Чӣ, Шумо розӣ нестед, ки ба мо қарз диҳед?

-Хап шин, мегӯям! -чашм аз самти муқобил наканда, ҳаросон шуд Гавҳар. -Ту ӯро сиҳат карда наметавонӣ. Аллакай дер шуд! Ҳар кор вақту соат дорад.

-Не, дар пеши Худо савганд хӯрдаам, ки ба ӯ шифо мебахшам!.

-Хап!!! Дамата гир, Зумрат! О, ту як бор ба вай нигар!-ба сӯе, ки Аскар ҳанӯз дур нарафта буд, ишора кард Гавҳар.

Зумуррад якбора лаб фурӯ баста, аз пайи нигоҳи Гавҳар, ба сӯи ишоракардаи вай нигарист.

Аскарро дид, ки раҳравон қафаси синаашро маҳкам доштаву сахт фушурда, мисли мурғи тирхӯрда яктефа раҳ мерафт. Вай бо ҳамин аҳвол як-ду қадами дигар ниҳоду якбора рӯнокӣ дар болои сангу хоки рӯи раҳ афтод. Ғалтиду дигар наҷунбид, гӯё ки дар замин ширеш шуда буд.

-- Апа! Апаҷон!- ҳавлангез овоз баровард Зумуррад.- Апаҷон, калида диҳед, ман равам! Охир, бинед, вай мемурад!

Ин ҳодисаро аз дур дида, ҳамоно Ҳоҷӣ Сафарбек, Файзулло ва аз паси онҳо Қобил саросема дар мошинҳояшон нишаста, дар як лаҳза худро болои сари Аскар расонданд.

Зумуррад калиди мошин дар даст, ҳар қадар мехост ба пеш қадам ниҳад, наметавонист; пойҳояш то зонувон карахт шуда буданд. Вақте ки зӯр зада, майли ҳаракат намуд, хаёле пойҳояш шикастанд-қат шуданд; беихтиёр дар болои як ваҷаб сабзаи хушкидаи домани пушта дузону нишаст, мисле ки дар рӯи ҷонамози густурда нишаста бошад. Мисле ки ба саҷда мерафта бошад, панҷаҳояшро ба рӯ кашиду пешонияшро дар сангу хоки хасу хасрӯбаҳо ниҳод. Дуру дароз, лаҳзаҳои тӯлонӣ

бад-ин минвол истод, сар боло накард. Дарун-дарун сӯхтаву ба алам гирист, аз дидагонаш шашқатор ашк мерехт.

Бе ҳарф, бе сухан бо Замин роз мегуфт Зумуррад. Аммо Замин хомӯш буд.

...Як вақте сар аз Замин бардошту бо нӯги рӯймол оби дидагонашро пок карда, ба атроф нигарист. Дар пасу пеш касе наменамуд. На Гавҳар, на Ҳоҷӣ Сафарбек, на Файзулло, на Қобил, на мошинҳо... Сукути кӯҳдоманро аз чор атроф овози чирчиракҳо халалдор мекард, ки беист, якмаром чиррос мезаданд.

Фардои он рӯз дар маросими мотам аслан аз наздикони Аскар ҳамин нафарон буданд: Зумурраду Гавҳар, ки ҳар ду пироҳани азо дар бар, рӯймоли сиёҳ бар сар доштанд ва Файзуллову Қобил- тоқиҳои азо бар сар, ҷомаҳои сиёҳ дар бар.

Саллоти ҷанозаро дар масҷиди ҷомеъ домулло Ҳоҷӣ Сафарбек мехонд.., ки дар он лаҳза Ҳоҷӣ Камол низ расида омад.

# ҲИКОЁТИ МАНЗУМ

## МИННАТ

Дар чаманзоре чаридан дошт хар,
Аз алаф хӯрдан намебардошт сар.
Гарчи бас марзу чарогоҳ дида буд,
Марғзореро чунин нодида буд.
Сер шуд, хушҳол гашту ҳанг зад,
Ҳар-ҳараш бар гӯши гургон чанг зад.
Зуд дандон тез карда он замон,
Сӯйи ӯ як села гург омад давон.
Аз миён нагзашта як дам, лоҷарам,
Пора мекарданд ӯро аз шикам.
Гар намеомад зи роҳи гулпӯше,
Бар раҳои ҷони хар ҳезумкаше.
Ҳезумаш дар пушт, досаш дар камар,
Доштӣ бисёрҳо ҳоҷат ба хар.
Гарчи дар дил будаш аз гургон ҳарос,
Аз таваккалҳо ба каф бигрифт дос.
Бар вуҳуш, албат, чӣ хирсу шеру гург,
Ҳайбати одам асар дорад бузург.
Бешак, аз як ҳамлааш бигрехтанд,
Гарди сум бо марғзор омехтанд.
Сар ба пойи ӯ фуруд овард хар,
Зери бораш пушти худ овард хар.
К-«Эй раҳобахшанда, борат мекашам,
Соҳибам ту, ҳарчи фармоӣ, хушам!».
Мард буд мағрур аз он ки дошт хар,
Аҳл буд, ҳар бор мебардошт хар.
Дошт он бечора хар аҳволи зор,
Бор мебардошт, ҳам бори савор.
Бор мебурду вале хомӯш буд,
Чунки бори миннаташ бар дӯш буд…»

## БИНО ВА ОҶИЗ

Он яке гуфт аз ситеза бо Худо,
К-«Офаридӣ баҳри чӣ, охир, маро?
Бенавою бекасу дарвеш ман,
Ҳоҷати як кас наяфтад пеши ман».
Гуфт Яздонаш ки: «Эй, бигзор хашм,
Шукр бинмо, ки туро биност чашм.
Рав, ба оҷизон ту бингар аз қариб,
Ҷумлаанд аз давлати ту бенасиб».
Мард аз ин посух басо шуд музтариб,
Бо хаёле монд дар ҳоли аҷиб.
Оҷизе мезист бо вай ҳамгузар,
Симу зар будаш фаровон аз ҳунар.
То раҳонад хешро бино зи фақр,
Он замон бинҳод по бар роҳи макр.
Бар дари оҷиз бирафту диду гуфт:
«Хоҳӣ аз кӯрӣ раҳӣ, ҳамсоя, муфт?
Бош, то назди табибе мебарам,
Бар давобахшои дардат биспарам».
Кӯр бовар кард.
Ин бурдаш ба роҳ,
Дур бурд, он ҷо, ки дар раҳ буд чоҳ.
Ӯ валекин беҳтар аз ин роҳ дид,
Чашми дил бино будаш, он чоҳ дид.
В-он ки бино буд, зи раҳ бероҳ рафт,
Кӯрақле худ даруни чоҳ рафт..».

## БОРУТ

Назди борут истода буд ҷавон,
Дод дар мискин сигораш дар лабон.
Ҳоҷати марҳум сигори талх буд,
Ғафлати дудаш зи ҷон бубрид зуд.

## ҲОҶАТ

Модаре хушбахт келиндор шуд,
Омаду ҳамсояаш гуфто: «Дуруд!»
Гуфт: «Келин хуб хизмат мекунад?
Духтари кас хуб ё бад мекунад?»
Гуфт: «Ҳоҷат нест-хидмат мекунад,
Бас ҳамин ки хуб ҳурмат мекунад».

Ҳоҷат асту хидмат асту ҳурмат аст,
Одамӣ манзур дорад пешу пас.
Гӯ, аз ин ҳар се кадом ояд нахуст?
Гар бувад ин ҳар ду бе миннат, накуст.
Пеши ҳар кас он ки ҳоҷат кам барад,
Нек бошад, умр беминнат барад…
Молу чизи даҳр дуде беш нест,
Нафси одам анкабуте беш нест.
Гар якеро куштаам, нафси ман аст,
Ҳирс заҳри мору каждум дар тан аст.
Зери по курсист мансабдорро.
Нафси бад ӯро расан дар гардан аст.
Ҷуз шикам касро надодастам фиреб,
Ҳар ки серам кард, бо ман душман аст.
Баҳри ноне пой бар Қуръон ниҳод,
Кист ӯ? О ваҳ, дили вай оҳан аст!
Он ки нашносад зи нон Қуръонро,
Кӯр бод! Ин хондану он хӯрдан аст!
Ҳирс сагро сӯйи партовгаҳ кашад,
Бехабар, шояд ба ноне сӯзан аст.
Одамиро дар бадан гар нест ҷон,
Чун карам бингар, ҳама пероҳан аст.
Хӯрдан асту нест бурдан аз ҷаҳон,
Оташе ин ҳикмат андар хирман аст.
Як кафи хокистар аз тан монду бас,
Ду ҷаҳон аз гулхани ҷон равшан аст.
Мурғи ҷонро нест тан ҷуз аз қафас,
Баҳри он роҳи нафас чун равзан аст…

## ЗАНИ ДЕВОНА

Як зани девона урён мегузашт,
Дар нигоҳи раҳгузорон мегузашт,
Ҳар кӣ бар вай дида ҳайрон мегузашт,
Дасти тавба дар гиребон мегузашт.

Пирамарде ҷомааш аз тан кашид,
Давдавон рафту ба дӯши зан кашид.
Раҳгузоре лаб кушуд: «Ин хайри пир
Бар худо, хайри сағирасту кабир!»
В-он дигар гуфто ки: «Хайрат мустаҷоб,
Чун ту кош афзун шавад аҳли савоб!..

Ҷомаи рангин чунин аз адлу дод
Низ бар ҷамъияти урён кӣ дод?..».

## ДОРО ВА ХИРАДМАНД

Яке буд марди дорои тавонгар,
Фаровон доштӣ аз симу аз зар.
Миёни ҳафт духтар – ҳафт хоҳар,
Писар будаш ягона нозпарвар.
Ки будаш аз камоли меҳри афзун,
Зи тифлӣ он писар бо ҷон баробар.
Ҳама доройяш бахшида бар вай,
Ҳар он чи хост, мекардаш муяссар.
Дар он кохи биҳиштосо тӯ гӯӣ,
Ҳаменӯшид об аз ҳавзи Кавсар.
Шабонаш аз пари қӯ буд болин,
Ба по тахти равон густурда бистар.
Чашида тамъи шаҳду шаккари ноз,
Писар шуд бадгуҳар охир муқаррар.
Бадар омад чу аз дунёи тифлӣ,
Бурун бинҳод по аз роҳи бовар.

Ба рафтан аз замин пояш ҷудо буд,
Қадам бигзоштӣ бо карру бо фар.
Ба зоҳир лухтаке аз мушку анбар,
Ба ботин оташе аз шӯру аз шар.
Таомаш талх буд дар ком бе май,
Даме аз каф намеафканд соғар.
Ба ҳарфи зишт мезад ҳар дам аз кибр,
Ба қалби хоҳарони хеш наштар.
Зи гуфтору зи кирдори хабисаш,
Буд андар хонадон ҳар рӯз маҳшар.
Падар буд додхоҳи қисмати хеш,
Касе аммо набудаш додгустар.
Нишасту аз пайи тадбир рӯзе,
Яке андешааш афтод бар сар.
Ки дар ҳамсоягӣ мезист ӯро,
Яке марди хирадманду ҳунарвар.
Пайи маслиҳату имдод он гаҳ,
Ҳамон ҳамсояашро рафт бар дар.

Бад-ӯ гуфт, эй хирадманди ҷаҳондон,
Тавонӣ мушкиламро кард осон.
Кушо бар ман дари дунёи ҳикмат,
Бурун овар аз ин ҳоли парешон.
Падарро мисли ҷон фарзанд азиз аст,
Ту худ донӣ, маро дардест бар ҷон.
Падарро нури чашмон аст фарзанд,
Чи суд аммо агар чашм аст гирён!
Писар бо лутфу эҳсон парваридам,
Кунун бар сар бало шуд лутфу эҳсон.
Бад- ин дарде, ки дорам, эй хирадманд,
Чи сонам, гӯй, кардан чора битвон?
Ба хона барзагав дорам ду –се сар,
Туро як сар ҳамебахшам аз онон…

Чу бишнид ин сухан он марди оқил,
Ҷавоби нукта пинҳон дошт дар дил.
Ба рағми бовари ҳамсоя гуфташ,
Ки он гав боядам дидан дар оғил.

… Бидиду гуфт: «Эй, ин барзагавро
Маро бурдан зи дарди туст мушкил!
Занад шоху кунад оғуштаи хун,
Таҳи сум афканад дар хоку дар гил!
Ҳамон беҳ, ки маҳе макшой аз банд,
Мадеҳ кунҷора, то ояд чӣ ҳосил…»

Ба тадбир он падар бо гав чунин кард,
Расо як моҳ ӯро гушна парвард.
Ба ҳоли чорпои нозпарвар
Назар афкандаву афсӯс мехӯрд.
Яке аз ин амал дарёфт маънӣ,
Ва бозаш бар дари ҳамсоя овард.
Бигуфташ, эй чӣ панду ҳикмате буд,
Маро дар сина шуд аз он фузун дард…

Сабук хандиду гуфто он хирадманд,
Бирав, акнун, варо бикшой аз банд.
Ба коҳе аз пасат ояд, яқин аст,
Чунин аст, эй басо, дар зиндагӣ панд.
Ҳама ҳамсояҳо чун ман гувоҳанд,
Чу буққа парварӣ, эй дӯст, фарзанд.
Китобе ҳеҷ гаҳ нагрифта бар даст,
Сари мӯе ба дониш нест пайванд.
Ҳади нози писар донист бояд,
Бувад афзун туро доройӣ ҳарчанд.
Насиҳат беш кун, доройӣ кам деҳ,
Агарчанде ки ҷон асту ҷигарбанд…

## ГАБР

Муслиме бо муслиме биншасту гуфт:
«Габрро оташ парастидан чарост?»
Гуфт: «Ӯро имтиҳони дӯзах аст,
Дар қиёмат чунки ҷо он ҷо варост».

## ОРИЯТ

Он яке ҳамсояро бар орият
Дод аспи хеш, он гаҳ лоф зад.
Гуфт: «Худ донӣ, манам ҳимматбаланд!
Моли дунёро нагирам дар писанд!
Бар, бубар, ҳар он чӣ бораш мекашӣ,
Сангу хоку коҳу хораш мекашӣ!».

Бурд он ҳамсоя в-он рӯзи дигар
Ҷойи аспаш пеши ӯ овард хар.
Гуфт: «Инак, аспи ту лоғар шуда,
Бин, ки зери бори афзун хар шуда!..»

## ГАДОИ ҲУЗАРБ

Раҳгузар марди гадое буд ҳузарб,
Кас набитвонист афтонаш ба ҳарб,
Рӯ ба рӯям омаду гуфто: «Балам,
Хайр кун дар роҳи Аллоҳ аз дирам!»
Гуфтамаш: «Бахшам, валекин, эй падар,
Шарт бигзорам, ки чун ояд самар?—
Рустами дастон туӣ, гӯ, дар мисол,
Гӯям ар Сӯҳроб ман, н-ояд малол.
Пас, биё, ҳар дуи мо гӯштӣ гирем,
Як-ду дар зери манаҳ муште гирем!
Зӯр агар орам-т, даҳ сомон диҳам,
Зӯр агар орӣ, бубахшӣ даҳ дирам».
Пас, гузашту аз барам хомӯш рафт,
Бар карӣ андохта ду гӯш, рафт…

## ТИЛЛО

Раҳгузар будам,
Ки марде
Рӯ ба рӯям омаду гуфто,
Ки савдо мекунам ман соати тиллоиямро?
Гуфтам:
«Арзон мефурӯшӣ?»
Гуфт:
«Арзон нест тилло!»
Гуфтамаш:
«Рав, вақти тиллойии ман арзон гирифтӣ!»
Рост гуфтам?

## ИМТИҲОН

Аз пайи кӯр имтиҳон кардам,
Бо асо роҳи рост мепаймуд,
Ба Худо, роҳи рост мепаймуд!

Бар раҳи дур бехато мерафт,
Ба Худо, кӯр бехато мерафт!

Аз пайаш бегумон қадам мондам,
Дар раҳи имтиҳон қадам мондам.
Рафтаму рафтам…
Ай Худо, тавба!

Пойи ман шуд бурун зи роҳи рост,
Шармам омад, ки чашми ман биност…

## МӮРЧА

Мӯраке ди маро ба хон омад,
Гушна буду ба бӯи нон омад.
Аз лаби нони ман газиду бихӯрд,
Чӣ аз ин хӯрданаш зиён омад?

Зарраи дигараш кашиду бибурд,
Бурданаш бар худаш гарон омад.
Пас, маро з-ин табассуми гарме,
Аз паси мӯр бар лабон омад.
Ҳамсарам гуфт: «Аз чӣ хандидӣ?»
Рафт, гуфтам, ки меҳмон омад…

## ГӮШТУ НОХУН

Бо шикоят дӯш марде мустаманд,
Лаб кушуд аз ҳокимони давр чанд.
Гуфт: «Моро ҳоким аз кибри баланд
Мисли як нохун нагирад дар писанд!
Одамӣ, охир, чу гӯшту нохун аст,
Аз ниёкон монда ин санҷида панд.

Лоҷарам, гар ду ҷудо бошад зи ҳам,
Бар равони одамӣ ояд газанд!».
Гуфтам: «Оре, нохун аз ҷон сабз шуд,
Чун дароз афтад, варо қайчӣ зананд…»

## КИТОБ

Рӯ ба рӯ бигзоштам рӯзе Китоб,
Дар бараш нуқлу шароби бо кабоб.
Чашмро гуфтам, ки : «Бинмо интихоб!»
Ақл гуфто: «Ҳай мисоле! Ку ҷавоб?!»

## ҚАБЗ

Он яке чун қундузи зери тапак
Ҳар замон боди шикам медод сар.
Ки: «Табибонам иҷозат додаанд,
Зуд мирам, қабз накшоям агар!»

В-он яке гуфт: «Ин на дарди одамист,
Дарди худ бояд ки бо байтор гуфт.
Ки табиби одамиро бар дадон
Аз табобатҳо тавон душвор гуфт!»

## ХОК

Он яке бар хок хӯрдан дошт хӯ,
Хокро мебурд чун талқон фурӯ.
Гуфт: «Хоҳам буд хок андар даҳан,
То хӯрад ин хок рӯзе ҷисми ман».

## АҚРАБ

Он яке гуфт: «Ақраб аз омоли бад
Модари худро зи ишкам мехӯрад».
Ин сухан бишнида в-он як гуфт: «Воҳ!
Зишттар аз ин нахоҳад буд гуноҳ!!!»
В-он дигар гуфташ: «Туро омад аҷаб?
Тавба кун, эй, аз Худо имон талаб!
Чунки Яздон зоти каждумро палид
Аз баройи тавбаи мо офарид!».

## ДАРД

Он яке назди табибе рафту гуфт:
«Сахт дардеям ба зери сина аст!
Гӯиё дар сина дармондаст санг,
Дарди бедармони ман дерина аст».
В-он табибаш диду чун дарде наёфт,
Гуфт: «Рав, к-он санги ҳирсу кина аст!».

## НОНИ ПОДШОҲ

Пораи Ноне зи хони подшоҳ
Аз қазо афтод бар хони гадо.
Дида ӯ андар бараш Нони гадо,
Бо намак буд ёру бо об ошно.
Гуфт: «Шаъну эътиборат чун бувад?»
Гуфт: «Сад шукр, эй басо афзун бувад!
Эҳтиромам пос доранд аз ҳавас,
Бо ҳавас дар дида мемоланду бас!..».
Поранони хони шоҳ афсӯс хӯрд,
Рӯзгораш пеши ӯ як-як шумурд:
«Эй басо дар хони шаҳ будам ҳақир,
Ноаён будам дар он чашмони сер.
Чашмҳои сер аз нуқлу кабоб,
Чашмҳои масту махмур аз шароб.
Аз ҳақирӣ, бин, чӣ сон хушкидаам!
Зор дар хони гадо афтидаам.
Хеш бо ту чун баробар ёфтам,
Эътибори хештан дарёфтам!..»

## ТУФ

Туфи худ афканд аблаҳ раҳравон,
К-он гаҳаш бод аз муқобил буд вазон.
Туфи ӯ баргашту ӯро зад ба рӯ.
Ман надидам ҳеҷ аблаҳтар аз ӯ!

## БАХТ

Навниҳоле қад кашиду шуд дарахт,
Навбаҳораш хуш, ки боровард шуд!
Тифли моро мағзи сутхон гашт сахт,
Хуш баҳори зиндагонӣ!

Мард шуд!!!
Бахт мехоҳӣ магар?-
Ин аст БАХТ!!!

## ГӮРКОБ

Гӯркобе бар лаҳад андохт сар,
Қадди худ андоза кард аз қадду бар.
Гуфт: «Ай мардум, ба сӯям як назар!
Маскане беҳтар аз ин бошад магар?!».

## ГӮШӢ

Чун яке бар фиғони ӯ нашнуфт,
Он яке аз алам ба афғон гуфт:
«Аз ҷазо мушт бар фаромӯшӣ
Сахт бояд задан ду-се гӯшӣ!
Гар ба ғафлат бувад, шавад ҳушёр,
Ё батар кар шавад, кари беор!»

## БЕПАДАР

Якеро зи дунё падар даргузашт,
Ки вай худ палиде буду худпараст,
Ки гирди ғами ҳеҷ кас менагашт.
Яке гуфт: «О, ваҳ! Падар доштаст?!».

## РАҚИБ ВА ДӮСТ

Яке бардошт рӯзе бар сарам мушт…
Якеям Дӯст ногаҳ омад аз пушт.
Бад-он азме, ки дорам пуштибоне,
Расиду сахт бигрифтам дар оғӯшт.

«Чӣ кардӣ?! -гуфт.-Ин кас кист?!».
Гуфтам:
«Яке шӯхест, к-ӯ аз хандаам кушт!»…

## АЪРОФ

Эй, ту медонӣ магар Аъроф чист?-
Дар миёни неку бад истодан аст.
Кас надонад ҷуз Худо, к-охир маро
Ҳамнишин будан киро з-он ду тан аст…

## КОФАРОН

Ду бародар муштҳо карда гиреҳ,
Дар забон дашному алфози қабеҳ,
Аз пайи нооштӣ бархостанд,
Ҳамдигарро нобародар хостанд.
Ҳар ду муслим, ҳар ду мӯъминзода буд,
Ҷойгоҳи сабзашон саҷҷода буд.
Гӯш бинҳоданд бар шайтон зи ҷаҳл,
Ҷанги он ду тан набудӣ кори саҳл.
Аз сару рӯю даҳон мерехт хун,
Бо туфу бо хок меомехт хун.
Ҳолашон дида, падар хун мегирист,
Оҳ, бадбахте чу ман, мегуфт, кист?!
Гуфт: «Фарзандони ман! Бас! Баъд аз ин
Ман шуморо нашмарам аз аҳли дин!
Бар шумо набвад раво хондан намоз,
Бар Худо кофист гуфтан аз ниёз!
Дасти ҳам бар оштӣ гар наспаред,
Кофаред!
Аз кофарон ҳам бадтаред!!!».

## ҲАҚТАЛОШ

Дидаӣ оё ту марде сарбаланд,
Ҳамнишин бо мардумони мустаманд.
Талх мегуфт, аз даҳан мерехт заҳр,
К-аз замона дошт ӯ дар дил газанд.
Аз тамаллуқ ор мекарду набуд
Ҳокимони давр ҳеҷаш дар писанд.
Беибо мегуфт: «Ин ашрофҳо
Ҳеҷ донӣ, аз гадоён зодаанд!
То ба кай нодорамӣ, ай мардумон?
В-ин ҳама носерамӣ то чанд, чанд?!
То ба кай ин гушнапуштони палид
Аз раҳи таҳқир бар мо бингаранд?!
Гӯ, ки пойи ӯ ҷудо аз хок нест,
Он, ки биншастанд дар тахти баланд.
Ҷуз Худо бар кас наёрам сар фуруд…»,
Дигаронро ҳам чунин медод панд.
Мазлумон бастанд бар вай эътимод,
Ҳокимон девонааш пиндоштанд.

## ДОРО ВА ГАДО

Он яке бигзашт аз пеши гадо,
В-он дарозаш кард ду дасти дуо.
В-ин, ки дорои зи худ мағрур буд,
Чашми бино дошт, ақлаш кӯр буд.
Раҳравон хандида бар ҳоли гадо,
Гуфт: «Маншин рӯйи роҳ, эй беҳаё!
Рав, чӣ металбӣ, талаб кун аз Худо,
Гар худо надҳад, куҷо бидҳам туро?».

## ДУ ШОҲ

Мардумон инқилоб карданд,
Шоҳро интихоб карданд.
Шаҳ зи хонадони деҳқон буд,
Шаҳ зи аҳли хоксорон буд.
Молаш аз матои арзон буд,
Ризқи ӯ об буду нон буд.
Аз қади кишта ба тахт омад,
Мискине ба рӯи тахт омад.
Хост бар худ кулбаи вайрон,
Порае зи киштаи деҳқон.
Ки: «Зи дорой ҳамин кофист.»
Зиндагиро, гуфт, маънӣ чист?
Ғайри ҷисм парваридан нест,
Ғайри чун мӯр чаридан нест.
Баски дунёро намегирем,
Оқибат чу мӯр мемирем.
Он ки ишкам медарад, шер аст,
Ризқи ибтидо на хун, шир аст!..»

Буд шоҳе вай, аҷаб шаҳ буд!
Эй аҷаб шоҳи дилогаҳ буд!
Бо гадо нишаста, намекард ор,
Дошт бо девона ҳам гуфтор.
Кӯчаҳоро пиёда мерафт,
Ҳар киро даст дода мерафт.
Бо ҳавас савори хар мешуд,
Ёди тифлияш ба сар мешуд.
Кӯдаконро ба бозӣ мехонд,
Нағмаҳо карда механдонд…

Ҳокимон инқилоб карданд,
Тахти шаҳро хароб карданд…

Мардумон инқилоб карданд,
Боз шоҳ интихоб карданд.
Шоҳ аз хонадони доро буд,
Беғаме дар ғами дунё буд.
Бар касе рӯйи хуш намедод,
Панди носеҳро гӯш намедод.
Гуфт: «Эдун, ки сари тахтам,
Рӯ намегардонам аз бахтам.
Он ки ишкам медарад, шер аст,
Қудрати ман тиру шамшер аст.
Ҳама дунё боядам гирифт,
То бимонад ҷаҳон дар шигифт…»

Қасрҳо сохт аз барои худ,
Гувоҳ аз ҷалолу ҷоҳи худ.
По зи адлу дод берун монд,
Аз забонаш заҳр меафшонд.
Ҳоли раъият ба танг овард,
Мамлакатро ба ҷанг овард…

## ЗАНИ ДОНО ВА САНДУҚИ ЗАР

Зар ба зери хоку зан болои сар,
Бел мезад ҳар замон бар хоки тар.
Марди мискин дар арақ саршор буд,
Майли ин кораш набуд, ночор буд.
Хокро мекард бо нохун нагун,
Ки: «Яқин, Зан гуфт, зар ояд бурун!»
Дар канораш ду писар мебурд ранҷ:
«Чунки Модар гуфт-дарёбанд ганҷ!
Чунки он бону чунин дар хоб дид,
Бас зи хобаш рост меомад падид.
К-ӯ худогоҳу худоогоҳ буд,
Бандагонатро чунин, Яздон, дуруд!
Рози дил мегуфт бо Парвардигор,
«Мутаккоям нест ло Парвардигор!

Бандаро мушкилкушо Парвардигор,
Ибтидою интиҳо Парвардигор!»
Покдоман, рӯсапеди моҳрӯ,
Рӯ далели покдомонии ӯ.
Дил зи ҷӯи меҳри шӯ меҳӯрд об,
Эҳтироми шӯй будаш беҳисоб.
Дошт шавҳар бар вафояш эътимод.
Ишқи покаш ҷӯш мезад дар ниҳод.

Бо каландаш хоки тар бишкофт мард,
Аз аҷаб, о ваҳ, гиребон чок кард!
Ҳаст шуд дар чашми ӯ рӯъёи зан,
Оҳ, меарзад, фитад дар пойи зан!
Қуттие омад бурун аз хоки тар,
Чашм ӯро хира шуд аз тоби зар!
Қуттии заррин!-Нидо кардаш писар,
Сандуқи зар!-В-он дигар гуфто, -Падар!
Мард гӯё хуфта буд, бедор шуд,
Гуфт: «Фарзандон! Аҷаб як кор шуд!!!
То ба чашми хештан бовар кунем,
Машварат бояд ки бо МОДАР кунем!
Модаре, к-аз неку бад огоҳ ӯст,
Ҳар чӣ вай таъбир кард, ояд дуруст.
З-ин сухан хандиду гуфт аввал писар:
«Машварат, яъне ки бо кӣ, эй падар?!
Бо занат қисмат кунем савдои мо?
Пас, чӣ бояд кард бо занҳои мо?
Аз зани ту гар фақат гирем панд,
Чун шавад, занҳои мо гар бишнаванд?!
Мо, ки се мардем, бояд, эй падар,
Худ кушодан қуфли ин сандуқи зар…»
Он ду тан нашнид то ин лаб кушуд,
Дар сухан аз ҷаҳди ин суде набуд.
Ҷаҳли фарзандон чу боло мегирифт,
Он қадар мемонд дар банди шигифт.
Гуфт: «Ҳайфо, корро афтад гиреҳ,
Панди МОДАР гар набишморем беҳ!».

Аздусар нашнида ӯро ду писар,
Қуфл бишкастанд аз сандуқи зар.
Чун назар карданд, аз роҳи шигифт
Чеҳрашон ранги тани беҷон гирифт.
Ку ҷавоҳир, ай Худо, ку симу зар?
Кӯр карда ҳирс чашмошон магар?
Балки на! Ҳарфе дар он бинвишта чанд,
Кӣ ҳамедонад, чиҳо бинвиштаанд?!
Чашм нагрифта абас аз хатти зар,
Не падар хондан тавонад, не писар.
Бурд бояд пеши занҳо (Айб! Айб!)
Зан бувад, зан бохабар аз илми ғайб!
Қуфлбикшои дари асрор зан,
Розгӯи олами ахбор зан.
Нуктадони кӯчаву бозор зан,
Огаҳ аз пешомади ҳар кор зан.
Ҳар хабар кас ибтидо аз зан шунид,
Аз киҳо, кай, аз куҷо бар зан расид?
Аз замин ё аз само бар зан расид?
Аз малак ё аз Худо бар зан расид?

Ду писар бурданд он савдои хеш
Машварат карданд бо занҳои хеш.
Пеши фарзандон падар хомӯш буд,
Аз алам, аз дард заҳраш нӯш буд.
Лек, ду келин надонистанд ҳеҷ,
Хатти зар хондан натонистанд ҳеҷ.
Маслаҳат доданд:
«З-он сандуқи зар
Кард бояд шоҳи кишварро хабар.
Боядо аз шоҳ инъоме гирифт,
То зи айши зиндагӣ коме гирифт!».

В-он замон афканд бо зорӣ падар
Сар ба пойи он ду келин, ду писар:
«Сабр бояд, сабр, аз баҳри Худо!

Гар ғанимат бишмаред аз ман дуо!
Хонд бояд МОДАР ин бинвиштаро!
Мекушояд ӯ сари ин риштаро!
Гарчи бар ман зан, шуморо модар аст,
Бас маро бар ақлу ҳушаш бовар аст!».
Лаб фурӯ бастанд онон аз сухан,
«К-эй бирав, рав, зуд о аз пеши зан!».

* * *

Хоби худ Зан аз занон бинҳуфта буд,
Шӯ бари ӯ омаду гуфто: «Дуруд!
Хоби ту, эй ҷони ман, эҳё шуда,
Менигар, аз хок зар пайдо шуда!
Лек, мо аз роҳи ғафлат-бехабар
Қуфл бикшодем аз сандуқи зар.
К-андар он хате навишта ноаён,
Кист, ҷуз ту хонад он рози ниҳон?».

Чун бар он хат он Худоогоҳ дид,
Рӯй тира гашту ҳуш аз сар парид.
Панҷа бар мӯҳо кашиду гуфт:
«Оҳ!
Қуттие он бошад аз асрори шоҳ?!
В-ин хати бинвишта андар ғайби ӯст,
Халқро гуфторҳо дар айби ӯст.
Ҳар кӣ бикшояд варо, аз ҷон гузашт,
Халқ з-он донад, вале хомӯш гашт.
Ёфташ ҳар кӣ, сар аз тан шуд ҷудо,
Кас нахоҳад бурд он наздики шоҳ.
Қарнҳо дар хок пинҳон хуфтааст,
Тухмаи тарёк, гӯ, бинҳуфтааст.
Кӯкноре, ҳар баҳорон сар кашад,
Бидравандаш, қомат аз дигар кашад.
Дона-дона рехту дар хок шуд,
Қад кашида аз дигар, тарёк шуд.
К-ин гияҳ дар хок дорад решаҳо,
Халқро овозаҳо, андешаҳо.

Нашъае дорад зи тамъи неку бад,
Бар вазирону кабирон мерасад».

Он ду Келин, ду писар аз хилвате,
Пой мекӯфтанд аз бетоқатӣ,
Гӯш дода, лаб газинданд аз шигифт,
Бим дар дилҳояшон маскан гирифт.
Зан ҳамон бар корашон тадбир кард,
Зуд хавфи ҷонашон раҳгир кард.
Ҳеҷ ногуфта ба занҳои гузар,
Роз бинҳуфта зи занҳои дигар,
Бо ҷасорат, ҷон ба каф, нокарда дер,
Рафт бар дарбори шоҳ, назди Вазир.
Он Вазири покдил бишнохташ,
Шодмон сар дар қадам андохташ.
Марди оқил буд, Марди адлу дод,
Дошт ақлу ҳуши Занро эътимод.
Гуфт: «Бигзораш, ки афтодат гарон!
Хок бишмор, эй ту ин рози ниҳон!».
Дарзамон бистонд он сандуқи зар,
Ҷон раҳид ин хонадонро аз хатар…

*Бахшида ба 20-солагии*
*Иҷлосияи ХУ1 Шӯрои Олии*
*Ҷумҳурии Тоҷикистон*

# БАҲРЕ, КИ МЕХУШКИД ВА КИШТИЕ, КИ ФУРӮ МЕРАФТ...

## *МАНЗУМАИ ТАМСИЛӢ*

## ДАР ҲОШИЯИ НОМУ ХИДМАТҲОИ МАЛЛОҲЕ, КИ КИШТИРО НАҶОТ БАХШИД

### ОҒОЗ

Ҳар чи мардум дидаву бишнуфтаанд,
Бо тарона, бо фасона гуфтаанд.
Аз сари дунё садое чун расид,
В-он яке аз қаъри дунёяш шунид.
Дуриҳое бар шитоби нур чист?
Ҳар масофа бар садоҳо дур нест.
То ба гӯшу дил нидо бинвишта шуд,
Парда-парда дар фазо бинвишта шуд.
В-он нидо бар қарнҳо хоҳад расид,
То фалак овози мо хоҳад расид.
Дар фазо овозҳо мирад агар,
Чун расад аз гӯш бар гӯше хабар?
Гар нидо аз ғайб ҷо дар дил шавад,
Гӯши моро ҳар садо ботил шавад.
Аз паси парда расад чун он нидо,
Гӯшро як мӯ наларзад пардаҳо.
Он нидо хотир ба афсун мекашад,
Низ дил аз сина берун мекашад.

Он нидо қофиласолори дил аст,
Раҳнамои ҷону тан то манзил аст
Аз нидо, дидам, ки кач шуд борҳо,
Аз нидо ларзад дару деворҳо.
Эй, нидои мардумонро кам мабин,
Нолаи бечорагон беғам мабин.
Гар яке фарёд мебояд шунид,
Чун фазо озод мебояд шунид.
Бар нидои мардумон бо гӯши кар
Ҳамчунон кӯҳе набояд шуд сипар.
Халқ гӯяд: «Эй!» ба андӯҳи бузург,
«Э-эй!»-гӯяд низ он кӯҳи бузург.
Халқ: «Ҳон, бишнав!»-- чунин таъкид кард,
Кӯҳ: «Ҳон, бишнав!»- варо таҳдид кард.
Танг афтода ба мардум гар нидо,
Чун ҳаме ояд бурун аз тангно?..».

* * *

То шиносӣ хулқу хӯи хештан,
Дар миёни мардумон бояд будан.
Ҳар дам аз мардум шиносӣ илми ҳақ,
Худ бувад мардумшиносӣ илми ҳақ.
Шукр, азбас рӯ ба ҳақ овардаем,
Мо забону дил ба ҳақ парвардаем.
Ҳар ки ҷон дар роҳи ҳақ қурбон кунад,
Кандани ҷонро ба худ осон кунад.
Ҳар чӣ гӯем аз забони мардумон,
Талх мебошад, вале доруст он.
Лоҷарам, гӯяд табиби бетамиз,
Бар шифоят нест тадбир, эй мариз!
Рӯ ба рӯи мардумон бояд расид,
Гуфтугӯи мардумон бояд шунид.
Мардумӣ моле наёрад ҷуз сухан,
Дар бағал санге надорад ҷуз сухан.
Ҳақталошӣ куллу ҷузъи мардумист,
Худшиносӣ узв-узви мардумист.
Гуфт бо Ҳақ рози дил ҷӯёи ҳақ,

Ғайри Ҳақ нашнохт кас, гӯёи ҳақ.
Ҳадяи беҳтар маро аз дӯст чист?
Ҷуз зи айбам гуфтанаш дар рӯй нест.
Ҳар кӣ дар ёду ғами мардум бувад,
Як тан аз худ рафта, дар худ гум шавад.
Хос бояд бурд аз дунбол авом,
В-ар натонад, омро бошад ғулом.
Ҳар ки меояд дучори хашми ом,
Боядаш берун шудан аз чашми ом.
Неку бад гунҷида моро дар замир,
Чун тавон кардан ҷудо мӯ аз хамир?
Айби ҳам ҷӯем, он айб аз куҷост?
Ғайби ҳам гӯем, оҳ, ин чӣ балост?!
Шикваҳои хеш аз худ бишнавем,
Лобаҳои худ зи лобуд бишнавем.
Арзадоронем байни издиҳом,
Роҳпӯёни ҳақиқат дар авом…
Ҳар чи гӯям, аз забони мардум аст,
Ҳар чи гӯям, дар миёни мардум аст.
Гуфтаҳоям нақши ҳарфе беш нест,
Нуктае аз ҳарфи мардум пеш нест.
Кистам ман? Гарди пойи мардумон,
Чашми мардумро аёну ноаён.
Хоҳам ар ёбам хабар аз хештан,
Боядам бо майли мардум зистан.
Пеши мардум то барам аз ҳақ сухан,
Боядам қурбони роҳи ҳақ шудан.
Он ки бандад гӯш аз мардум, кар аст,
Ҳар чи мардум гуфт, моро бовар аст.
Нақши умрам роҳи мардумхоста,
Ҷону дил аз меҳри Халқ ороста…

* * *

Арҷ бигзорам ба пойи мардумон,
Ҷону дил бодо фидойи мардумон!
Меҳрашон дарёст, ки бесоҳил аст,

Аз муҳаббат мавҷи тӯғён дар дил аст!
Кист мардум? Баҳри бепаҳно шумар,
Гоҳ хомӯш, гоҳ пурғавғо шумар.
В-он салотин Нохудо мехону бас,
Тахти султонӣ Сафина дону бас.
Ин ривоят аз забони мардум аст,
Қиссае андар миёни мардум аст.
Ҳарфи мардум фош гуфтан саҳл нест,
Гӯши кас ар бар шунуфтан аҳл нест.
Фош гӯям низ, кай ояд халал?--
Ҳусни маънӣ мефизояд аз масал.
Аз каромат килки ман ғаввос шуд,
Баҳрро ҷону дилам анбоз шуд.
Ӯ магар майлу муроди дил шунид,
К-- ин нидо аз қаър бар гӯшам расид:
«Симу зар бахшам, бигир аз қаъри ман,
В-ар нахоҳӣ, бахшамат дурри сухан.
Аз маъонӣ ганҷҳо дорам ниҳон,
Гар талаб дорӣ, бубахшам ройгон.
Қиссаҳое, к-аз ниёкон хуфтаанд,
Гуфтаю ногуфта—дурри суфтаанд».
Рӯй овардам бар он Баҳри дамон,
Аз Худо кардам талаб табъи равон.
Синааш бикшод, пас, Дарё маро,
Ин ривоят гуфт аз ногуфтаҳо,
Аз Сафина, аз Худу аз Нохудо
То барам наздик бар нашнуфтаҳо:

1

Буд шиновар Баҳрро дар соҳиле,
Бел мезад завроқаш соҳибдиле.
К-ӯ Худохоҳу Худоогоҳ буд.
Марди дарёдида, як маллоҳ буд.
Низ як соҳибҳунар-ғаввос буд,
Ҳамҷавори Баҳр аз оғоз буд.

Эй басо аз қаҳри Баҳр огоҳ буд,
Эй басо бар қаър ӯро роҳ буд.
Борҳо бас ғарқи дарёгаштаро
Вораҳонидаст аз сели бало.

Ёдаш омад: кӯдаке завраксавор,
Ҳамчу мавҷи шӯх бесабру қарор,
Бар шинову сайри дарё дошт шавқ,
Дасту почак мезаду мебурд завқ.
Бас дар он саҳрои оби беканор,
Бо қайиқи худ ба ёди рӯзгор,
Қутти худ меҷуст аз баҳри дамон,
Баҳр мебахшид ризқаш ройгон.
Субҳ то бегоҳ андар завракаш
Моҳие мебурд аз дарё ҳақаш.
Ҳадди ризқи хештан медошт пос,
Баҳрро мегуфт сад шукру сипос.
Ҳар замон банди хаёли дур буд,
Аз ғаме ошуфтаю ранҷур буд.
Зору танҳо худ ба худ мегуфт роз,
Мешнавид аз хештан, мегуфт боз:
«Оҳ, бишнав, чун талотум мекунад,
Бо нидояш ёди мардум мекунад!
Оре,оре, рӯ ба ҳақ овардааст,
Бас дилам бо сӯҳбаташ хӯ кардааст!
Во дареғо, то зи ҷаҳлаш вораҳем,
Кай зи асрори ниҳодаш огаҳем?!
З-олами андеша дорам ҷустуҷӯ,
Нохудову киштиҳои қаъри ӯ.
Шояд андар борашон тасхир буд?
Нохудошон марди бетадбир буд?
Пеши чашмонанд ҳар дам ҷилвагар,
Косаи чашмонашон ғарқоби зар.
Баҳрро огоҳ гаштам ҳар қадар,
Он қадар мондам зи розаш бехабар.
Чист ин Дунё? Бувад Дарё бузург,
Ҳастии ӯро бувад маъно бузург,

Маъние, ки ҳаст нофаҳмо бузург!
Аз бузургиҳо чӣ гӯям бо бузург?
То ба дарё по ниҳодам андарун,
Ҳеҷ майлам нест бар рафтан бурун
Маҳди ман карданд бар дарё дуруст,
Охиран тобути ман бар дӯши ӯст.
Гар ту, эй, хоҳӣ шудан дарёнавард,
Бояд аввал худ ба дарё ғарқ кард.
Ҳар ки биншастаст дар киштӣ баланд,
Шӯри дарёяш басо н-афтад писанд.
З-ин сабаб боист дар завраќ нишаст,
Сайдро омӯхтан бояд ба шаст.
Баҳрро тамкин басо дар зоҳир аст,
Ҳар нафас бар шӯру исён қодир аст.
Ҷовидон дорад ба ботин мадду ҷазр,
Дар ниҳоди ӯ ниҳон ошӯбу қаҳр.
Ку ҳамон киштисаворон, ки кунанд
Дарки ин маънӣ аз он тахти баланд?!
Тунд н-ояд марди оқил мавҷро,
Чун тавон рафтан муқобил мавҷро?
Марди дарёгаштаи дарёшинос
Мекунад аз неъмати дарё сипос.
Ман , ки ин ҷо як сари танҳостам,
Ҳамчу селоби кафи дарёстам.
Об дода чашм аз паҳнои ӯ,
Гӯшро бинҳода бар ғавғои ӯ,
Эй басо ғамҳош дорам дар замир,
Нест чашмам аз ҷамоли мавҷ сер.
Ҷунбише дорад, ки чун дилҳои мост,
Гоҳ орому гаҳе сели балост.
Маънии ҳастӣ дар он бошад ниҳон,
Гирудори умр аз ӯ бошад аён.
Обро гар шавшуви нохуш шуда,
Мавҷҳо, дарёб, ки саркаш шуда.
Ҳайбати овои дарё чун фузуд,
Зуд дигар мекунад маҷройи худ.

Гарчи ин ҷо офат аст, офият аст,
Сӯҳбати дунё чӣ нохуш сӯҳбат аст!
Сӯҳбати дарё, шунав, бас қиммат аст,
Рози дарё ношунидан ғафлат аст!..»

2

Нақши ёди ӯст он рӯзи сиёҳ,
Он гаронбории киштӣ аз гуноҳ!
Ҷуз Худову худ набуд ӯро гувоҳ,
Эй, аз он ваҳшат Худо дорад паноҳ!
Лоҷарам, дар синаи Баҳри дамон
Мавҷро Киштӣ муқобил буд равон.
В-он саворон дар забон гуфтор каҷ,
Киштиро буд бо бузургӣ бор каҷ.
Бор каҷ-каҷ сӯйи соҳил мекашид,
Ҳар замонаш ҷониби гил мекашид.
Чашм бар талвосаи шеди ғуруб,
Чун гувоҳи ҳол, медонист хуб:
Кори эшон оқибат чун мешавад,
Носипосӣ беш афзун мешавад.
Кибр аз ҳад пой берун мениҳад,
Носипосӣ сар ба гардун мениҳад.
К-он саворонро тамаъ ғаввос буд,
Беадад бар қаър дастандоз буд.
Ризқи эшон ройгон медод Баҳр,
Ризқи беҳадду карон медод Баҳр.
Ганҷҳое хуфта андар қаъри он,
Қарнҳое симу зар дорад ниҳон.
Дар сахо чунки набуд Дарё хасис,
З-ин сабаб чашми саворон шуд ҳарис.
Симу зар бардоштандӣ бекарон,
Он қадар, ки киштиро омад гарон.
Нафсашон фарҷом бишкаст иттифоқ,
Ҳирси дунё бурдашон сӯйи нифоқ.
Интиҳо бархост дар киштӣ қиём,

Аз миён бардошт девори низом.
Ақлашон аз моли дунё тира шуд,
Чашмашон дар худшиносӣ хира шуд.
Он, ки ӯ бар нохудоӣ арза кард,
Ғам ба дил ҳеҷаш набуд ҷуз хобу хурд.
Кохи сабру адлро омад футур,
Рӯйи по шуд маснади кибру ғурур.
Чашми бино доштанду ақли кӯр,
Айш буду ишрату фисқу фуҷур.
Бо ғиреву бо мазоҳу хандаҳо,
Обро афканда пасафкандаҳо.
Балки туф аз мастӣ меандохтанд,
Бад ҳама бар пастӣ меандохтанд.

Ларзаҳо афтод дар андоми Баҳр,
Мавҷ андар мавҷ печидаш зи қаҳр.
З-он туфу партовҳо гандид зуд,
Тира шуд аз зеру рӯ оби кабуд.
Шуд баланд амвоҷ чун кӯҳ аз сутӯҳ,
Аз дигар бархост, гӯ, тӯфони Нӯҳ!
Мавҷ омад гирдгардон чун бало,
Хору хас бардошт то авҷи само.
Кӯдаке дар об, ин шӯру набард
Чун паёми Дӯст истиқбол кард.
В-аз ҷунун амвоҷ чун бегона сахт
Завроқашро зад ба киштӣ, кард лахт.
Чун шиновар буд, аз он сели ҷунун
Чун Самандар омад аз оташ бурун.

В-он замон дар киштӣ афғон шуд баланд,
Бо ғами молу ғами ҷон шуд баланд.
Медавидӣ ҳар яке осемасар,
Ҷуз сӯи дарё набуд роҳи дигар.
Ҳар яке буд бар халоси ҷони худ,
Мешунидӣ ҳар яке афғони худ.

Лек, бас он Нохудо айёр буд,
Даст бар тадбир андар кор буд.
Ҳукми ӯ бар зердастон мегузашт,
Ҳар яке бо ҳукмаш аз ҷон мегузашт.
Зуд бо амраш ливои бодбон
Барфиканданд аз баландӣ каш-кашон.
Киштиро аз чор сӯ, дар ҳар канор
Бори симу ганҷ карданд устувор.
Аз саворон ҳар яке бо амри ӯ
Буд бо сели бало тадбирҷӯ;
Киштиро дарё чу боло мекашид,
Ҳар яке бори худ он ҷо мекашид.
В-ар якеро ҳол меафтод танг,
Дарзамон мерафт бар коми наҳанг.
Нохудои тундхӯйи худписанд,
Аз фиғони баҳр афғонаш баланд.
Баҳрро мегуфт: «Эй, бигзор хашм!
Пеши мо н-ояд туро бар кор хашм!
Шӯру шар бигзор, моро нест бим,
Завраҷе машмор киштии азим!
Пой то бар сар туро бинҳодаем,
То туро бар сина раҳ бикшодаем,
Борҳо тадбир пеш овардаем,
Гашта-баргашта ғами ҷон хӯрдаем.
Кай тавонӣ киштиро кардан нагун?!,
Менатонӣ ҳоли мо кардан забун!
Киштиро деворҳоянд устувор,
Аз бару болост кохе пойдор.
Аз набарди шаҳсаворон даст гир,
Ҷумларо машмор пеши худ ҳақир!!!».

Ҳар замон аз қаҳр дарё медамид,
Аждаҳо кай пеши хасмаш орамид!
Сели туғёнаш ба афғон мефузуд,
Мавҷи тӯфон, шӯру исён мефузуд.
Киштиро мебурд ҳар сӯ кашкашон,
Ҳамчу оҳубарраро шери жаён.

То тавон ӯро ба як дам пора кард,
То тавонаш мискину бечора кард.
То варо қурбони кӯҳи хора кард,
Ё кафи селобаи овора кард!..

Лек, то он киштӣ гардад сарнагун,
Ҳар дам аз гирдобҳо омад бурун.
Бори ӯ бар дӯши Баҳр омад гарон,
Чунки бораш симу зар буд ройгон.
Бекарон будаш зи бори ҳирси мол,
Бори кибру ҳашмати ҷоҳу ҷалол!

Аз набарди хеш чун ноком шуд,
Баҳр ғурриду яке ором шуд.
В-он фазои пурталотум, каб-кабуд
Ногаҳон афтод дар бори сукут.
Нохудо фарёдкаш, мағруру маст,
Гуфт: «Бар тӯфони Нӯҳ омад шикаст!».
Ҷамъи он киштисаворон орамид,
Шӯъла зад дар дидаҳо барқи умед.
В-андар он киштӣ ба по шуд базму сур,
Бар фалак печид оҳанги сурур.
Камтар аз дарё набуд он ҷо шароб,
Хӯрданиҳошон ҳама нуқлу кабоб.
Соғарон дар даст, аз худ бехабар,
Фитнаҳо мерехт бар ҷонҳо шарар.
Нохудо омад, кулаҳ аз сар гирифт,
Бар сухан гуфтан паси минбар гирифт.
Гуфт: «Он-бар рағми мо бархост, кист?!
Пеши мо ин баҳр беш аз ҷӯй нест!
Гирдгардон обаки шӯх асту бас,
Рӯйи мавҷаш давдавон хошоку хас.
Обаке аз зону болотар нашуд,
Киштии моро кафи по тар нашуд.
Завраҷе, шояд, нагун кардан тавон,
Киштии мо баркашид ӯро инон!..».

3

Дар нигоҳи офтоби заъфарон
Баҳр мекоҳид з-андӯҳи гарон.
Дар сукути хештан меорамид,
Зарра-зарра об пойин мехамид.
Қатра-қатра, наҳр-наҳру ҷӯйбор,
Дам ба дам мекард аз Дарё фирор.
Сӯйи таҳ мерафт киштӣ ноаён,
Бо саворону бад-он бори гарон.
Ноаёнаш қаъри дарё мекашид,
Носипосон сӯйи Дунё мекашид.

Аз дигар бархост афғон, лоҷарам,
Оҳу афғони саворон дам ба дам.
Маст буд он Нохудо, ҳушёр шуд,
Хоб буд он бехудо, бедор шуд.
Ӯ намедонист акнун чора чист?
Дар ду олам ғайри ӯ бечора кист?
Киштӣ ноҷунбон фурӯ мерафт зер,
Қаър мегуфташ: «Биё, эй ҳон, далер!
Мисли ту бисёрҳо дорам ниҳон,
Синаам, эй, бар шумо бошад макон!
Ҳай маконе, аз барои ҷовидон!
Дӯзахе ин ҷост бетаҳту карон!
Ташнаҷон дар хоб бинад обро,
Сӯхта бар об гӯяд хобро!..
Монд киштӣ ҷовидон побанди гил,
Умри ношукрон зи сар монад сабил!

* * *

Зарра-зарра Бахр гирд оварда буд,
Қатра-қатра дар бағал ҷо карда буд
Обҳои беғубори чашмасор,
Рӯдҳои беқарори кӯҳсор,
Сели дарёҳову наҳру ҷӯйбор,
Аз дили ҷамъу парешон обшор.

Қатраи оби зи гардун рехта,
Қатри бо хоки замин омехта.
Кас надонад, ки вуҷудаш аз куҷост,
Балки аз хок асту аз абри самост.
Он ҳама бигрехт, эдун, во дареғ!
Ку дигар он вусъату паҳно, дареғ!
Шуд биёбоне кунун саҳрои об,
Вусъату паҳно набинӣ ҷуз сароб!!!
Ҷамъи сутхони саворони палид
Зери Дарёи равон кай орамид?!

4

Инак, он Киштӣ, ки побанди гил аст,
Ҳамчу тахти вожгун дар соҳил аст.
Аз дили дарё бурун овардаанд,
Бар шинояш рӯ ба Дарё кардаанд.
В-он дигар киштисаворон дилгарон,
Зору ҳайрон, чашм бар Баҳри дамон.
Он яке пеш омаду маллоҳро
Гуфт: «Бар киштӣ нишин, марди Худо!
Ношинос азбаски бо дарёстем,
Мо туро бар нохудоӣ хостем!
К-эй, туӣ маллоҳи Баҳр омӯхта,
З-илми ғаввосӣ сабақ андӯхта.
Хуб донӣ, Баҳрро асрор чист,
Дар забони мавҷҳо гуфтор чист?
Ту ба дарё метавон гуфтан сухан,
Киштиро аз хавф эман доштан.
Бе ту бори хеш бурдан мушкил аст,
Кори дарё пеш бурдан мушкил аст.
Бе ту гирдоби балоро нагзарем,
Хашми ӯро раҳ муқобил наспарем.
Майли дарё созгори коми туст,
Баҳри пуртуғёну саркаш роми туст.

Баски дарё бишнавад арзу ниёз,
Мардумӣ гӯяд ба дарё хобу роз.
Чун туӣ аз рози дарё бохабар,
Бар саворон раҳнамо шав дар сафар.
Киштиро кардан идора боядат,
Аз баландиҳо назора боядат.
Бигзарем аз сели тӯфон ончунон,
Ҷони мову киштӣ бошад дар амон».

Инак, ӯро Нохудое хостанд,
Тахтро аз баҳри ӯ оростанд.
Мавҷ он гаҳ домани соҳил гирифт,
Киштиро бардошту аз гил гирифт.
Аз раҳи тамкин варо мебурд пеш,
Бо ҳама бори гарон бар души хеш…

Баҳр бо амри Худо ором шуд,
Он саворонро аҷаб бар ком шуд.
Гарчи дарёи равон коҳида буд,
Қатра-қатра, зарра-зарра мефузуд.
Баҳр-Модарро ба ҳукми рӯзгор
Карда буданд аз бағал рӯзе фирор:
Сели дарёҳову наҳру ҷӯйбор,
Обҳои беғубори чашмасор,
Рӯдҳои беқарори кӯҳсор,
Аз парешонӣ ба ҳам боз омаданд,
Мавҷ андар мавҷ дамсоз омаданд.
Абри найсон бар сараш борон фишонд,
Оби лутфу раҳмату эҳсон фишонд!
Мардумон гӯянд: «Ҳар оби пареш
Бозгардад бар макони асли хеш,
Ҳақ расад ҳақдорро, охир, мудом!
Аз Худо уммед! Омин! Вассалом!!!

# ЯКЕ ГУФТ, ЯКЕ ШУНУФТ

* «Бе зану дандон ҷаҳон зиндон бувад»-гуфта, аз Худои мутаол талаб кард, ки ба вай як дандону 32 зан диҳад.

* Бисёр мехоҳам, ки маро аққалан ҳамчун хари Дон Кихот ба нафақа гусел намоянд.

* Мардон аз сафари хидматӣ баргашта, дар ду ҷой ҳисобот медиҳанд: дар хона, ба ҳамсаронашон; дар коргоҳ ба мусоҳибон.

*Микробҳои организмамро мекушам гуфта, аз бадмастӣ қариб буд, худро ба куштан диҳад.

*Ҷавонӣ ҷаҳидани кайк асту пирӣ хазидани сангпушт.

* Занон ҳама кӯсаанду мардон дар пеши занон хӯса.

* Оне, ки хасро рӯйи об барорад, шароб аст.

*Мумкин аст аз ҳавои хонаи шумо нафас кашам?

*-- Дар ин бевақтии шаб куҷо меравед, мардак?
-- Меҳмонро гусел кунам
-- Боз гашта меоед?
-- Шояд меҳмон боз гашта ояд, аммо ман не.

*Дар шинохти зиндагӣ он вақт чашмонам кушода шуданд, ки аллакай хатро хонда наметавонистам.

*-- Ҳа, ҷӯра! Янгаро меш барин дар хона баста мондаӣ! Намемонӣ, корба бурод!

-- Мемондаму… Лекин ҷои корашанда қушқораш ҷудо мул…

* Аз барномаҳои ТВТ: «Хайр, муҳоҷирони меҳнатӣ! Шумо дар ғарибӣ кор кунеду мо дар ватан суруд мехонем».

*Худои мутаол ба гӯсфанд чени хислаташ овоз додааст: маа-а-а…

*Дар сафи намозгаҳи таробеҳ рӯ ба рӯям ҷавоне меистод, ки дар пушти куртаи беостинаш «СССР» навишта шуда буд. Маро бубахш, Худои мутаол, ки ҳар навбат саҷда ба ҳамин чор ҳарф меовардам.

*Чӯпон намегузошт гурге ба рама ҳамла оварад. Гӯсфандон якзайл садо мебароварданд: ма-а-а… ма-а-а… Чӯпон гумон кард, ӯро ситоиш мекунанд. Вале рама гурусна буд.

*Тифлро, ки калонакак шуда буд, ҳар қадар мекарданд, аз пистон ҷудо карда наметавонистанд.

Модаркалонаш сина маконду шуми пистонаш шуд.

*Роҳбарро пеш аз он ки ба худ котиба гирад, ахта бояд кард!

*Худро ба мушкилот тобовар мекунам гуфта, дар кунаш қаланфур молид.

*Яке дар зинапояҳо боло мебаромад.

Дигаре аз рӯ ба рӯяш омаду гуфт:

-- Э бача! Пиёдаӣ? Мошинат ку?!

*-- Ба ҷилд-ҷилд китобҳои навиштаи Н чӣ баҳо медиҳед?

-- Он китобҳо кӯҳи азими ангиштро мемонанд, ки ҳама ба сӯхтан кор меоянд.

* Эҳ ин модарон! Фигураам вайрон мешавад, гуфта, кӯдаконашонро намемаконанд…

* -- Шунидам, ки ба садамаи автобус дучор шудӣ? Аҳволат чӣ тур аст?

-Нағз. Аммо шояд захме намебардоштам, агар аблаҳе бо сараш зада сарамро намекафонд!

-- Аҳволи он шахс чӣ тур аст?

-- Мурд, аблаҳ!

*-- Эҳ! Дар ҷамъияти имрӯза, кӣ медонад фардояш чӣ мешавад, мо мегузарему армонҳо дар дил мемонад!

-- Парво накунед, бобо, давраи гузариш аст.

* Аз тавлид то тифлию кӯдакию ҷавонӣ ва то дами пирӣ, ҳама оғоз аст. Анҷом куҷост, касе намедонад.

* Барзагов мехӯраду мехӯрад, ба ҷуз хӯрдан чизеро намедонад. Ва балки огаҳ нест аз он ки рӯзе теғ бар гулӯяш мениҳанд. Барзагов ҳеҷ гоҳ хароб намешавад.

* -- Шумо коммунист?

-- Не.

-- Сотсиалист?

-- Не.

-- Идеалист?

-- Не.

-- Материалист?

-- Не.

-- Ҳа, пас Шумо гуманист?!

-- Ман сексалист!

*Рӯзадоре ба муллои деҳа даҳ сомонӣ дод, ки барвақттар азон диҳад.

*Адибони бисёрнавис ба мисли харгӯшонанд, ки бисёр мезоянд.

Зиҳӣ Фирдавсии бузург, ки чун Шер Шеъре зод аз «Шоҳнома»!

*Хоҳӣ, ки хобҳои рангин бубинӣ, дар китобхона бихоб.

*Тоҷике гуфт: «Мактаб, китоб, миллат, ақл…моли арабҳост. Сад шукр, ки нон, меҳан, хирад, чашму гӯшу забон аз мост…»

*Ҳар гапе, ки дошта бошед, ба муовин не, ба хабаркаши сардор гӯед, вай ҳатман мерасонад.

* Пире садсола атса зад. Наберааш аз рӯи одат гуфт: «Пир шавед!»

* -- Устод, ҳамин романи маро, ки тоза ба эҷодаш сар кардам, хонда баҳо медодед?

-- Бепарво навиштан гир, аздусар касе намехонад!

* Дар ҳавои сард умр ба сар мебаранд, то ҳавои хубро барои мо пешгӯӣ кунанд.

* Ӯ мегуфт, ман мешунуфтам.
Ӯ гуфту гуфту гуфт…
Ман шунуфтам… ва боз шунуфтам…
Ӯ ҳар он чӣ медонист, ба забон овард.
Аммо намедонист, ки ман медонам.

*-- Ку биханд!

-- Пих!

-- Ҳа-ҳа-ҳа! Ку боз биханд!

-Пих!

-- Э тоза ҳам шӯх будай-ку! Боз биханд!

-- Пих!

-- Ҳа-ҳа-ҳа! Э, бало будай-- ку! Маро тоза ҳам хандондӣ! Пих!!!

*-- Ин бегоҳ ҳатман борони сел ва жола меборад! Агар бовар накунед, биёед, шарт мебандем!

-- Бубахшед, Шумо ҳоло аз куҷо омадед?

-- Аз қишлоқ!

-- Ҳа… Ман гумон кардам, ки аз пеши Худо омадед…

*Гӯсфандтарини гӯсфандон он аст, ки ба шафқати чӯпон бовар кунад.

*Бе пул асарат сухан надорад.

*-- Ота, ҳамсинфам ба ман қаламашро тӯҳфа кард.

-- Ту дар ҷавоб ягон чӣ гуфтӣ?

-- Ҳа.

-- Чӣ гуфтӣ?

-- Надонам. Фаромӯш кардам.

*-- Китобе навиштам. Ба чоп додан даркор. Намедонам номашро чӣ гузорам?

-- «Ҳайфи коғаз»

*-- Шунидам, набердор шудед? Муборак шавад!

-- Раҳмат.

-- Аз таваллудхона овардед?

-- Ҳа. Дирӯз овардем.

-- Соқу саломат аст?

-- Шукр. Давида гаштааст.

*Аз насиҳати сардор ба котибаи танбал:

-- Як шӯе бикун, ки модар дошта бошад. Вагарна бе хушдоман азоб мекашӣ!

*-- Шодам, ки духтарҷони хабаркашаки ман келини шумо шуд, қудоҷон! Худо хоҳад, ба очааш фақат хабарҳои хуш мерасонад.

*Аз эълони мағозаи китоб:

«Ба муштариён иҷозат дода мешавад, ки қабл аз харидории китоб онро варақ бизананд, то пул дода, пушаймон нашаванд.»

*-- Мегӯянд, ки дар коргоҳатон Шумо аз ҳама босаводтаред?

-- Не. Дигарон аз ман камсаводтаранд.

*-- Э-ҳа! Табъаш он қадар нозук аст, ки аз бинӣ боло гап зада намешавад-е!

-- Пас, аз бинӣ поён гап занед!

*-- Ҳе, устод! Ҳамин Шарофат ба сӯям ончунон нигоҳҳои ташна меафканад ки!.. Ба гумонам, дилаш ба ман мекашад.

-- Албатта, шогирд! Охир, ту як ҷавони сап-сафеди базебу хушрӯ бошӣ!.. Дили ман ҳам ба ту мекашад…

*Дастро бо ду мақсад дароз мекунанд:

Барои гадоӣ.

Ва барои дӯстӣ, дар нохунак ва бенохунак.

*Аз рӯе ойина шукуфт, в-аз дигаре шикаст.

*Ҳайфи чиҳил ёсин, ки ӯ намурд!

*Хоҳӣ, ки қиммати умрро дарёбӣ, ба садои дилат гӯш неҳ.

*Бархе аз мусулмонон дар пеши Худо тифли хираанд дар назди падари сарватманд, ки ҳама дам «бидеҳ!» мегӯянду «бас!» намегӯянд.

*Хушдоман Келинро насиҳат кард:

-- Луқмаатро ба кас мадеҳ, ки шӯятро мегиранд!

Аз он рӯз сар карда, Келин луқмаашро ба ҳар кас медодагӣ шуд.

*-- Чаро ин тифлаки навзод, ки ҳанӯз якмоҳа нашудааст, ба ман ин қадар нигоҳ мекунад?

-- Шояд андеша меронад, ки қаблан туро дар куҷое дидааст?

*Рӯзи аввали рамазон ба коргоҳ қуфли якманӣ дар лабонаш овезон омад.

*Аз бекорӣ ба ҳама кор даст мезад.

*-- Эҳ, нависандаи бадбахт!

-- Чи хел бадбахт аст, ки китоб-китоб асарҳо навиштааст: ҳикояҳо, повестҳо, роман, драма… Ба як маънӣ, аз сарвати эҷод ҳама чӣ дорад!

-- Афсӯс, хонанда надорад!..

*Дар чашми мардум урёни модарзод будан ҳам ошкорбаёнист.

*Бенаво гуфт: «Ризқи мо дар дасти Худост. Ва ризқи шоҳон дар дасти мост».

*Агар сарватманд баъди мурдан огаҳӣ мееёфт, ки дороияш ба дигарон мондааст, аз мурдан батар мешуд.

*Агар ҳамаи хобҳои дидаамро имкони сабт кардан мебуд, филми 100-200-сериягии илмӣ-ҳунарӣ рӯи навор меомад.

*Тамоми умр сабр кардам. Ниҳоят, ба мақсад расидам, ки он марг буд.

*Пирамарде садсола дар ҳолати ҷон кандан буд ва ҳазён мегуфт: «Ай Худо! Ку шахсе, ки маро панде бидиҳад, то роҳу равиши зиндагонӣ омӯзам!»

*Умр пеш меравад ё қафо? Кам мешавад ё зиёд? Кӣ медонад?

*Гуфтам: «Дар пеши ягон кас сар хам намекунам!» Оё «Кас» Инсон нест? Ё тавба! Пас, ман Шайтонам?!

*Моро, ки дар рӯшанободем, аз зулмот метавонанд дид. Вале дар зулмотобод чӣ амалҳое зишт содир мешавад, афсӯс, мо дидан наметавонем!

*Ҳар гоҳе хабари ҷанозае мешунид, бетаъхир мешитобид дар сафи дигарон, то қиммати ин дунёро шиносад.

*Аз шахси беҳаё қадри як пора либос болотар аст, ки аврати касро мепӯшонад.

*Намоз гузоридан антивирусе дар компутери ботин аст.

*Ситоиши беҳад аз фуқаро шунидан санги ғафлатест, ки пешвоёнро пешпо медиҳад.

*Пирамарде мариз фаро расидани дами маргро пеши назар оварда, фарёд кашид: «Ай Худо! Он рӯз кадом рӯзи ҳафта, кадом соат, кадом дақиқа ва кадом сония хоҳад буд?!»

*Магасро меронам гуфта, ба рӯйи худ чанд шаппот зад.

*Подшоҳро ончунон мадҳу ситоиш карданд, ки Худо аз яккаву ягона будани худ шарм дошт.

*-- Навис: «Во дареғо, во ҳасрато!!! Мо ба ин дунё чаро омадаему куҷо меравем?!»
-- Навиштам.
-- Хат зан!!!

*Маро маъзур доред, ки табиати чор фасли сол дар ниҳоди ман ғунҷида. Зеро ки Инсонем, нусхае аз Табиат, ки Худойи мутаол офарида!

*Ман ба китобхона даромадам,
Ӯ (мансабдор) вориди тарабхона шуд.
Ман китоб кушодам, ки ҳама дунёи маъонӣ буд: андарз буду панд буду ҳикмату насиҳат…
Ӯ хон баркушод, ки ҳама анвои хӯрданӣ буд: қайлаву палаву газаку кабобу шароб…
Ман сафҳа варақ задам,
Ӯ даст бар табақ зад…
Ду чашми азизи ман рӯи калом медавид,
Ду чашми ҳариси ӯ сӯи таом медавид…
Ман ақл пур мекардам,
Ӯ шикам пур мекард…
Ман мехондам,
Ӯ мехӯрд…
Ман мехондаму мехондаму мехондам,
Ӯ мехӯрду мехӯрду мехӯрд…
Ӯ ба ҳоҷатхона даромад,
Ман боз вориди китобхона шудам…

*Ҳар гоҳ ки вориди масҷид шавад, сар ба саҷда фуруд оварда, дар назди Худо муши мурда аст. Чун аз масҷид бурун омад, калламушеро мемонад, ки сад анборро оташ мезанад.

*Ӯ ҳар дафъа аз ҷонамоз дастархон мекушод. Ва болояшро бо шаробу кабоб зиннат медод.

*-- Намоз мехонӣ?
-- Бале.
-- Чанд сура азёд медонӣ?
-- Ягонто!
-- Пас, дар рӯйи ҷонамоз нишаста, чӣ мехонӣ?
-- Бо Худо сӯҳбат мекунам…

*Замона дигар гашту ӯ тарки ҳофизӣ кард ва қории Қуръон шуд.

*Чӣ шиква барам аз он ки маро намешиносанд, вақте ки ҳанӯз худро нашнохтаам.

*Номзади фанҳои филологӣ мақсад гузошт, то касби худро дигар кунад. Довталаби факултаи ҳуқуқшиносии донишгоҳи олӣ шуд. Аз иншо баҳои 2 гирифт.

*Ман дар хоки замин нишаста, мегӯям: «Ман медонам!» Ӯ дар авҷи само нишаста мегӯяд: «МАН медонам!»

Баҳси мо беохир аст.

*Дар баҳси ману дӯст мувозинат риоя намешуд: Вай ба хотири дӯстӣ орому ботамкин ҳарф мезад. Ман баракс, ҳар лаҳза девонаавзоёна барошуфта, доду фиғон мебардоштам.

Бақои дӯстии мо зери шубҳа аст.

*Ҳар қадар бузург гардӣ, ҳамон қадар доғи гуноҳат аён мешавад.

*Дар умрам бори нахуст дар сафи пеш ҷой гирифтаму Вазир дар паси ман нишаст.

Он сафи намозгузорон буд.

*Он қадар дар ғайб сиёҳам кардаанд, ки ба диданам чашмони роҳбар тип-торик шудааст.

*Во аҷаб зишт оне, ки сиёҳии дили ӯ дар рӯяш аён шуда!
Чӣ хушо зист оне, ки сапедии рӯи ӯ бар дилаш асар карда!

*Ба ҳар панде, ки рафтагон ба ёдгор гузоштаанд, ибтидо худ эҳтиёҷ доштанд.

*Худои мутаол агар медонист, каломи офаридааш ин қадар хор мешавад, ба ҳарзагӯй забон намедод.

*Дар миёни тоҷикон бекастарин онҳоеанд, ки дар даврони истиқлолият ба ӯ мансабеву мақоме нарасида бошад ва беҳунартарин ононанд, ки китобе нанавишта бошанд.

*Имрӯз кӯрон китобнавис шудаанду карон ҳофиз.

*Дар дави олимпӣ ланг аз ҳама пеш гузашт.

*-- Эҳ, афсӯс, пир шудам!
-- Не, Шумо ҳоло ҷавонед, устод! Фақат ҳамин ки сину солатон ба ҷое расидааст.

*Шӯҳрати Ӯро бо ин ҳама ҷавонӣ он қадар боло бардоштаанд, ки аллакай барои мӯмиё тайёраш кардаанд.

*Дар паси подшоҳ ғайбат, дар пеши подшоҳ хушомад.

*-- Бисёр филми аҷоиб! Як лаҳзааш ба ман хеле писанд афтод!

-- Кадом лаҳзааш?
-- Ҳамоне ки милисаро мурданивор кӯфтанд!

*Дунёро қурбон мекунам, маъниро не!

*Ба сӯҳбати Худо гӯш бинеҳ, то хушиҳои зиндагиро эҳсос намоӣ.

*Марде, ки бӯи занро эҳсос намекунад, зан аст.

*Якрав аз рӯи одат баракси гуфтаи дигарон кард: Ҳавои тозаи рӯи ҳавлиро монда, ба ҳоҷатхона даромаду чуқур нафас кашид.

*Он, ки аз гузаштаи худ огаҳ нест, оянда надорад.

*Дар пеши аблаҳ рӯятро тира бигир, вагарна ба ту хира мешавад.

*-- Биё, ҷӯра, як каме гап-гап карда шинем.
-- Не. Як даме хап-хап шинем, беҳтар!

*Пир шудам. Афсӯс, сер нашудам… Аммо дер шуд!

*Ҳамсари як рафиқамро қадаш дароз аст, завҷаи дигареро забонаш.

*Мушеро, ки парвоз мекунад, кӯрмуш меноманд, ки он ба хуршед нафрин дорад.

*-- Саломатиатон чӣ хел аст?
-- Аввал бипурс, ки ба чанд даромадӣ?
-- Хуб. Чандсола шудӣ?
-- Шастсола. Аз шаст, ки гузаштӣ, мапурс, куҷоят дард мекунад. Бигӯ, ки куҷоят дард намекунад?

*Аз Худо матарс, аз худ битарс!

*Оне, ки Худоро дидааст, манам. Дар ойинаи ақл ба ботини худ нигаристам.

*Аз ташрифи меҳмон шодию фараҳи аҳли хонадонро ҳадду канор набуд. Ҳар сол ба ифтихори ин рӯз базму сурур оростанд. Ва аз рафтанаш афсӯс хӯрданд.

Ӯ Инсон буд ва хонадон ин дунёст.

*Подшоҳ ба вазираш гуфт: «Ту дар ҳузури мардум дар пойи ман сари таъзим фуруд овар. Ман дар ғайби мардум дар пойи ту сар хам мекунам.

Тақозои давлатдорӣ ҳамин аст».

*Сардори шӯъба Мурод ҳарфи аввали номи худро дар паси дари ҳуҷраи кориаш сабт кард: М.

Муовини ӯ-Зайнаб ба вай тақлид карда, дар паси дари ҳуҷраи кориаш навишт: З.

*Хок аз оқибати ҳоли мо афсӯс мехӯрад, ки пой бар рӯи ӯ бинҳодаему парвое намекунем.

*Ӯ хушҳолу фараҳманд сар аз бистари хоб бардошт. Чашмонашро молид ва масрур аз он буд, ки чанд соатеро бо ғафлати ин дунё гузаронид.

Аммо аз мурдан, ки хоби беохир аст, метарсид.

*-- Аҳволатон чӣ хел?

-- Шукр, нафас кашида истодаем.

*-- Ту бачайи кӣ?

-- Бачайи отам!

-- Отаат кӣ?

-- Шӯйи очам!

-- Очаат кӣ?

-- Зани отам!

-- Ҳа, акнун шинохтамат. Ту бачайи Афандӣ будаӣ!

*-- Саломатиҳо чӣ хел?

-- Э, маза нест, ҷӯра! Организм барахлит мекунад.

*Коргардони филм фоҳишаеро меҷуст, то нақши фоҳишаро рӯи навор оварад.

*Яке гапи даҳан, яке боди шикамро нигаҳ надоред, ки дилро фишор медиҳанд.

*Чун ҳастӣ омаду онро бидидем, чӣ бояд кард, ки нестӣ низ омаданӣ ҳаст!

*-- Ризқи инсон аз заҳмати ҳалол зиёд нест. Сабаб чист?

-- Зеро Худои мутаол ҳалолро аз ҳаром камтар офаридааст.

*-- Чаро либосҳои озода намепӯшӣ, худро орою торо намедиҳӣ?

-- Он гаҳ касе бовар намекунад, ки дар Вазорати фарҳанг кор мекунам.

*Хислати аҷибе дорад роҳбари мо. Ҳарчанд дасташро гарм мекунем, боз ҳам дилаш хунук аст!

*Одам мурват нест, ки ҳар лаҳза ӯро тоб диҳӣ!

* «Давидани гӯсола то дари каҳдон»- мегӯянд.

Давидани инсон то лаби қабристон.

*Одамон ба мавҷудияти арвоҳу ҷину балоҳо бовар надоранд, бо далели он ки онҳоро надидаанд.

Оё неруи барқ, микробу бактерияҳо ва садоро, ки бешак дар муҳити атрофи мо арзи ҳастӣ мекунанд, метавон дид?

*Дар кӯдакӣ, дар деҳа бозӣ карда, аз ҳавлии ҳамсояҳо мегузаштем, мо бачаҳои шӯхро соҳибхонаҳо ҷанг мекарданд.

Ҳоло бошад, дар шаҳр, дар боми хонаи ҳамсояҳо қадам мениҳему касе дам намезанад.

*-- Мегӯянд, ки як наринаи шери баҳрӣ ба даҳ модинаи он соҳибӣ мекардааст?
-- Пас, мисли баъзе муллоҳои мо будаанд.

*Тавба кардам, ончунон афташ хунук, ки урён шавад ҳам, ягон мард нигоҳаш намекунаду боз сатр пӯшида мегардад!

*Дар ҳама давру замон соҳибони давлат халтаи пурбореро назди мардум мегузоранд, ки қабати болояш гандум, боқӣ ҳама ҷав аст; шояд аз ризқ, шояд аз ваъдаҳо ва шояд аз фанду риёву дурӯғҳои беҳисоб…

*Ҷамъи қонунҳои фалаҷшударо капитализм меноманд.

*Ончунон базавқ, баланд ва дурудароз хандид, ки якбора аз ханда рӯдапеч шуду мурд!

Латифагӯро ба суд кашиданд.

*Тифл то худро шинохтан хислати калонсолонро дорад; ҳар кӣ чизе диҳанд, ба он майл мекунад.

*Бандаро Худои мутаол сарвати дунё бахшид. Шукр накард.

Ӯро ҳокими Замину Замон кард. Банда аз худ бехабар гашту худро Худо эълон дошт.

Худо ӯро бахшид ва ҳазор сол умраш дод. Банда «Бас!» нагуфт.

Пас, Худо ӯро кушт ва маргро пеш овард барои тамоми бандагонаш.

*Шукри Худои мутаол, ки ҳазрати Муҳаммад салаллоҳи алайҳи вас-саламро пайғамбари охирзамон эълон намуд.

Вагарна, ин ҳама муллою эшону ҳоҷиёни донотароши охирзамон даъвои пайғамбарӣ мекарданд!

*Бечора модар бошитоб алла мегуфт, то ҳарчи зудтар тифлакашро хоб барад. Аммо дар оҳанги аллаи ӯ шавҳарашро хоб бурд.

*-- Пеши хода маънуш бикун!

-- Дар куҷо? О, дар қади роҳ ягон хода нест!

-- Э, ту гапа намефаҳмӣ, братишка?! Маънуш бикун, ҳо, дар он ҷое, ки пиёдаҳо мегузаранд-ку!

*Вай бо тамоми нафрате, ки ба рақиби ғаддораш, ба марди ҷоҳил, бадкину бадкеш, худдонаму худписанд дошт, ба забон овард:

-- Рӯзе мерасаду саг барин мемурӣ!

Ё тавба! Рӯзе расиду худи вай саг барин азоб кашида мурд!

Эй Худо! Бубахш, мо бандагони гунаҳкоратро! Бо мо ҳар он чӣ раво бубинӣ, Худат медонӣ!

*Касе ёди Худо намекард, агар бандаро дард намедод.

*-- Ало, маро мешунавӣ?

-- Не.

-- Ман ҳам.

*-- Ай дӯсти азизам, хуб ноодам будаӣ! Дар рӯзи марги ту ба мотамат рафтаму дар рӯзи марги ман ба ҷанозаам намеоӣ!

*-- Мегӯянд, бисёр шоири хубед! Барои катибаи рӯи қабри падарам ягон шеъри хуб менавиштед.

-- Бубахшед, ман барои зиндаҳо менависам, на барои мурдаҳо!

*Гуфтанд: Дили сардори идораатонро биёб, корҳоят пешрав мешаванд. Ахиран онро ёфтам; дар кисаи чапаш будааст.

*Гуфтанд: Гапҳои бемаънӣ назан!
Гапҳоям бемаънӣ бошанд, пас маро чӣ хел фаҳмиданд?

*Дар кӯча аз мардум, дар хилват аз Худо шарм дор!

*Аз пайи сад нафар бояд рафт, то сад нафар аз пайи ту биравад.

*-- Чаро дар иди Қурбон ба хонаи мо дуо кардан наомадед?
-- Шикамам сер буд.

*Адибе, ки дар зиндагӣ осори мунтахабашро гирд меорад, ба мисли шайхест, ки пеш аз марг марқади худро бунёд мекунад.

*Эҳ, рӯзи таваллуд ақаллан ду рӯз мешуд!

*Хулоса аз тарҷумаи филмҳои тасвирӣ дар Телевизиони Тоҷикистон:
Шукри Худо, қурбоққаву ғозу тимсоҳу хирсу гургу шағол, ҳама тоҷикиро ёд гирифтаанд!

*Дар нақши Аҷуза актрисаеро интихоб карданд, ки феълу афташ мувофиқат мекард, вале ҳунараш не!

*Вай аз зиштрӯйии худ ифтихор дошт. Зеро дар нақши Аҷуза касе ӯро иваз карда наметавонист.

*-- Маро нашинохтед? Як фикр кунед, шояд дар кучҷое дидаед?
…Ҳамсӯҳбаташ кӯр буд.

*Бинии пачақамро рост мекунам, гуфта, ба он либосовезакро андармон кард.
Бечора, акнун бо даҳонаш нафас мегирад.

*Бори тамкин ончунон фишорам додааст, ки ба хоки замин баробар шудаам ва касе маро намебинад!

*Решаро бояд бурид, то манзилатро дарахт аз беху бун сарнагун насозад.

*Фикри зистан накунӣ, фикри мурдан хоҳӣ кард.

*Ҳама хатро метавон кӯр кард, ба ҷуз хати пешонӣ.

*Заминро шикофту шикофту ба қаъри он фурӯ рафт. Ва боз шикофту фурӯ рафт. Ва боз шикофту шикофт…Аз Замин баромад.

*Ҳама нуқлу кабобу шароб пеши ӯ ниҳоданд. Гуфтанд: «Нахӯр!» Натавонист. Даст ба таом бурду гирифту бихӯрд.
Чашму рӯ аз нигоҳи номаҳрамон пинҳон кардани занони сатрпӯш низ бад-ин маънист.

* «Шеърҳоятро хондам, -гуфт шоире ба шоири дигар.-На-ғз…».
Ва забонаш гирифт.
Аз афташ, табрик карданӣ буд.

*Издиҳом аз раҳи эътимод дунболи ӯ мерафт. Ӯ носабур буд ва дар банди ғуруру такаббур. Пешпо хӯрд ва таҳи пойи издиҳом монд.

*Дар маросими ҷанозааш ӯро ончунон мадҳу ситоиш карданд, ки шояд аз мурдан шармаш омад.

Агар гӯшҳояш мешуниданд, шояд дубора зинда шуда, аз ҷой бармехесту худро дар пойи ҳамагон мафканд ва боз мемурду бароҳат дар хоби абад мерафт.

*Бодапарасту саҷҷодапараст ҳар ду аз худ бехабаранд. Яке дар ёди ин дунё, дигаре дар ишқи он дунё.

*Аблаҳон бастанд аробаро аз ду ҷониб, ба ду аспи ҷавмаст ва қамчин заданд.

Онҳоро бад-он сабаб аблаҳ гӯянд, ки худ намедонанд, чӣ кор мекунанд!

*Худои мутаол фармуд: «Ба гадо зиёд мадеҳ, ки ҳеҷ гоҳ тарки ин амал нахоҳад кард. Агар ношукр бошад, пас ҳамон додаи туро ҳам аз вай биситонам».

Мастеро дидам, ки ба гадое мегуфт:

-- Худоро мешиносӣ?

Гуфт:

-- Алҳамдулиллоҳ!

Гуфт:

-- Пас, бирав, назди Парвардигор, насиби ризқу рӯзият диҳад, то мӯҳтоҷи бандагон нашавӣ!

*Бо ҳайвонҳо зиста, инсони хубе шуд.

Бо инсонҳо зиста, хӯи ҳайвонӣ гирифт.

*Аз ҷониби муассисаҳои табъу нашр ва санъат ба эҳтиёҷмандон кӯмаки навбатӣ расонида шуд. Ноширон ба ҷамъияти нобиноён китобҳои тозанашри худро тақдим намуданд; ҳунарпешагон барои кару гунгон консерт намоиш доданд.

*Тифлон бо ту чӣ гуна унс мегиранд-баҳои ту ба хӯю атвори туст.

*Войи адибе, ки осораш пеш аз ӯ мемирад!
Хуш он асаре, ки баъди сари адиб зинда хоҳад монд!

*Ронандаи ботаҷриба он аст, ки мошинро поезд барин ором биронад.

*Муаллими зирак аз шогирдон сабақи дониш мегирад.

*Битарсед ва эҳтиёт шавед аз оне, ки сухани шуморо гӯш мениҳаду ба сӯҳбат ҳамроҳ намешавад, ки дузд аст!

*Он ҳамам тамошобинон аз ҷумлаи аблаҳонанд, ки саҳнаи васеи театрро бо як қуттичаи оинаи нилгун иваз мекунанд.

*Таоми гӯш сухан аст, ғизои чашм дидан. Ақл чошнигир аст. Ӯ сер аст, агар шунидану дидан безиён бошад.

*Шоире ҳаст як шеър навишту сад кас хондаш. Шоире ҳаст, ки сад китоб навишту як кас нахондаш.

*-- Устод, як кӯмак мекардед, китобамро ба чоп расонам.

-- Калон аст?

-- Бале. Роман.

-- Ғам махӯр. Кӯтоҳаш мекунем. Ҳикоя мешавад.

*Асари хуб асарест, ки дар он занҷирбанди воқеаҳо чун задани дил тасвир ёбад.

*Ҳамаро метавон барои ҳамнишин гаштан бо бадон, аблаҳон, ҷоҳилон, зиштон, маккорон, девонаҳо, дуздон, ғоратгарон, булҳавасон… мазаммат кард, ба ҷуз аз нависанда.

*«Зӯртарин!», «Бузургтарин!», «Ҷасуртарин!», «Бебоктарин!»-гуфта ончунон ситоишаш карданд, ки ҳатто аз Худо ҳам наметарсидагӣ шуд.

*Кӯдаконамро қатъан нагузоштам, ки филмҳои маҳрамона тамошо кунанд.
Онҳо маро аз тамошои филмҳои тасвирӣ маҳрум карданд.

*Хандонда натавонӣ, наханд.

*Аз дуои кампираке ба шоираке:
-- Э, қаламат шиканад!

*Дар чашми ту кас чу бад намояд,
Бар хеш нигар, ҳасад намояд.

*Ба кормандон иҷозат дода шуд, ки панҷ дақиқа пеш аз заминларза тарки идора намоянд.

*-- Ҳақи қалами китобатро гирифтӣ, мегӯянд! Як зиёфат намедиҳӣ?
-- Э-ҳе! Ҳақи қаламамро порсол гирифта будам. Он ҳамаро кайҳо хӯрдам, ҳазм шуд, пору шуд, деҳқонони колхози «Россия» дар қади ҷӯяҳои бодирингашон рехтанд!

*Ӯ кист?
Ки дар ҷанозааш
Бегона ҳам гирист,
Девона ҳам гирист…

Муште задам ба сар,
Чу девона худ ба худ.
Гуфтам: «Чӣ суд аз чу мане, ки дер зист?!»
Бори нахуст аз алами нобузургиям

Бурдам ҳасад ба як касе, ки мурда буд…

*Шаклан инсон, мазмунан шайтон.

*Шаклан бегунаҳ, мазмунан рӯбаҳ.

*-- Шунидам, китобат чоп шудаст? Муборак шавад?
-- Раҳмат. Вале афсӯс, муқоваашро ончунон тунук кардаанд, ки бо як варақ задан варақҳояш канда мешаванд.
-- Парво накун, онро касе варақ намезанад…

*-- Мегӯянд, суғур фақат хок хӯрда, рӯзи худро мегузаронад?
-- Хайр? Мо чӣ мехӯрем? Магар ризқу рӯзии мо ҳам аз хок нест?

*Заминро аз авҷи кайҳон нигаристам: Одамон шабеҳи мӯрчагонанд, ки ба лундаи наботе часпидаанд.

*Қасам махӯр, агар имонат комил набошад.

*Бузургтарин кас он аст, ки бузургтарин гуноҳи касро бубахшад.
Худо бузург аст!

*-- Мегӯянд, дар ким-куҷое, бо амри Худои таоло, як одам хар шудааст?
-- Ин ҳеҷ ҷойи аҷоибӣ надорад. Аммо агар гӯянд, ки харе одам шудааст, бовар кардан мушкил аст!

*Иншоолоҳ, то мурдан зинда хоҳам буд!

*Беҳтарин савоб он аст, ки гаҳворае биҷунбонӣ ва тифлеро бихобонӣ.

*Агар роҳ дароз аст, рост нест, в-агар рост аст, дароз нест.

*Худои мутаол натавонист сохтан Замину осмонро бо бузургӣ ҳамчун меҳри Модар ба фарзанд.

*Бо Худо дӯстӣ намо, бандагонаш туро дӯст доранд.
Дӯстдори бандагон бош, Худо дӯсти ту хоҳад буд.

*Аз дидори ҳабибон аз худ меравам ва чун рақибонро мебинам, ба худ меоям.

*Тифл дар якмоҳагӣ хандаро меомӯзад. Аммо баъзе аз калонсолон ба пирӣ мерасанду боре ҳам лабонашон ба ханда моил намешавад.

*Оне, ки бораш ба пушт аст, заминро намебинад.

*Аз кирм метарсӣ, морро надидаӣ!

*Ё тавба! Бо сабаби низои оилавӣ дар сари қаҳр ба завҷааш гуфт:

-- Се бор се борӣ талоқ!

*Хасис аз ҳоҷатхона баромаду аз дил гузаронд, ки чизеро афтондааст ва гашта даромад.

*Азамати гурба паланг аст; азамати калтакалос тимсоҳ; азамати моҳӣ наҳанг. Азамати одам дев аст. Ин афсона нест, ҳақиқат аст, бовар кунед!

*Дар сӯҳбате, ки атрофи тандурустист, яке ва ё ҳамагон дарде доранд.

*Гуфт:

-Бубахшед, мани бандаи пургуноҳро! Одамӣ-да, кас дар як сол як бор хар мешавад…

Хар инро шуниду шарм кард.

*Истироҳати бузург дар сояи дарахти бузург аст.

*Бо кӯдак бозӣ бикунӣ, кӯдак шавӣ.

*Ҳар гоҳе мардум механдид, ӯ мегирист. Ва чун мардум мегирист, ӯ механдид.
(Аз ривоятҳо дар бораи Увайси Қаранӣ.).

*Дарди сар дарди сарватмандон аст, дарди меъда дарди камбағалон.

*Чаро бишканияш, чун илоҷи пайванд аст.

*Савдои мо аз рӯи инсоф буд. Харидор аз наздам хушнуд рафт. Ман аз адолати хеш мамнун будам.
Яке омаду гуфт: «Воҳ! Арзон фурӯхтӣ!»
Дилам сиёҳ шуд.

*Беҳтарин арзиши мол инсоф аст.

*Худо ӯро шаст сол умр дод. Шукр гуфт.
Ҳафтод сол умр дод, шукр гуфт, ҳаштод сол, навад сол, сад солаш дод, шукр гуфт. Аммо «Бас!» нагуфт.

*Онҳое, ки аз чап ба рост ва онҳое, ки аз рост ба чап менависанд, ҳамагон ба як самт мешитобанд: аз тавлид сӯи марг.

*Бародари саворае, ки баҳри мулоқот бо бародари худ пиёда нашавад, бегона аст.

*Яке гуфт:
-Занак, дардат мезанад, ки мӯйҳоятро ранг кунӣ, то як кас дидаю нафаҳмад, ки зиндагиамон ноҷӯр аст!

*Дар ин замона худро ба девонагӣ наандозӣ, девона мешавӣ.

*Аз макри Калта ва аз кинаи Дароз битарсед.

*Пир, ки шудӣ, хабари фавти одамон бештар ба гӯшат мерасад.

*Ҷабрдидае, ки ба мӯҳлати 25 сол аз озодӣ маҳрум шуда буд, ба прокурори мӯсафеди шаступанҷсола таҳдид кард:

-Аз маҳбас бароям, мекушамат!

Прокурор гуфт:

-- То ту аз маҳбас мебароӣ, ки ман худ мемурам!

*Ҳангоми қаҳру ғазаб дар танҳоӣ худ ба худ ҳақорат мадеҳ, ки дар назди ту ғайри Худо касе нест!

*Аз паси ҳар яки мо касе доимо пойида мегардад.

Ӯ ҳолдон ва ҳамнишини мост.

Яке гуфт:

-- Раҳмат ба Шайтон, ки девори қаҳригиро аз байни ману ҳамсараш бардошт.

*Шукуфтани гулҳоро мушоҳида карда бошӣ, шукуфоии зиндагиро эҳсос хоҳӣ кард.

*Камбағал бошӣ, қайла, мурғбирён, ҳасиб, сихкабоб махӯр, ки ба саломатӣ зиён доранд.

*Ҳавас мехӯрӣ, аз нав кӯдак шавӣ?

Сабр кун, пири фартут, ки шудӣ, ба он рӯз мерасӣ.

*Тобутеро мебурданд. Пире раҳгузар диду гуфт: «Бирав, бирав, ман аз пасат меоям…»

Ӯро девона пиндоштанд.

*Агар ҳафтодсолаӣ, бигӯ: «45 сол умр дидам».

Зеро 25 соли он бо хоб гузаштааст.

*Сарат дард кунад, дардро аз по бичӯ.

*Бедорхобиҳои ин шабонро чӣ ҳисоб кунам, ки хоби фардо ҳисоб надорад.

*Паррандае ҳаст зираку доно, бо номи «майна». Мағзи сарро низ майна гӯянд.
Чӣ нисбате миёни онҳост?

*Яке гуфт:
-Дар ҷавонӣ қадам дароз буд, ақлам кӯтоҳ. Ҳоло ки пир шудам, Худои мутаол қадамро кӯтоҳ карду ақламро дароз.

*Одамӣ ҳама маънии оламро дар як қолиб гунҷонда тавонист, вале натавонист худро дар як қолиби маънӣ гунҷонад.

*Аз ҳад беш шитоб макун, ки ё ягон чизро мешиканӣ, ё аз чизе дасту поят мешиканад. (Ё туро мешикананд).

*Ҳама гуна эътиқодро метавон барҳам зад, ба ғайр аз эътиқод ба Худо!

*Бенавое зуком шуд. Он қадар пайсае, ки дошт, дору харид. Шифо ёфт.
Ва ба зудӣ боз бистарӣ гашт. Ин навбат силкасал шуд. Аз гушнагӣ ва аз ғами бенавоӣ.

*Агар нависандагон ҳамаи ҳунарҳоро меомӯхтанд, беҳтарин асарҳо меофариданд.
Оё беҳтар нест, ки ҳама ҳунари нависандагиро омӯзад?

*Саги гургшуда хидматчии давлатист, ки ба мақоме соҳиб мешавад.

*Шароб барои рафъи андешаи дунёст, на барои андешаи дунё.

*Шикояти дунё пуф аст, ҳамчун садои дилхароши най. Вале на ҳар кас пуф кардан метавонад.

*Маро ба яке ҳукм кардан зулм аст, ба яке итоат кардан таҳқир.

*Мардум як бори осмон бар дӯш дорад, подшоҳ ҳафт бори осмон.

*Аз чунин касон эҳтиёт бояд кард: «Саратро сила карда, сила карда, банохост кашидаву кушода чунон ба рӯят шаппот мезананд, ки аз чашмонат оташак мепарад!

*Беҳунартарин касест, ки намедонад, Худои мутаол ба вай чӣ ҳунаре додааст.

* Сахт задани дар ҳам, ҷанг бо соҳибхона аст.

*Аз навиштаҷоти пойтахт: «Дустонатонро ҳатман бо собун шӯед».

Шояд «дастон» бошад?

*Вазир қабл аз ҷаласаи ҳукуматӣ сари ангушт ба ҳар ду китфонаш давонда салиб кашид.

Дар фарҷоми ҷаласа даст ба рӯй бардошта «Оллоҳу Акбар!» гуфт.

*Яке аз зиндагӣ дилмонда буд, гуфт:

-Ай Худо! Чанд соли дигар монда, то мӯҳлати ҷазои туро адо кунам ва аз маҳбаси ин дунё раҳоям созӣ?!

*Ҳама Худоро «ту» мегӯяд, баъзе занашро «Шумо».

*Яке гуфт:
-Ҳамду сано сайёдеро, ки ба ҷонваре тир наяндозад!

*-Китоби навам чоп шуд, хондед?
-Бубахшед, ман ҳам мисли ту нависандаам, на хонанда.

*Мансабдоре зердасти худро, ки дар сину сол аз вай даҳ сол калон буд, пурсид:
-Бачам, чӣ хел?

*Беҳтарин дузд дарбон мешавад.

*Аз шиори ҳукумати шаҳри Душанбе:
-Дар пойтахт 60 соли ободонӣ ва кабудизоркунӣ эълон шудааст.
Ба онҳое, ки аз 60 гузаштаанд, дахл надорад.

*Аҷалаш, ки расид, ромкунандаи морҳо шуд.

*Рӯзаро хӯрданӣ бошӣ, ниҳон аз чашми одамон бихӯр.
Худо раҳим аст, мебахшад, вале бандагонаш намебахшанд.

*Аз дӯсти ҳиллагар бо ҳила ҷудо мешаванд. Вагарна ӯ душман хоҳад шуд.

* «Аздусар ба ҷанозаи ман намеояд»- гуфта, ба ҷанозааш нарафт.

*Онон, ки дунёро парастанд, бар хок раванд, онон, ки Худоро парастанд, бар афлок.

*Ӯро масхараву мазоҳ карда ба ҷонаш расониданд.
Болои курсӣ баромада, гуфт: «Худамро мепартоям!»
Базӯр нигоҳаш доштанд.

*-Медонӣ чӣ? Шеърҳоят хом. Ба чоп намеарзанд!
-Мефаҳмам… Аммо шумо ҳам маро фаҳмед-да!

*Марде дар шаби қадр ба хонаи ҳамсоя даромад ва даст ба домани зани ӯ бурд.
Онҳоро шавҳари зан дар ғафлат ёфта пурсид:
-Чӣ кор мекунӣ?
Гуфт:
-Мехоҳам зани ту ба тилло табдил ёбад.
Гуфт:
-Чаро зани худро намекапӣ?
Мард:
-Зани ман лоғар аст.

*Хонуме ба як ҳофизи машҳур он қадар ошиқ буд, ки мехост аз овози вай ҳомила шавад.

*Маро мегӯянд, ки пир шудаам.
О, чӣ хел пир шудаам, ки ба автобус дароям, ҷавонон аз ҷой намехезанд?

*Вақте ки ду неру дар роҳи ҳақ бо ҳам меҷанганд, неруи сеюм онҳоро мағлуб мекунад, ки он «Макр» ном дорад.

*Хар агар аз ибтидо намегузошт, ки дар пушташ савор шаванд, хар намешуд.

*Модари навадсолааш аз ҷаҳон даргузашт. Дӯстон барои ҳамдардияш омаданд.
Ӯ гуфт:
-Хуш омадед… Хуш омадед… Шуморо ҳам ба ин рӯз расонад…
Магар дағал гуфт?

*То аз пасат дуд набарорӣ, парвоз карда наметавонӣ.

*Ба майзада як пайса хайр кардан гуноҳ аст.

*Дар сармои қаҳратун хунук назанад гуфта, ҳар ду гӯшашро бурид.

*Аз кор мондани дил мурдан аст, аз кор мондани майна аз мурдан бадтар.

*Фарқи зану мард фақат дар байни по нест.

*Ягона шоир аз ноҳия буд. Ба номаш фермаи мурғпарвариро ниҳоданд. Зеро як вақтҳо дар он ҷо кор мекард.

* Ду нафар харидор назди кундафурӯш омаданд.

Аз яке пурсид:

-Кундаро барои чӣ мехарӣ?

Гуфт:

-Барои ҳезум. Хонаам сард аст. Кӯдаконам хунук хӯрданд. Метарсам, ки касал шаванд.

Аз дигаре пурсид:

-Ба ту кунда барои чӣ лозим?

Гуфт:

-Косахонаи дутор метарошам.

Ба вай фурӯхт.

*Харидоре ба гӯштфурӯше нидо кард:

-Эй! Калла дорӣ?!

*Гуфтанд, ки эстрадаи ҷавонро дар лаби ҳавз ба навор мегиранд.

Қурбоққаҳо шуниданду лаб фурӯ бастанд ва аз хиҷолат сар даруни ҷомаҳо кашиданд.

*Вақти гусел гуфт:

-Тоб хӯрда боз биёед…

Дар ҷойи худ тоб хӯрду боз гашта ба дари ӯ даромад.

*Меҳмони хонадони дӯсти наздикам шудам. Оличаноб зиёфатам дод.

Хони пурнозу неъмат орост. Тамоми нуқлу кабобу шаробро бароям муҳайё сохт…

Тасодуфан китоби ба тозагӣ чопшудаамро, ки ба вай тақдим карда будам, аз ҳоҷатхонаашон ёфтам.

*Сабр чист?

- Аз Вақт пеш нагузаштан, ки дар пойгаҳи зиндагӣ ҳамеша моро аз пайи худ мебарад.

* Ӯ ҳамеша шукру сипоси бепоён аз додаи Худованд мекард. Худованд ба фариштаи ризқ фармуд, ки гарди доманашро ба сари он Бандаи шукргузораш афшонад.

Ӯ ончунон бадавлат шуд, ки ҳадду ҳисоб надошт.

*Мо ҳар ду зодаи як дунёем. Яке тоҷиру дигаре шоир. Ва ту дар дунёи дигар зиндагӣ мекунию ман дар дунёи дигар.

Биё, ба дунёи ман, ки аҷаб дунёест!

*Ду рафиқи ӯзбекзабонамро ба писари Афандӣ шинос карданӣ шудам.

Ӯ ба шаклу башараи ҳар ду бодиққат назар афканду гуфт:

-- Шинос накунӣ ҳам, мешавад. Номи ин ҷӯраҳои ту ё Тошпӯлод аст, ё Эгамбердӣ.

Дарвоқеъ, яке Тошпӯлод буду дуввум Эгамбердӣ.

*-- Мардак, Худо хоҳад, китобат ҳам чоп шуд. Кай ҳақи қаламатро мегирӣ?

-- Насиб бошад, ҳамин ҳафта, занакҷон. Ҳамаашро бо ду дасти адаб оварда дар дастат месупорам!

Зан бо мард сар дар як болин монда, боз 30 соли дигар умр диду боре ҳам китоби шавҳарашро варақ назад.

* Корфармои ошно аз рӯи имконият музд медиҳад. Бегона аз рӯи инсоф.

*Сари чархи мошин ҳазорон, миллиёнҳо бор тоб мехӯрад, то моро ба манзил расонад.

*Пиразан шавҳари мӯсафедашро ончунон дӯст медошт, ки барояш духтари ҳаждаҳсолаеро хостгорӣ намуда, ба занӣ дод.

*Дӯсти беғараз ба чашмат нигоҳ мекунад, дӯсти боғараз ба дастат.

*Пайваста бо худ будан ба бехудӣ мебарад.

*Номи ман нест сабти пешонӣ,
То варо хонию маро донӣ.

*Модаре гуфт:
-Аҷаб дунеё! Як пора лаҳмеро, ки дирӯз дар бари ҷигарам буд, имрӯз дар ҷигарам пахш мекунам!

*Яке ба дигаре гуфт:
-Ҳамаи суханонат рост аст. Аммо рости фитнаангез. Иҷозат диҳед, Шуморо аблаҳ хонам.

*Мошинро ончунон босуръат ронд, ки ин ҷаҳонро дар як дам тай кард.

*Ду ҳамкор-дӯшизаи ҳаждаҳсола ва пирамарди шастсолаи муҷаррадро дар як ҳуҷраи корӣ ҷой доданд.
Сардори идораро тибқи қонун барои дар хатар гузоштани духтар ба суд кашиданд.

*Шавқ дар хун набошад, ҳама кори ту худнамоист.

*Шахсе нодор ба дорое даст дода вохӯрӣ намуду лаб ба шикоят бурд:

-Гушнаам!

Доро гуфт:

-Дастамро билес.

Гуфт:

-Чаро?

-Гуфт:

-Ин саҳар тухмбирён хӯрдаам. Дастонамро нашуста аз хона баромада будам.

*Соҳибақлон гӯш ниҳода, хап нишинанд. Беақлон гӯш намениҳанду ғавғо мекунанд.

*Соату рӯзҳои барабас рафтаамро ба чӣ метавон нисбат дод?-

Гумон мекунам, ҳар тори мӯйҳои сарамро якто-якто канда гирифтаанд!

*То таваллуд ҳеҷ кас будам. Баъд аз мурдан ҳеҷ кас хоҳам буд. Пас, чӣ пиндорам, ки имрӯз касе ҳастам!

*Пири кӯдакбон бо баҳонаи кӯдак худро хап медоронад.

*Яке дар шоҳмотбозӣ се маротиба пайи ҳам ба ҳарифи худ дастболо шуда, гуфт:

-Рав, шашка бозӣ кун!

*Ба чӯпон кор кардан дар ҳалқаи гургон осон нест. Тадбир он аст, ки гоҳо аз мешҳо ба вай ҳадяҳо диҳад.

*Ҳар гоҳе, ки Худо ва он дунё ба ёдаш мерасид, намоз мехонд.

Ва ҳар гоҳе, ки аз худ ва ин дунё ёд мекард, шароб менӯшид.

*Дар пирӣ аксар онҳое диндорони ашадӣ мешаванд, ки дар ҷавонӣ гунаҳкорони ашадӣ буданд.

*Ду лаҳза дар хотири ҳеҷ кас боқӣ нахоҳад монд: Лаҳзаи таваллуд ва лаҳзаи ҷон кандан.

*Ҳама гуна дорой бароям он вақт боиси ифтихор хоҳад буд, ки дигарҳо надошта бошанд.

* Аз худ муҷассамаи ҳақ матарош, ки ба зудӣ мешикананд.

Бигузор, муҷассамаи туро (дигарон) тарошанд, ки дершикан хоҳад буд.

* Як қадаҳ шароб як ҷуръа фазилати инсониро кам мекунад; як ракъат намоз як ракъат сифати инсониро зам.

* Ба хотири ҷалби бештари харидорон дар танаи шишаи арақ навиштанд: «Ҳалол».

* Баъд аз намоз хондан шароб бихӯрӣ, худро фиреб медиҳӣ.

Пас аз шароб хӯрдан намоз бихонӣ, Худоро мефиребӣ.

* Вақте ба демократия бовар хоҳам кард, ки дар шафати масоҷид майхонаҳо бунёд намоянд.

* Доно дарахтро об доду сабзонд. Аблаҳ ба бехи девор об рехт, то бияфтад.

* Имшаб хоб дидам, ки дар ҳалқаи бадмастон афтодаам.

Аз бӯйи даҳани онҳо ончунон маст шудам, ки саҳар калавида аз хоб бархостам.

* Такаббур кирмест, ки мағзи сари инсонро мехӯрад.

* Аҷиб… Мо моҳе як маротиба маош мегирему ҷӯгиён музди заҳматашонро ҳар рӯз талаб мекунанд.

* Тозагии сару либос ва тану гарданро рӯзҳои душанбе муайян мекунанд.

* Магасе, ки бисёр вингос занад, ба ҷони худ ҷабр мекунад.

* Восеъро расани дор дар гардан, ҷонаш ба танг омад, тасбеҳро канду чошу пош дод.

* Зинда бод судхӯрони миллат, ки муаллифи «Марги судхӯр»-ро Қаҳрамони миллат эълон карданд!

* Бо мақсади он, ки ӯро саҳар, расо соати ҳашт аз хоб бедор кунад, дар дасти хурӯсаш соат баст.

* -Шикаста бошам ҳам, шукр, ҳоло нарехтаам!
-Аҷаб… Пас, ту лобовой будай-ку!

* Зани оқил он аст, ки на танҳо фарзандон, балки шавҳари худро низ тарбия карда тавонад.

* Аҷаб замонае! Яке гули хӯрок мехӯраду дигаре гарди таом!

* Аз одами бехосият бемузд некӣ кунад ҳам, талаб макун.

* –Фалонӣ мурдаст, дарак ёфтӣ?
-Хайр, чӣ? Ин ҳодиса дар таърихи инсоният бори нахуст нест-ку!

* –Болои курсиҳоятонро, рафиқ сардор, як ваҷаб

чанг зер кардааст. О, ба фаррош як даҳан гӯед, тоза кунад, намешавад?!

-Шинед, тоза мешавад.

* Агар хоҳӣ, ки бегуноҳӣ омӯзӣ, бо кӯдакон нишин.

* Инак, зимистон ҳам фаро расид. Ғайри хунук чизе нест, ки бихӯрам.

* Саре, ки ба ҷуз парвариши шикам фикри чизе намекунад, сари ҳайвон аст.

* Хоб дидам, ки иҷозати ворид шудан ба биҳиштам додаанд. Вале дар дами дари биҳишт фариштае меситод, ки маро дидан замон доду афғон бардошт:

-Ӯро нагузоред, ки дарояд! Зеро дар он дунё ҳар рӯз масту аласт омада, аз ҷонам безор мекард!

Вай завҷаам буд.

* Қарз додану бахшидан як маънӣ доранд.

*Зиндагӣ аз барои талоши мақсадҳост, на барои маоши заҳматҳо.

*Марде, ки даъвои шоирӣ дошт, шеъре пуч гуфт.

Яке гуфт:

-- Бас кун, аз барои Худо! Нагӯ ин « шеърҳоро!».

Гуфт:

-Чаро?

Гуфт:

-Мабодо ҳофизони имрӯза шунаванд, дарҳол ба он оҳанг мебанданд.

* Як умр «Устоди гиромӣ» мегуфтамаш. Дидам, ки нашуд, миёни ҳарфи «г»-ро бастам.

* Мутрибони беҳунар дар даҳони карнай ҳам микрофон ниҳоданд.

* -Устод, китоби навам аз чоп баромад. Хондед?

-Не.

- Ҳеъ, аҷабо! Шумо мунаққид шуда, китобҳои адибонро намехонед, пас, мо, нависандагон барои кӣ менависем?!

* -Устод, ба назарам утоқи кории Шумо ким-чӣ хел, бӯйи бад мекунад?

-Ҳа, шогирд, мошин, ки кӯҳна шуд, аз пасаш дуд мебарорад!

*. –Устод! Шумо умри дароз мебинед! Ба сад медароед, ана мебинем!

-Чиро мебинӣ?! Чӣ, магар ту ба навад даромаданӣ ҳастӣ?!

* Ҳеҷ касро интизор машав. Бигузор, туро интизор шаванд.

* - Шеф, хоҳиш мекунам, як боракак дар хонаи ман меҳмон шавед, дар пеши поятон гӯсфанд мекушам!

-- Майлаш, майлаш, ягон вақт меҳмон мешавам…

-- Аммо тезтар, ки мабодо Шуморо аз кор бигиранд…

- Барои офаридани як асар чӣ қадр вақт лозим?

-На камтар аз нӯҳ моҳу нӯҳ шабу нӯҳ рӯз.

* Модарам ҳамеша ҳамин як суханро такрор мекард:

- Ҳаёт, бачам, бобот нест, ки доимо саратро сила кунад, набот нест, ки доимо даҳанат ширин бошад. Ризқи одам, бачам, аз доди Худо зиёд нест, дунё танг аст, агар дилут кушод нест…

# МУНДАРИЧА

Рози замин ..................................................5
Ҳикоёти манзум ....................................148
Баҳре, ки мехушкид… ..........................168
Яке гуфт, яке шунуфт ..........................181

**Садрӣ Умар**

**РОЗИ ЗАМИН**
***ПОВЕСТ***

Рассом *О. Шемелина*
Муҳаррири ороиш *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *М. Саидова*

Ба матбаа 15.08.2012 супорида шуд.
Чопаш 22.08.2012 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 13.75.
Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон.
734018. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев, 17а

Дар матбааи КММИИ «Аршан» ба табъ расидааст.
шаҳри Душанбе, кӯчаи Ҷаббор Расулов, 73/1
E-mail: varztm@mail.ru